ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 1 (091) (584.5):87.3(5Т)



АМОНДУЛЛОЕВ БЕГМУРОД САЛОМАТУЛЛОЕВИЧ

ФАЛСАФАИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА АБУАЛӢ ИБНИ СИНО
(таҳлили муқоисавӣ)

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мушовири илмӣ: **Содиқӣ Насиба Нуруллозода –** доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Муассисаи давлатии Маркази таълимии занон “Сарвар”

Муқарризони расмӣ: **Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ;
Сулаймонзода Баҳманёр Саидиҳсон – доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;
Султонзода Соқӣ Аслон – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия санаи «14» январи соли 2027, соати «14:00» дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «» _____ соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои фалсафа **Ҳаитов Ф.Қ.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Фалсафаи машшоияи шарқӣ дар таърихи фалсафа ҷойгоҳи вижа дошта, яке аз мактабҳои маъруфест, ки дар ташаккули афкори фалсафии ҷаҳониён, умуман ва тоҷикон, хоссатан, нақши муассире гузоштааст. Омӯзишу таҳқиқи андеша ва осори намояндагони ин мактаби фалсафӣ дар асоси методологияи илмӣ ва бо такя ба марҳилаҳои таърихии илму афкори фалсафӣ муҳим ва мубрам мебошад. Махсусан, таҳлили муқоисавии афкори фалсафии маъруфтарин чеҳраҳои ин мактаб, ба мисли Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино, бешубҳа, муҳим ва ҷавобгӯ ба талаботи замон аст. Зеро дар даврони шуравӣ, аслан, пажуҳиши масъалаҳое матраҳ мешуд, ки ба талаботи идеологияи ҳукмрон мувофиқ буд. Баъди ба даст овардани истиқлолият яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти илмии кишвар бознигарӣ ва муаррифии чеҳраҳои илмист, ки дар шароити таҳкими давлатдории миллӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши муассир доранд.

Ба алоқамандон маълум аст, ки миёни фалсафаи муосиру классикӣ тафовути ҷиддӣ ҷой дорад, аммо ин ҳаргиз ба он маъно нест, ки фалсафаи классикӣ кӯҳнаву нодаркор шуда бошад. Баръакс, фалсафаи классикӣ чун бунёди аслии фалсафаи муосир баромад намуда, ба шинохти воқеии ҷанбаҳои норавшани он мусоидат менамояд.

Зарурати таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур инчунин дар он аст, ки тоҷикон имрӯз дар шароити соҳибистиқлолӣ ба эҳёи фарҳанги гузаштаи аҷдодӣ рӯй оварда, раванди худшиносии миллиро тақвият мебахшанд. Пас зарурати таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи афкори фалсафии шахсиятҳои таърихии мо, махсусан мутафаккироне, ки дар ҳавзаҳои мухталифи илмии олам дар масоили гуногун ба осори онҳо такя мекунанд, амри зарурист.

Таҳлили муқоисавии афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино аз он ҷиҳат низ дорои аҳаммияти илмист, ки ҳамоҳангиву тафовути ақида ва андешаҳои ин ду симои асосии фалсафаи машшоияи шарқӣ баррасӣ гардида, ба дарки ҳамаҷонибаи ҷаҳонбинии онҳо имконият фароҳам меорад, ки дар соҳаҳои гуногуни илмҳои муосир, махсусан таърихи фалсафа, арзишманд аст.

Мубрам будани ин масъала дар сатҳи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ низ инъикос гардидааст. Аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг, бо дарназардошти оламшумул будани шахсияти Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино, осори ин ду нобиғаи сатҳи ҷаҳониро ба таври расмӣ эътироф намуда, андешаҳои онҳоро барои инкишофи илму маърифат, таҳкими фарҳанги таҳаммулпазирӣ, тарғиби ақлгароӣ ва пайвандсозии тамаддуни умумибашарӣ муҳим меҳисобад. Дар Конфронси генералии ЮНЕСКО, ки моҳи ноябри соли 2020 дар қароргоҳи ин созмон дар Париж баргузор шуд, намояндагони 193 кишвари ҷаҳон қатъномаи махсусро дар бораи ба тақвими байналмилалии санаҳои хотиравии соли оянда ворид намудани 1150-солагии олим ва ҳакими бузург Абунаср Ал-Форобӣ қабул карданд. Инчунин ин созмони бонуфуз пештар 1-уми октябри соли 1980 конференсияи байналмилалӣ ба муносибати таҷлили 1000-солагии Ибни Сино баргузор намуд. Яке аз нашрияҳои маҷаллаи расмии UNESCO «Courier» як шумораашро махсусан ба маводи конференсияе, ки ба хотири бузургдошти Ибни Сино баргузор шуда буд, бахшида, мушҳуртарин асари ӯ «ал-Қонун-фи-т-тиб»-ро чун сарчашмае нишон медиҳад, ки зиёда аз 700 сол дар Аврупо ва дигар давлатҳои ҷаҳон ҳамчун дастури асосии тиб истифода мешуд. Инчунин, аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии тандурустӣ (ВОЗ) сармояи беназири Абуалӣ ибни Сино дар асри XX эътироф гардида, он ҳамчун асосгузори

тибби классикӣ номбар шудааст.

Ҳамзамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва кормандони соҳаи тандурустӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил (01.09.2018) таъкид ба он доштанд, ки илму дониш дар миёни мардуми мо аз қадим мақоми хос дошт ва мардуми бофазлу ҳунари тоҷик ба ин манбаи маърифат ҳамеша арҷ мегузоштанд. Мо низ бояд суннатҳои неки гузаштагонамонро эҳтиром намоем, аз усулҳои муосири таълиму тарбия истифода кунем, доираи донишу маърифат ва камолоти маънавии насли навраси кишварамонро тавсеа бахшида, дар зеҳни онҳо эҳтиром гузоштан ба муқаддасот ва рукнҳои давлатдориро ҷой намоем, онҳоро дар руҳияи ватандӯстиву ҳисси баланди миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонем. Инчунин аз 23 майи соли 2026 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҳти № 1180 таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб низ гувоҳи равшани муҳим будани пажуҳиш дар ин соҳа аст.

Илова бар ин, мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар он аст, ки якчанд масъалаҳои баҳсталаби иҷтимоиеро, ки ниёз ба ҳаллу фасл доранд, низ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз ҷумла, муаррифии фарҳанги миллӣ ва нишон додани саҳми донишмандони ниёгони мо дар шаклгирии фарҳанги ҷаҳонӣ, дар ташаккули давлатдории миллӣ, дар бартараф сохтани ақидаҳои баъзе муҳаққиқоне, ки ба мансубияти иҷтимоии мутафаккирони мавриди назар диди воқеъбинона надоранд, барои ошкор намудани таносуб ва фарқияти афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ва нишон додани нақши онҳо дар рушди таърихи фалсафаи тоҷик кӯмак мекунад.

Дар баробари ин зарурати таҳқиқу баррасии илмии мавзуи мазкур дар он аст, ки тоҷикон имрӯз дар замони соҳибистиқлолӣ ба эҳёи фарҳанги гузаштаи аҷдодӣ рӯй оварда, раванди худшиносии миллиро таҳким мебахшанд, ки яке аз ҷанбаҳои он таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи афкори фалсафии шахсиятҳои таърихии мост; ҳамчунин нишон додани ҷойгоҳи мутафаккирони тоҷик дар раванди ташаккулёбии фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ва муаррифии афкори онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ; сабақ омӯхтан аз муҳтавои осори ин мутафаккирон бо мақсади таҳким бахшидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ки дар афкори сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо матраҳ мегардад; дар мустаҳкам намудани робитаҳои фарҳангии Шарқу Ғарб; дар шароити таъсирпазирӣ аз ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти рӯзафзуни фарҳангӣ, махсусан тобишҳои бегонашавии фарҳангӣ ва тамоюли насли наврас ба фарҳанги бегона, омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи таълимоти фикрии аҷдодӣ; равшан намудани таносуб ва тафовути афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино; нишон додани нақши ин мутафаккирон дар рушди таърихи фалсафаи тоҷик ва дарки дурусти моҳияти таълимоти онҳо, ки чун арзишҳои миллӣ баромад мекунанд.

Яке аз ҳадафҳои асосии мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додани афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар ин таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар осори ин ду абармарди таърихӣ шукуҳу шаҳомати илмии асримиёнагии миллати тоҷик инъикос ёфтааст. Фалсафаи ин давра сарчашмаи муҳиммест, ки фарҳангу тамаддуни тоҷик бо такя ба он метавонист ба таври ҷаҳишмонанд ташаккули минбаъдаи худро биёбад. Аммо бар асари бархӯрди дуруст надоштани гузаштагони мо ба чунин манбаъҳои илмӣ ақибмонии мо аз қавму миллатҳои дигар, махсусан ғарбиён, ки дар партави фалсафаи атиқа пешрафтҳои зиёде карданд, маълум

мегардад, ки ҷойи андешаву баҳс нест. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва муқоисаи осори ин ду олими забардасти тоҷик барои ташаккули фарҳанги миллӣ муҳим буда, аҳаммияти назариявию амалӣ доранд.

Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Пажуҳандагони сершуморе, аз қабили файласуфҳо, ҷомеашиносҳо, муаррихҳо, шарқшиносҳо ва ғайра то имрӯз дар бораи ҳаёту фаъолияти Форобиву Ибни Сино таҳқиқот анҷом додаанд, ки ҳамчун сарчашмаи назариявии баррасии масъалаи мавриди назар хизмат мекунанд ва мо дар ҷараёни таҳқиқ аз ин сарчашмаҳо ба таври васеъ истифода намуда, маълумоти дастрасро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. То имрӯз дар атрофи ҳаёту фаъолияти Форобиву Ибни Сино таҳқиқоти сершуморе сурат гирифтааст. Аз ҷумла, ҳанӯз дар асрҳои миёна ба таҳқиқи осори Форобиву Ибни Сино донишмандони зиёде таваҷҷуҳ намуда буданд, ки нисбатан маъруфтари онҳо Абиусайбия, [52] Ибни Асокир, [53] Ибни Надим, [54; 55] Ибн Рушд, [56; 57] Насириддини Тусӣ, [69; 106; 107; 108] Ибни Халликон, [60] Ибни Туфайл, [59] Қифтӣ, [65] Ёқути Ҳамавӣ [117] ва дигарон мебошанд, ки дар осорашон маълумоти ниҳоят арзишманде пиромуни афкору осор ва ҳаёту фаъолияти Форобиву Ибни Сино пешниҳод намудаанд. Чун ин сарчашмаҳо нисбатан ба даврони фаъолияти Форобиву Ибни Сино наздиктаранд, барои шинохти симои воқеӣ ва таълимоти фалсафии ин мутафаккирон ниҳоят муҳимманд, аммо дар онҳо таҳлили муқоисавию системавии фалсафаи ин ду мутафаккир хеле маҳдуд матраҳ мегардад.

Дар таҳқиқоти Забеҳуллои Сафо, [95] Ҳасан Муҳаммад Ҳарбӣ, [119] Галстон, [141] Осимӣ, [73;74] А. Баҳоваддинов, [30] ва ғайра афкори фалсафии Форобӣ бо андешаҳои донишмандони дигар, ба мисли Берунӣ, Ҳайдегер, Ал-Киндӣ ва Арасту мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

Муҳаққиқоне, ба мисли Саид Н.С., Аҳмадов С., Назаров М., [83] Сайфуллоев Н., [93; 94] Моҷид Фахрӣ, [68] Ачам Рафиқ, [25] Худойдодов Ф., [115] Сулаймонов Б., [102; 103] Обид Шукрӣ, [137] Ламмер Ҷеп, [144] Шатти Салуа, [140] Надя Герман [143] масоили гуногуни мантиқиро дар таълимоти Форобиву Ибни Сино таҳлилу баррасӣ намудаанд ва бо афкори ҳакимони Юнони бостон, махсусан Арасту, муқоиса кардаанд, ки дар ин пажуҳиш аз равиши кории онҳо ба таври васеъ истифода намудем. Ин асарҳо асосан ба масоили мантиқи Форобиву Ибни Сино дахл намуда, дар онҳо таҳлили муқоисавии муҳимтарин бахшҳои фалсафаи ин мутафаккирон мушоҳида намешавад.

Дар таҳқиқоти М.М. Шариф, [146] Ҳаммод Р., [142] Ҳанно Ал-Фохурӣ, [118] Ричард Ён, [80] Франс Розентал, [81] Саид Зайд, [92] Р. Абдуллоҳ, [1] М. Хайруллоев [110; 111; 112; 113; 114] ва З.Диноршоева [46; 131] паҳлӯҳои гуногуни таълимоти фалсафии Форобӣ таҳлил шудааст, аммо бо афкори фалсафии бузургтарин намояндаи минбаъдаи машшоия-Ибни Сино, мавриди муқоисаи муназзам қарор нагирифтааст.

Ба масоили фалсафаи амалии Форобиву Ибни Сино низ донишмандони зиёде таваҷҷуҳ намудаанд, ки нисбатан машҳуртарашон Диноршоев М., [39; 40; 41; 42; 43; 44; 45; 46] Содиқов А., [98; 99; 100] Комилов Р.С., [62; 63; 64] Диноршоева З., [46; 131] Саъд Форуқ, [96] Алиризо Садро, [91] Муҳаммад Ал-Баҳронӣ, [26] А.Ҷоҳиз, [122] М.М. Шариф, [146] Ризо Доварӣ [76; 77; 78; 79] ва дигаронанд. Дар таҳқиқоташон ин донишмандон ҷанбаҳои гуногуни фалсафаи амалии Форобиву Ибни Синоро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, сарчашмаҳо ва шароити зуҳури онро низ баррасӣ намудаанд, аммо аз муқоисаи системавӣ миёни афкори онҳо сарфи назар намудаанд.

Дар раванди омода намудани диссертатсия мо ба таҳқиқоти

донишмандоне, ба мисли А. Баҳоваддинов, [30] М. Диноршоев, [39; 40; 45] В.В. Бартолд, [27; 28; 29] М. Болтаев, [31; 32; 33] Н. Саид, [72; 84; 85; 86; 132; 133] Н.Н. Содиқӣ, [88; 89; 90] Зиёӣ Х., [51] С. Аҳмадов, [22; 23; 24] Ниёзӣ Ё., [70; 71] М. Раҳимов, [75] С. Ҷонбобоев, [48] И.Ғ.Зиёев, [50; 51] С. Султонзода, [136] М.Умедов, [109] Амирхон Ш.Т. [18] ва дигарон низ такя намудем, ки ба масоили матраҳнамудаи мо таваҷҷуҳ намудаанд. Аммо дар ин асарҳо низ таҳлили муқоисавии афкори фалсафии Форобиву Ибни Сино дида намешавад.

Ҳамин тавр, бо вуҷуди он ки дар бораи фаъолияти илмии Форобиву Ибни Сино таҳқиқоти зиёде анҷом ёфтаанд, аммо омӯзиши системавие дар масоили заминаҳои ташаккули таълимоти фалсафӣ, ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таъсири афкори онҳо ба ташаккули фалсафа бо равиши муқоисавӣ то кунун мавзуи таҳқиқи алоҳида ва ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ин масъала, бешубҳа, аҳаммияти илмӣ дорад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ ба нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳти унвони «Арзишҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии тоҷику форс ва нақши онҳо дар таҳкими худшиносии миллии тоҷикон» анҷом дода шудааст ва ҷузъи таркибии фаъолияти илмию таълимии ин кафедра мебошад.

Диссертатсияи мазкур дар доираи масъалаҳои меҳварии илми фалсафа ва таърихи афкори фалсафӣ таҳия шуда, инчунин бо самтҳои стратегии дорои аҳаммияти илмидоштаи кишварамон, пеш аз ҳама, бо «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» робитаи мустақим дорад ва дар эҳёи мероси маънавии гузаштагони миллатамон, таҳкими худшиносии миллӣ ба василаи шинохти афкори илмии аҷдодӣ мусоидат хоҳад намуд. Ҳамзамон таҳқиқоти мавриди назар бо «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» алоқамандии бевосита дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили амиқу ҳамаҷониба ва муқоисаи таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар доираи равиши таърихи фалсафа мебошад, ки дар натиҷа бояд андешаҳои фалсафии ин ду мутафаккир дар таносубу тафовут бо ҳамдигар муайян шаванд. Гузориши чунин мақсад ба ҳалли як масъалаи муҳим ва то ҳол пурра таҳқиқнашудаи илмӣ, яъне мушаххас намудани таносубу тафовути таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино равона гардидааст. Дар раванди таҳқиқот ин ҳадаф тавассути ҳалли як қатор масъалаҳои мубрам амалӣ мешавад, ки муҳимтаринашон мушаххас намудани заминаҳои ташаккули таълимоти фалсафии ин мутафаккирон, таҳлили мафҳумҳои меҳварии ҳастишиносиву маърифатшиносии онҳо, баррасии масъалаҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар афкори фалсафии онҳо ва муайян намудани таъсири афкори онҳо ба ташаккули фалсафа мебошад. Дар натиҷаи муқоисаву муқоринаи осору афкори ин мутафаккирон чойгоҳи онҳо дар муҳити илмӣ ва таъсири онҳо дар инкишофи илму фалсафа шояд мушаххас карда мешавад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Бо назардошти ҳадафи асосии таҳқиқот – таҳлили

муқоисавии таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ва муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар ташаккули минбаъдаи фалсафа, вазифаҳои зерин ҳамчун масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва мантиқан асосноки таҳқиқот муқаррар карда шудаанд:

- муайян кардани омилҳои иҷтимоӣ-таърихии ғустариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-XI;
- омӯзиши амиқи сарчашмаҳои асосии қоявии ташаккули афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино, амсоли фалсафаи Афлотуну Арасту, навафлотуния, яҳудия, масеҳия ва ғайра;
- таҳлили муфассали таъсири омили исломӣ дар ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино;
- муайян кардани мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино;
- ошкор намудани назари Форобӣ ва Ибни Сино дар бораи ҳаракат ва шаклҳои он;
- арзёбии масъалаи ҷавҳар ва араз дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино;
- ошкор намудани дидгоҳҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба маърифатпазирии олам;
- муайян намудани аҳаммияти назариявӣ ва амалии андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба шаклҳои маърифат;
- асоснок намудани масъалаи нафс дар таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ва кушодани имконоти маърифатии он;
- таҳлили андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба ахлоқ ва камолоти инсон;
- таҳқиқи масоили назариявии давлат ва ҷомеаи фозила дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино;
- арзёбии афкори фалсафаи сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино;
- муайян намудани ҷойгоҳи Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шаркӣ;
- нишон додани нақши мероси илмии Форобӣ ва Ибни Сино дар инкишофи фалсафаи исломӣ ва ғарбӣ;
- пешниҳоди тавсияҳои илмӣ барои истифода дар таълими фалсафа, таҳияи дастурҳои методӣ ва таҳкими маводи омӯзишии донишгоҳӣ.

Объекти таҳқиқот — мероси фалсафӣ ва низоми таълимоти фалсафии Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино дар маҷмуъ мебошад. Масъалаҳои умумияти назариявӣ ва хусусиятҳои хоси таълимоти фалсафии ин ду мутафаккирро дар масъалаҳои ҳастӣ ва моҳият, сабабият, робитаи ақл ва нафс, назарияи маърифат, мақоми инсон дар низоми ҳастӣ, камолоти маънавӣ ва ахлоқӣ, инчунин тасаввуроти онҳо дар бораи ҷомеаи некӯ ва давлатдории оқилона фаро мегирад.

Мавзуи таҳқиқот. Умумият ва тафовути ақидаҳои фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино оид ба масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таъсири афкори ин ду мутафаккир дар ташаккули фалсафа.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2021 дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз шуда, соли 2026 анҷом ёфтааст. Доираи таърихии таҳқиқот масъалаҳои марбут ба афкори фалсафии аҳди қадим, асрҳои миёна ва махсусан таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Синоро фаро мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Аз лиҳози назариявӣ таҳқиқоти мазкур

дар асоси осори Форобиву Ибни Сино, сарчашмаҳои юнонӣ, насронӣ, яҳудия, исломӣ ва ғайра таҳия шудааст. Илова ба ин таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки ба масоили форобишиносӣ ва синошиносӣ бахшида шудаанд, ҳамчун асоси назариявии таҳқиқот ба ҳисоб мераванд. Таҳқиқ ба таври хос ба ин раванд таваҷҷуҳ менамояд, ки чӣ гуна мутафаккирони барҷастаи тамаддуни асримиёнагии мо – Форобӣ ва Ибни Сино, бо такя ба мероси фалсафаи гузаштагонамон, ҳикмати Юнони бостон ва дар пайванд бо муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии замони худ низоми мустақили фалсафиро ташаккул доданд. Муаллиф кӯшиш намудаст, ки тавассути муқоисаи консептуалии фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино низоми асосноккунии илмии афкори фалсафии онҳоро ба таври амиқ тавсиф намояд. Яъне, асосҳои назариявии таҳқиқот на танҳо фарогири шарҳи заминаҳои фалсафист, балки бо мушаххас кардани холигии илмӣ дар ин қисмати соҳаи таърихи фалсафа, барои таҳияи модели нави таҳлилӣ дар илми фалсафа хизмат мекунад. Асарҳои фундаменталӣ роҷеъ ба омӯзиши фалсафаи машшоияи шарқӣ, махсусан фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино, ки аз ҷониби муҳаққиқони даврaҳои гуногун таълиф шудаанд, ҳамчун заминаи назариявӣ истифода шуданд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Маҷмуи усулҳо, равишҳо ва воситаҳои илмие, ки барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда, амалӣ сохтани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот хизмат мекунанд, асосҳои методологии таҳқиқотро ташкил додаанд. Дар таҳқиқоти мазкур методҳои диалектикӣ, таърихӣ-фалсафӣ, муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, усулҳои герменевтикӣ, мантиқӣ, абстраксия ва умумисозии илмӣ, реконструксияи илмӣ, таҳлили интиқодӣ ва аксиологӣ ҳамчун шеваи асосӣ ба кор рафтаанд.

Методи диалектикӣ ҳамчун асоси умумии таҳқиқот барои омӯзиши қонуниятҳои инкишофи афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино истифода мегардад. Ин метод имконият фароҳам оварда, ки муносибати байни ҳастӣ ва маърифат, модда ва сурат, ақл ва ваҳӣ, инчунин робитаи мероси классикӣ ва фалсафаи асримиёнагии шарқӣ муайян карда шавад.

Методи таърихӣ-фалсафӣ барои таҳқиқи заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва илмии ташаккули ҷаҳонбинии Форобӣ ва Ибни Сино истифода гардид. Бо ин равиш рушди афкори онҳо дар иртибот бо муҳити илмии асрҳои IX–XI ва таъсири фалсафаи классикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Ҳамзамон ҷойгоҳи онҳо дар инкишофи машшоияи шарқӣ муайян гардид.

Методи муқоисавӣ методи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Бо истифода аз он таносубу тафовути таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дар масоили заминаҳои ташаккули таълимоти ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таъсири афкори онҳо ба ташаккули афкори фалсафӣ ошкор гардид. Ин метод имконият фароҳам оварда, ки хусусияти навоварии андешаҳои фалсафии ин мутафаккирон муайян гардад.

Методи таҳлил барои ҷудо намудани унсурҳои алоҳидаи таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино истифода шуда, баъдан тавассути синтез байни онҳо робитаи мантиқӣ барқарор карда шуд. Дар натиҷа, низоми ягонаи муқоисаи андешаҳои Форобиву Ибни Сино таҳқиқ гардида, ҷойгоҳи афкори фалсафии онҳо дар рушди минбаъдаи ҷаҳонбинии илмӣ муайян карда шуд.

Методи герменевтикӣ барои таҳлил ва тафсири матнҳои аслӣ, ки аз сарчашмаҳои аввалия дастрас гардиданд, мавриди истифода қарор гирифт. Ин метод имконият дод, ки мазмун ва мақсади аслии мафҳумҳои фалсафии таҳқиқгардида, бо дарназардошти муҳити таърихӣ ва фарҳангии замони зиндагии мутафаккирон дуруст дарк карда шавад. Ҳамзамон дар ин раванд ихтилофҳои

тарҷума ва тафсири осори онҳо бартараф карда шуд.

Методи мантиқӣ барои омӯзиши сохтори дохилии андешаҳои фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино, таҳлили далелҳо, исботҳо ва робитаи мантиқии мафҳумҳои асосӣ истифода гардид. Ин метод махсусан ҳангоми таҳқиқи назарияҳои маърифатӣ – ақл, нафс, қиёс, бурҳон ва ғайра мавриди истифода қарор гирифт.

Методи таҷрид (абстраксия) ва умумиятдиҳии илмӣ барои ҷудо намудани хусусиятҳои муҳимтарини таълимоти ҳар ду мутафаккир ва ташаккули хулосаҳои умумии назариявӣ мавриди истифода қарор гирифта, муҳимтарин масъалаҳои матраҳнамудаи онҳо ҷамъбаст гардид ва аҳаммияти минбаъдаи афкори мутафаккирон барои фалсафаи муосир муайян карда шуд.

Тавассути методи реконструксияи илмӣ сарчашмаҳои таърихӣ аз нав баркарор карда мешавад. Ин равиш дар раванди муайянсозии низоми фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар асоси осори боқимондаи онҳо мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамзамон методи мазкур барои муайян намудани робитаи байни асарҳо ва муайян намудани асолати онҳо хидмат намуд.

Ба воситаи методи таҳлили интиқодӣ ақидаҳо, назарияҳо, мафҳумҳо, далелҳо ва сарчашмаҳои илмӣ омӯхта мешавад ва ҷанбаҳои мусбату манфӣ, бартариҳо, камбудиҳо ва мувофиқативу номувофиқатии онҳо муайян мегардад. Ин метод имконият фароҳам овард, ки дар асоси муқоисаи осори Форобӣ ва Ибни Сино тафовутҳои методологӣ ва баъзе назариёти онҳо, ки бо низоми фалсафии худашон мувофиқат намекунад, муайян карда шаванд.

Методи аксиологӣ барои муайян намудани арзишҳои инсонгароӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва тамаддунсозе, ки дар осори Форобӣ ва Ибни Сино таҷассум ёфтаанд, истифода гардид. Бо ин равиш аҳаммияти амалии таълимоти онҳо барои рушди ҷомеаи муосир, фарҳанги таҳаммулпазирӣ, худшиносии миллӣ ва муколамаи тамаддунҳо асоснок карда шуд.

Ҳамин тавр, истифодаи ин методҳо имконият фароҳам овард, ки таълимоти Форобиву Ибни Сино ҳамчун ду низоми мукаммали фалсафӣ ҳамаҷониба таҳлил гардида, умумият, хусусиятҳои фарқкунанда, қонуниятҳои рушди онҳо ва аҳаммияти назариявию амалии онҳо барои фалсафаи муосир нишон дода шавад.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот сарчашмаҳо, далелҳои аз нигоҳи илмӣ ва мантиқӣ асоснокшуда, маълумот, таҳлил ва натиҷаҳои воқеие мебошанд, ки дар раванди омӯзиши мустақими осор, муқоисаи консепсияҳо ва баррасии мантиқии матнҳо ба таври таҷрибӣ ба даст омада, асоси боэътимоди хулосаҳои илмии диссертатсияро ташкил медиҳанд.

Пойгоҳҳои таҳқиқот. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст. Диссертант барои анҷоми таҳқиқот аз имкониятҳои моддӣ-техникии Донишгоҳ ва кафедраи мазкур истифода намудааст. Донишгоҳ дорои инфрасохтори зарурӣ ва имкониятҳои моддӣ-техникӣ барои пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, толорҳои таълимӣ, китобхонаҳои тахассусӣ, дастрасӣ ба пойгоҳҳои электронии илмӣ ва захираҳои байналмилалӣ мебошад. Аз ҷумла, Донишгоҳ дорои китобхонаи электронӣ ва маъхази адабиёти классикӣ ва муосир оид ба фалсафа, мантиқ ва таърихи фалсафа мебошад, ки барои таҳлили амиқи манбаъҳои аслӣ ва назариявӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Илова бар ин, муҳити илмии кафедра ва иштироки фаъоли омӯзгорон дар раванди таҳқиқ имконият дод, ки диссертант дастрасӣ ба маслиҳатҳои тахассусӣ, муҳокимаҳои илмӣ, истифода аз аёниятҳои дар кафедра буда, аз ҷумла «Таснифоти системавии дониш ва илм», баргузории баҳсҳои методологӣ ва ғайра дошта бошад ва ҳамаи

инҳо шароити муҳиммеро ба миён оварда, барои ба даст овардани натиҷаҳои боэътимоди илмӣ мусоидат намуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар ҷараёни омӯзиши муқоисавии осори Форобӣ ва Ибни Сино натиҷаҳо ва хулосаҳои тозае ба даст омадааст. Навгониҳои кори диссертатсионӣ бо натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ҳосилшуда муайян ва ба таври зер мушаххас карда шудаанд:

1. Исбот карда шуд, ки раванди густариши афкори фалсафии Моваруннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI дар заминаи мактабҳои фалсафии классикӣ ва ҳамбастагӣ бо густариши тамаддуни исломӣ ташаккул ёфтааст;

2. Асоснок карда шуд, ки таъсири фалсафаи Афлотуну Арасту, навафлотуния, яҳудия ва масеҳия ба ташаккули афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино нақши назаррас дорад;

3. Муайян карда шуд, ки афкори исломӣ дар ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино таъсири бевосита дорад;

4. Бори аввал ба таври муқоисавӣ мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино аз нигоҳи илмӣ муайян карда шуд;

5. Нишон дода шуд, ки дар фалсафаи машшоияи шарқӣ Форобӣ заминаи назариявии ҳаракат ва шаклҳои онро фароҳам овардааст ва Ибни Сино онро инкишоф дода, ба авҷи камол расонидааст;

6. Равшан карда шуд, ки миёни афкори Форобиву Ибни Сино дар масъалаи ҷавҳар ва араз, бо вуҷуди ҳамоҳангӣ, баъзе нуктаҳои фарқкунанда ҳам вуҷуд доранд. Зеро аз назари Форобӣ ҷавҳар ба таври умумӣ ифодагари ҳақиқати ашёст, вале Ибни Сино ҷавҳари куллро дар зеҳн ва ҷавҳари фардро берун аз он тасаввур мекунад. Ё худ Форобӣ ақлҳоро ҷавҳарҳои муҷаррад меҳисобад ва дар доираи метафизикӣ баррасӣ мекунад, аммо Ибни Сино бошад, онро аз доираи сирф метафизикӣ берун карда аст;

7. Муайян гардид, ки дидгоҳҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба маърифатпазирии олам бо вуҷуди умумиятҳо тафовути бунёдӣ низ дорад. Форобӣ ва Ибни Сино ҳар ду ҳисро сарчашмаи ибтидоии маърифат медонанд, аммо аввалӣ ба тасаввур ва дуюмӣ ба эҳсоси ботинӣ бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Ҳар ду мутафаккир дар масъалаи идроки олам аз ҷониби инсон ба қудрати ақл баҳои мусбат медиҳанд, аммо Муаллими сонӣ ба мантиқу таҷриба бештар такя мекунад, вале аҳёнан Шайхурраис аз доираи баҳси фалсафӣ берун меравад ва ба илоҳиёту ирфон майл мекунад, махсусан дар мавриди ақли фаъол;

8. Равшан карда шуд, ки таълимоти Форобиву Ибни Сино дар масъалаи нафс гуногунҷабҳа буда, Форобӣ онро чун як қисмати космологӣ баррасӣ мекунад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба он асосан чун василаи маърифати олам ва сарчашмаи идроку тафаккуру ақл муносибат мекунад;

9. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ нишон дода шуд, ки бисёр масъалаҳои фалсафаи амалии Форобӣ ва Ибни Сино, аз ҷумла масъалаҳои инсон, ахлоқ, ҷомеа ва давлат, барои ҳалли мушкилоти фалсафаи муосир, рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва таҳкими муколамаи тамаддунҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

10. Мушаххас карда шуд, ки Форобӣ аввалин мутафаккирест, ки низоми мукаммали фалсафаи сиёсӣ ва мантиқи Арастуро бо ҷаҳонбинӣ ва ақоиди исломӣ омезиш дода, консепсияи давлатдории афлотуниро азнавсозӣ кард ва заминаи фалсафаи сиёсии шарқиро гузошт. Ибни Сино бошад, бо такя ба он дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ навовариҳои зиёде ворид намуда, дар рушди фалсафаи ҷаҳонӣ нақши созанда бозидааст.

11. Консепсияи ягонаи фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар заминаи арзишҳои давлатдории дунявӣ ва ҳуқуқбунёд асоснок карда шуд, ки минбаъд имконияти татбиқи амалии он дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо имконпазир аст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Асоснок карда шудааст, ки заминаҳо ва омилҳои иҷтимоӣ-таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ташаккул ва рушди афкори фалсафӣ дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX–XI муайян ва нақши онҳо дар ташаккули муҳити илмӣ ва фалсафии минтақа . Муайян гардидааст, ки ташаккули давлатҳои нисбатан мустақил, рушди шаҳрҳо ҳамчун марказҳои маъмурӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ, густариши муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва тарҷумаи осори фалсафии тамаддунҳои гуногун барои инкишофи тафаккури назариявӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Дар ин замина саҳми Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар муназзамсозии донишҳои фалсафӣ, такмили истилоҳоти илмӣ ва ташаккули анъанаи мустақили фалсафии Шарқи асримиёнагӣ муайян карда шудааст.

Бори аввал муайян карда шуд, ки новобаста аз он ки ақидаҳои фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино мушобиҳати зиёди шакливу маъноӣ доранд, тафовути ҷавҳарӣ низ дар онҳо мушоҳида мешавад. Форобӣ дидаву дониста андешаҳои фалсафии худро пардапечона ва бо рамзу роз баён намудааст, то моҳияти онро танҳо аҳли ҳикмат пай бурда тавонанд. Ибни Сино бошад, мекӯшид, ки бо иборoти фаҳмову сода афкорашро баён кунад. Форобӣ дар масоили зиёди фалсафӣ меъёри воқеиятро афкори ҳакимони юнонӣ, махсусан андешаҳои Афлотуну Арасту меҳисобид, Ибни Сино бошад, танҳо ҳамон андешаҳои ҳакимони юнониро мепазируфт, ки исботи мантиқӣ дошта бошанд ва дар тарозуи ақл бигунҷанд. Форобӣ бештари афкори фалсафиашро бо такя ба Афлотуну Арасту баён намудааст, дар ҳоле ки Ибни Сино барои дарёфти ҳақиқат ба ақлу мантиқ такя мекард, на ба андешаи ҳакимон.

2. Муайян карда шуд, Форобӣ ва Ибни Сино аз навоварону назарияпардозон ва муассисони фалсафаи навин дар масоили онтологӣ буда, масъалаҳои матраҳнамудаи онҳо минбаъд мавзуи таҳқиқоти файласуфони зиёде қарор гирифтааст. Форобӣ масоили ҳастишиносиашро ба ду бахш ҷудо мекунад. Дар бахши аввал, мабоҳиси куллии ҳастӣ, ба мисли вуҷуду моҳият, ҳастии билқувва ва билфеъл, ҷавҳару араз, иллату маълул ва амсоли инҳо таҳлилу баррасӣ мегарданд. Дар бахши дуюм, масоили марбут ба Воҷиб-ул-вуҷуд, сифот ва афъоли вай, дар робита бо далелҳои исботи ҳастии ӯ матраҳ мегарданд. Ибни Сино таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф ва аз таъриф бениёз ҳисобида, ба он маротиби панҷгона қоил аст. Мутафаккир дар заминаи назарияи таҷавҳури аҷсом ҳастиро ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо мекунад ва атрофи ин мафҳумҳо ва шаклҳои онҳо баҳси муфассале меорояд, ки дар асоси онҳо тафовути равиши ӯ аз усули мутакаллимон ва табиатшиносон равшан мешавад. Бори аввал муайян шуд, ки баъзе истилоҳоти ҳастишиносӣ ба маъноҳои гуногун шарҳ дода шудаанд.

Ошкор карда шудааст, ки Форобӣ ва Ибни Сино ҳаракатро яке аз хусусиятҳои муҳимми мавҷудияти модда донистаанд. Форобӣ мафҳуми ҳаракатро танҳо бо ҷойивазкунии ҷисмҳо маҳдуд накарда, ба вуҷуд омадан, аз байн рафтан ва дигаргуншавии ашёву падидаҳоро низ ба доираи он дохил намудааст. Асоснок карда шудааст, ки баррасии ҳаракат ҳамчун шакли умумии тағйирот ва инкишоф

дар таълимоти Форобӣ дорои аҳаммияти назариявию методологӣ буда, дар фаҳмиши фалсафии робитаи мутақобилаи ҳаракат, замон ва ҳастӣ нақши муҳим дорад.

Сарчашмаҳои асосии назариявӣ ва ғоявии ташаккули фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино муайян гардида, хусусиятҳои таъсири мероси фалсафии Афлотун, Арасту, навафлотуния ва анъанаҳои динӣ-фалсафии яҳудӣ, масеҳӣ ва исломӣ ба низоми андешаҳои онҳо таҳлили муқоисавӣ шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки ҳар ду мутафаккир мероси фалсафии пешинаро на ба таври механикӣ қабул кардаанд, балки онро дар заминаи масъалагузориҳои замони худ бознигарӣ намуда, бо ворид кардани тафсир ва хулосаҳои мустақил ба ташаккули низоми фалсафии хеш мусоидат кардаанд. Ҳамзамон, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи муносибати онҳо ба масъалаи ҳамоҳангсозии ақл ва дин, фалсафа ва ваҳй, инчунин истифодаи усулҳои мантиқӣ дар шарҳи масъалаҳои метафизикӣ ошкор карда шудаанд.

3. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи таълимоти ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино дар масъалаҳои вуҷуд, моҳият, ҷавҳар, араз ва робитаи иллату маълул муайян карда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки ҳар ду мутафаккир ҳастиро ҳамчун масъалаи бунёдии фалсафа баррасӣ намуда, барои шарҳи сохтор ва низоми мавҷудот аз мафҳумҳои умумии метафизикӣ истифода кардаанд. Бо вуҷуди ин, дар низоми фалсафии Форобӣ масъалаҳои ҳастӣ бештар дар робита бо тартиби сабабии мавҷудот ва назарияи судур баррасӣ гардида, Ибни Сино бо таҳлили амиқи фарқияти вуҷуд ва моҳият, инчунин ҷудо намудани Воҷиб-ул-вуҷуд аз мумкин-ул-вуҷуд ба ин масъалаҳо мазмуни мукаммалтари назариявӣ бахшидааст. Дар ин замина хусусиятҳои идомаи андешаҳои Форобӣ ва инкишофи эҷодкоронаи онҳо дар таълимоти Ибни Сино муайян карда шудаанд. Дар асоси муқоисаи таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино оид ба ҳаракат, замон ва макон хусусиятҳои тафсир ва таснифи ин мафҳумҳо, инчунин робитаи мутақобилаи онҳо бо ҷисм, модда ва сабаб муайян карда шудаанд. Муқаррар гардид, ки Форобӣ ҳаракатро ҳамчун асоси тағйироти ҷисмҳо баррасӣ намуда, онро ба чор шакл — маконӣ, вазъӣ, миқдорӣ ва сифатӣ ҷудо мекунад. Ӯ ҳаракати ҷавҳариро эътироф накарда, ҳаракатро дар доираи тағйироти аразии ашё шарҳ медиҳад ва мавҷудияти замону маконро бо ҳаракати ҷисмҳо ва ҷойгоҳи онҳо алоқаманд медонад. Аз ин рӯ, дар таълимоти ӯ замон бе ҳаракат маънои мустақили вуҷудӣ надорад ва макони мутлақан холӣ низ инкор карда мешавад.

Дар таълимоти Ибни Сино масъалаи ҳаракат нисбат ба Форобӣ бо тафсилоти бештар ва аз рӯйи се меъёри таснифӣ таҳлил шудааст: гузариш аз қувва ба феъл, манбаъ ё тарзи пайдоиши ҳаракат ва хусусияти ҷараёни он. Дар доираи таснифи аввал ҳаракати маконӣ, вазъӣ, миқдорӣ ва сифатӣ фарқ карда мешавад; таснифи дуюм ҳаракатҳои аразӣ, қасрӣ ва табииро дар бар мегирад; таснифи сеюм бошад, ҳаракатҳои даврӣ ва мустақимро фаро мегирад. Муайян карда шуд, ки Ибни Сино, бо такя ба заминаҳои назариявии фалсафаи Арасту ва Форобӣ, таснифи ҳаракатро муназзамтар намуда, меъёрҳои гуногуни таҳлили онро аз ҳам ҷудо кардааст.

Ҳамзамон, дар масъалаи замон ва макон низ ҳамоҳангӣ ва тафовути назарҳои ин ду мутафаккир ошкор карда шуд. Ҳар ду замонро бо ҳаракат алоқаманд намуда, онро бе ҳаракат қобили тасаввур намедонанд. Форобӣ замонро ҳамчун падидаи вобаста ба ҳаракати ҷисмҳо шарҳ диҳад, Ибни Сино

онро ҳамчун миқдори ҳаракат муайян намуда, робитаи байни замон, ҳаракат ва маконро дар доираи таҳлили фалсафӣ муфассалтар асоснок мекунад. Навгонии таҳқиқот дар муайян намудани он ифода меёбад, ки дар таълимоти Ибни Сино масъалаҳои ҳаракат, замон ва макон на танҳо идомаи андешаҳои Форобӣ, балки натиҷаи такмил ва низоммандсозии эҷодкоронаи онҳо мебошанд.

4. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии таълимоти ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино масъалаи ҷавҳар ва араз, муносибати байни онҳо ва мақоми ҷавҳарҳои аввалия ва сонавия дар низоми фалсафии ҳар ду мутафаккир мушаххас карда шудааст. Муайян гардид, ки ҳар ду файласуф дар шарҳи ин масъалаҳо ба анъанаи метафизикии Арасту такя намуда, ҷавҳарро ҳамчун асоси мустақили ҳастии ашё ва аразро ҳамчун хусусияте, ки бе такя ба ҷавҳар вуҷуд дошта наметавонад, баррасӣ мекунанд. Бо вуҷуди ин, Ибни Сино таълимоти арастуиро танҳо такрор накарда, бо такя ба дастовардҳои мантиқӣ ва метафизикии пешгузаштагони худ, аз ҷумла Форобӣ, масъалаи ҷавҳарро дар робита бо фарқи байни ҳастии воқеии ашё ва тарзи даркшавии онҳо таҳлили амиқтар менамояд. Дар ин замина, ӯ Воҷиб-ул-вуҷудро берун аз доираи тақсимоти ҷавҳар ва араз баррасӣ карда, мустақилияти ҳастии онро аз категорияҳои мавҷудоти мумкин асоснок месозад.

Ҳамзамон дар таҳқиқот умумият ва тафовути мавқеи ин ду мутафаккир нисбат ба ҷавҳарҳои аввалия ва сонавия муайян карда шудааст. Форобӣ бо истифода аз ин мафҳумҳо мақоми ашёи ҷузъӣ ва мафҳумҳои куллиро дар низоми ҳастӣ ва маърифат шарҳ медиҳад. Ибни Сино бошад, ин масъалаҳоро бо фарқгузории дақиқи мавҷудияти ашёи ҷузъӣ дар воқеият ва мавҷудияти мафҳумҳои куллӣ дар зеҳн инкишоф дода, нишон медиҳад, ки куллият ҳамчун хусусияти мафҳум дар зеҳн вуҷуд дорад, дар ҳоле ки дар воқеияти хориҷӣ ашё ба сурати фардӣ ва мушаххас мавҷуданд. Ҳамин тариқ, навгонии таҳқиқот дар ошкор намудани тафовути равиши ин ду мутафаккир дар шарҳи муносибати ҷавҳарҳои аввалия ва сонавия, инчунин муайян кардани саҳми Ибни Сино дар амиқтар намудани таҳлили ҳастишиносӣ ва мантиқии ин масъала ифода меёбад.

Инчунин, дар натиҷаи муқоисаи таълимоти онҳо мақоми ақлҳо ва нафс ҳамчун ҷавҳарҳои ғайримоддӣ муайян карда шудааст. Форобӣ ақлҳоро дар робита бо низоми кайҳонӣ, нуфуси самовӣ ва назарияи судур баррасӣ намуда, ба онҳо мақоми ҷавҳарҳои муҷаррад медиҳад. Ибни Сино бошад, масъалаи ҷавҳарияти нафси инсонро тавассути далели мавҷуд набудани он «дар мавзуъ» асоснок намуда, мустақилияти ҳастии нафсро аз ҷисм ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимми фалсафаи худ таҳлил мекунад.

5. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи таълимоти маърифатшиносии Форобӣ ва Ибни Сино, аз ҷумла муносибати онҳо ба маърифати олам, нақши ҳис ва ақл, марҳилаҳои идрок ва аҳаммияти Ақли фаъол муайян карда шудаанд. Муқаррар гардид, ки ҳар ду мутафаккир оламро ҳамчун низоми муназзам ва маърифатпазир баррасӣ намуда, раванди шинохти воқеиятро аз идроки ҳиссӣ оғозёбанда ва тавассути фаъолияти ақл такмилёбанда медонанд. Бо вуҷуди ин, дар низоми фалсафии Форобӣ масъалаи маърифат бештар дар робита бо мантиқ, назарияи ақл ва гузариш аз тасаввуроти ҳиссӣ ба дарки маъқулот таҳлил мешавад. Ӯ ба фаъолияти мутақобилаи ҳис, қувваи хаёл ва ақл аҳаммият дода, ақли фаъолро омили ба феъл табдил ёфтани ақли билқувва ва дарки маъқулот мешуморад.

Ибни Сино бошад, масъалаи маърифатро бо фарогирии ҷанбаҳои мантиқӣ, равонӣ ва физиологии фаъолияти нафс муфассалтар таҳлил намуда, сохтор ва вазифаҳои қувваҳои идрокиро мушаххас мекунад. Дар таълимоти ӯ ҳисҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, аз ҷумла ҳисси муштарак, хаёл, мутахаййила, ваҳм ва ҳофиза, дар ташаккули маърифат нақши муайян доранд. Ин қувваҳо заминаи фаъолияти ақлро фароҳам оварда, барои дарки маъқулот ва ташаккули донишҳои назариявӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, Ибни Сино масъалаи ҳадсро ҳамчун қобилияти махсуси дарёфти ҳадди васат дар қиёси мантиқӣ таҳлил намуда, онро яке аз омилҳои муҳими суръат ва самаранокии фаъолияти ақлӣ мешуморад.

Дар натиҷаи муқоиса муайян карда шуд, ки ҳар ду мутафаккир ҳисро марҳилаи ибтидоии маърифат ва ақлро зинаи олии он эътироф мекунанд, аммо фарқияти асосӣ дар дараҷаи тафсил ва усули таҳлили раванди идрок зоҳир мегардад. Форобӣ бештар ба робитаи мантиқии марҳилаҳои маърифат ва мақоми ақли фаъол дар ташаккули дониш таваҷҷуҳ зоҳир намуда, Ибни Сино бошад, механизмҳои фаъолияти қувваҳои ҳиссӣ ва ботинӣ, муносибати онҳо бо ақл ва нақши ҳадсро ба таври муфассалтар асоснок менамояд. Аз ин рӯ, навгонии таҳқиқот дар ошкор намудани фарқияти равиши маърифатшиносии ин ду мутафаккир ва муайян кардани хусусияти низомманду тафсилёфтаи таҳлили қувваҳои идрокӣ дар таълимоти Ибни Сино ифода меёбад.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ мавқеи Форобӣ ва Ибни Сино оид ба масъалаи ҳудус ва қидами олам, инчунин робитаи ҳастии олам бо сабаби аввал муайян карда шудааст. Муқаррар гардид, ки ҳар ду мутафаккир пайдоиш ва ҳастии оламро дар доираи низоми сабабият ва назарияи судур шарҳ дода, онро аз мавҷудияти сабаби аввал вобаста медонанд. Дар таълимоти Форобӣ қадимии Ҳудо хусусияти зотӣ дошта, қидмати олам бошад, нисбӣ ва вобаста ба сабаби аввал маънидод мешавад. Яъне, олам ҳамчун натиҷаи судури низомманди мавҷудот аз мабдаи аввал баррасӣ гардида, ҳастии он бе сабаби нахустин имконнопазир аст.

Ибни Сино низ қадим будани замонии оламро бо вобастагии куллии он аз Воҷиб-ул-вуҷуд пайванд медиҳад. Тибқи таълимоти ӯ, олам аз лиҳози замонӣ оғоз надошта бошад ҳам, аз лиҳози зотӣ мумкин-ул-вуҷуд буда, ҳастии худро танҳо тавассути сабаби аввал ба даст меорад. Ба ибораи дигар, қидмати олам маънои мустақил ва худбасанда будани онро надорад, зеро вуҷуди он ҳамеша ба Воҷиб-ул-вуҷуд вобаста аст.

Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки ҳар ду мутафаккир масъалаи қидами оламро аз доираи тафсири сирф замонӣ берун бароварда, онро дар заминаи робитаи сабаб ва натиҷа, инчунин вобастагии мавҷудоти мумкин аз мабдаи аввал шарҳ додаанд. Бо вуҷуди ин, дар таълимоти Ибни Сино фарқгузории байни мумкин будани олам аз лиҳози зотӣ ва зарурияти ҳастии он тавассути сабаби дигар мақоми махсуси назариявӣ касб мекунад. Навгонии таҳқиқот дар ошкор намудани умумияти асосҳои метафизикии мавқеи ин ду мутафаккир ва муайян кардани фарқияти тарзи асосноккунии вобастагии олам аз сабаби аввал дар таълимоти онҳо ифода меёбад.

6. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ муайян карда шудааст, ки таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дар бораи нафс дорои ҷанбаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносӣ буда, масъалаи муносибати нафс бо ҷисм, қувваҳои нафсонӣ ва бақои он баъди маргро фаро мегирад.

Форобӣ нафсро ҳамчун камоли аввали ҷисми табиӣ баррасӣ намуда, масъалаи қувваҳои нафсонӣ, робитаи онҳо бо ҷисм ва расидан ба саодатро дар доираи низоми умумии кайҳонӣ таҳлил кардааст. Ибни Сино бошад, бо такя ба таҳлили ҷавҳарии нафси инсонӣ, мустақилияти ҳастии он аз ҷисм ва хусусиятҳои маърифатии нафси нотиқа ин масъалаҳоро амиқтар инкишоф додааст. Ҳамин тариқ, умумият ва фарқияти равишҳои онҳо дар шарҳи моҳият, сохтор, вазифаҳои нафс ва имконоти маърифатии он муайян карда шудааст.

7. Муқаррар гардидааст, ки таълимоти ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино дар заминаи пайванди дониш, фазилат, саодат ва камолоти инсон ташаккул ёфта, дорои умумиятҳои ғоявӣ ва фарқиятҳои назариявию методологӣ мебошад. Муайян карда шудааст, ки Форобӣ саодати ҳақиқиро ҳамчун мақсади ниҳоии фаъолияти инсон баррасӣ намуда, расидан ба онро бо дониш, фазилати ахлоқӣ ва зиндагӣ дар ҷомеаи фозила алоқаманд месозад. Ибни Сино бошад, масъалаҳои ахлоқро дар робита бо некӣ, адолат, камолоти нафс ва танзими рафтори инсон таҳлил намуда, ба заминаҳои ақлӣ ва амалии худтакмилдиҳии шахс таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар ин замина хусусиятҳои фарқкунандаи дидгоҳҳои онҳо оид ба моҳияти фазилат, саодат ва нақши тарбияи ахлоқӣ дар камолоти инсон муайян карда шудаанд.

8. Асоснок карда шудааст, ки таълимоти иҷтимоию сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккул ва рушди фалсафаи сиёсии Шарқи асримиёнагӣ ва анъанаи машшоияи шарқӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ муайян гардидааст, ки Форобӣ консепсияи ҷомеаи фозиларо дар асоси ҳамоҳангии дониш, фазилат, саодат ва роҳбарии оқилона таҳия намуда, масъалаи сохтор ва вазифаҳои давлатро бо мақсади расидан ба камолоти ҷамъиятӣ баррасӣ кардааст. Ибни Сино бошад, бо таъкиди хусусияти иҷтимоии инсон, зарурати ҳамзистии ҷамъиятӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути қонун ва таъмини адолат ҷанбаҳои амалии фалсафаи сиёсиро инкишоф додааст. Ҳамзамон нақши ҳар ду мутафаккир дар рушди мактаби машшоияи шарқӣ, муназзамнамоии донишҳои фалсафӣ ва таъсири мероси онҳо ба таҳаввули минбаъдаи афкори фалсафии Шарқу Ғарб муайян карда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он аст, ки бори аввал умдатарин бахшҳои таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино бо усули муқоисавӣ таҳқиқ шуда, дар сатҳи назариявӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада аз ин таҳқиқот чун саҳми назариявӣ дар таҳлилу баррасии мушкилоти масоили фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ба ҳисоб меравад. Дар раванди таҳқиқот муҳимтарин хусусиёти фалсафаи ин ду мутафаккир, умумият ва тафовути афкори фалсафии онҳо ва ҷойгоҳи Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқиву нақши мероси илмии онҳо дар инкишофи фалсафаи минбаъда муайян гардидааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот низ назаррас буда, натиҷаҳои он метавонанд дар таҳия ва таълими барномаҳои таълимӣ дар самтҳои «Фалсафа», «Мантиқ», «Таърихи фалсафа» ва «Фалсафа ва методологияи илм» истифода шаванд. Хулосаҳои таҳлилии пешниҳодшуда метавонанд барои донишҷӯён, муҳаққиқон ва устодони соҳа ҳамчун воситаи методологӣ хизмат кунанд. Илова бар ин, таҳқиқ заминаи зарурӣ барои таҳияи дастурҳои таълимӣ ва илмию методӣ фароҳам оварда, барои баланд бардоштани сатҳи таҳлилгарии илмии муҳаққиқони ҷавон ва

таҳқиқи афкори фалсафии Шарқ мусоидат менамояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо асоснокии заминаҳои назариявию методологӣ, истифодаи маҷмуии сарчашмаҳои аслӣ ва адабиёти илмӣ, татбиқи усулҳои муосири таҳқиқоти фалсафӣ ва муқоисавӣ, инчунин мутобиқати хулосаҳои бадастомада ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот таъмин гардидааст.

Асоснокии илмии натиҷаҳо тавассути истифодаи усулҳои таърихӣ-фалсафӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ, герменевтикӣ, мантиқӣ, системавӣ ва таърихӣ таъмин шудааст. Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳои диссертатсия ҳамчунин бо он асоснок мегардад, ки ҳангоми таҳлили масъалаҳои баҳсталаб мавқеъҳои гуногуни илмӣ муқоиса ва арзёбӣ гардида, хулосаҳои муаллиф дар асоси далелҳои назариявӣ ва сарчашмаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо инчунин аз мутобиқати мантиқии мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот бо натиҷаҳои бадастомада, пайдарҳамии таҳлили масъалаҳо ва робитаи байни муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои диссертатсия бармеояд. Ҳар як натиҷаи асосӣ аз таҳлили маводи мушаххаси илмӣ бароварда шуда, бо муҳтавои бобҳо ва зербобҳои таҳқиқот алоқаманд мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада бо муқоисаи онҳо бо дастовардҳои мавҷудаи илмӣ, таҳлили интиқодии адабиёти соҳавӣ ва апробатсияи муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва нашри мақолаҳои илмии довталаб низ тақвият меёбанд. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмии муаллиф инъикос гардида, мавриди муҳокимаи ҷомеаи илмӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ ва адабиёти муътабари илмӣ, интихоби методологияи мувофиқ, истифодаи маҷмуии усулҳои таҳқиқот, таҳлили муқоисавию интиқодии мавқеъҳои илмӣ, пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот ва апробатсияи натиҷаҳои он таъмин гардида, барои асоснок донистани хулосаҳо ва муқаррароти илмии пешниҳодшуда заминаи кофӣ фароҳам меорад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи мазкур, ки ба омӯзиши таҳлили муқоисавии таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино бахшида шудааст, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 6.3.2. Таърихи фалсафа пурра мутобиқат дорад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, масъалаҳои асосии фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар заминаи таҳлили муқоисавӣ мавриди омӯзиши муназзам ва ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян намуда, заминаҳои назариявию методологии муқоисаи таълимоти ду мутафаккирро таҳия ва доираи сарчашмаҳои фалсафӣ ва илмии марбут ба мавзуъро интихобу таҳлил намудааст.

Дар диссертатсия довталаб мустақилона хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи андешаҳои Форобӣ ва Ибни Синоро дар бахши ҳастӣ, маърифат, инсон, ақл, нафс, ахлоқ, ҷомеа, давлат, адолат, саодат ва дигар масъалаҳои бунёдии фалсафӣ муайян ва мавриди муқоиса қарор додааст. Дар ин замина робитаи мантиқии масъалаҳои онтологӣ, гносеологӣ, инсоншиносӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсӣ дар низоми фалсафии ҳар ду мутафаккир ошкор карда шудааст.

Саҳми мустақими муаллиф ҳамчунин дар муайян намудани асосҳои методологии таҳлили муқоисавии мероси фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино зоҳир

мегардад. Довталаб бо истифода аз методҳои таърихӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, низомнокӣ, таҳлил ва синтез кӯшиш намудааст, ки на танҳо умумият ва тафовути ақидаҳои мутафаккиронро нишон диҳад, балки заминаҳои таърихию фалсафӣ ва мантиқии ташаккул ва рушди онҳоро низ муайян намояд.

Муаллиф дар асоси таҳлили осори аслии Форобиву Ибни Сино ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавқеи мустақили илмии худро пиромуни масъалаҳои мавриди омӯзиш асоснок намуда, дараҷаи ташаккули ғояҳо ва ҳамзамон хусусияти мустақили низоми фалсафии Ибни Синоро нисбат ба мероси фалсафии Форобӣ муайян кардааст. Аз ҷумла, нишон дода шудааст, ки муносибати ин ду мутафаккирро танҳо ҳамчун таъсирпазирии яктарафа арзёбӣ намудан кофӣ набуда, он бояд дар заминаи рушди пайдарпай ва эҷодкоронаи анъанаҳои фалсафии машшоия таҳқиқ карда шавад.

Ҳамзамон, саҳми шахсии довталаб дар таҳияи хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва пешниҳодҳои илмии диссертатсия ифода меёбад. Муқаррароти асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои муқоисавӣ ва хулосаҳои ҷамъбастии таҳқиқот натиҷаи таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст ва мавқеи мустақили илмии муаллиф мебошанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, якчанд маротиба муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Баъзе аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқ дар шакли монография, мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тахассусии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмиву амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои гирд ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар конференсияҳои байналмилалӣ:

- Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ» – маъруза дар мавзуи «Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абӯнасри Форобӣ». –Душанбе, 2021.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Худшиносӣ ва масоили арзишҳои миллӣ дар таълимоти Ибни Сино». – Душанбе, 03 октябри соли 2023.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Узбеко-Финское образование и проблемы воспитания гармоничного поколения» – маъруза дар мавзуи «Роль философского наследия представителей восточного перипатетизма в формировании личности в современных условиях» – Самарканд, 24-25 майи соли 2024.

- Симпозиуми байналмилалии «Таълимоти фалсафӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ: моҳият ва аҳаммият барои ҷаҳони муосир» – маъруза дар мавзуи «Нақши Форобӣ дар ташаккули фалсафаи машшоияи шарқӣ». (16-17 октябри соли 2024, ш. Душанбе, Тоҷикистон). –С. 485-497.

- Симпозиуми байналмилалӣ дар мавзуи «Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ" – маъруза дар мавзуи «Меъёри маърифат дар таълимоти Ибни Сино». – Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025.

- Симпозиуми байналмилалӣ дар мавзуи “Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ” – маъруза дар мавзуи «Саҳми нобиғаи тоҷик-Пури Сино дар рушди тамаддуни умумибашарӣ». – Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025.

Дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ:

- Семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд» – маъруза дар мавзуи «Мақоми Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули фалсафаи тоҷик». –Душанбе, 2021.

– Мизи гирд дар мавзуи «Современные тенденции развития философской науки в Таджикистане и мире» – маъруза дар мавзуи «Нақши «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ дар ташаккули илми ахлоқ». –Душанбе, 18 ноябри соли 2022.

- Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии институтсионалии кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо, масъалаҳо ва тамоюлҳо» – маъруза дар мавзуи «Мавқеи саодат дар фалсафаи амалии Абунасри Форобӣ». –Душанбе, 2023.

- Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи ««Эҳсо-ул-улум» аввалин доират-ул-маорифи шарқӣ» (–Душанбе, 12-уми марти соли 2024). –С. 79-86.

– Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Ташаккули худшиносии миллии ҷавонон-яке аз роҳҳои муқовимат бар зидди идеологияи экстремистӣ» – маъруза дар мавзуи «Раванди худшиносии миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ» (ш. Душанбе, 31.03.2026). –Душанбе, ДМТ, 2026. –С. 92-100.

– Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Истиқлоли давлатӣ ва рушди илму маориф дар Тоҷикистон» бахшида ба 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Эҳёи арзишҳои миллӣ дар даврони Истиқлол». –Душанбе, 19 августи соли 2026.

– Конференсияи илмӣ-назариявии дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ: ташаккул ва танзими ҳуқуқӣ» бахшида ба 35 солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Мероси илмӣ-фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино: нақши Тоҷикистон дар эҳё, таҳқиқ ва муаррифии он». –Душанбе, Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ, 21 августи соли 2026.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаи муҳтавои диссертатсия дар 3 монография, 2 китоби дарсӣ, 1 воситаи таълимӣ, 20 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақолаи дигар дар дигар нашрияхо (ҷамъ, 40 номгӯй) ба нашр расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, панҷ боб, чордаҳ параграф, хулоса, тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 449 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ), мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия мавриди омузиш, таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **– «Заминаҳои ташаккули таълимоти фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино»** аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби аввал – **«Омилҳои иҷтимоӣ-таърихии густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-XI» –** масъалаҳои густариши фалсафа ва омилҳои таъсиргузор ба он таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Қайд карда мешавад, ки мактабҳои фалсафии ориёиҳо ва таълимоти намояндагони онҳо дар рушду нумуи афкори фалсафӣ саҳми ниҳоят бузург гузоштааст. Марҳилаҳои ташаккули тафаккури фалсафии ориёитаборон реша дар аъмоқи таърих дошта, он дар даврони мавҷудияташ бо мактабҳои фалсафии қавмҳои гуногуне омехта, сайқал ёфтааст ва вобаста ба ҳар давру замон ва сиёсати идорӣ ҷилои тоза касб намуда, мазмуну моҳияташ дар ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии олимону ҳакимони минбаъда инъикос шудааст. Яке аз ин марҳилаҳо ба муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI дахл дорад, ки дар ташаккули фалсафаи тоҷик нақши равшан гузошта, омилҳои густариши фалсафа дар ин давра зиёд аст, ки ниёз ба таҳқиқи хосса дорад. Сабабҳои густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI гуногунанд, ки дар ин миён тавзеҳи омили иҷтимоӣ-таърихӣ барои равшантар кардани матлаби мавриди назар зарур аст. Ин омил танҳо муҳити зиндагии мардумро муайян намекунад, балки самти инкишофи илм, омилҳои ба он таъсиргузор, тарзи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии намояндагони ин давра ва талаботи иҷтимоиро низ мушаххас менамояд.

Дар заминаи табодули фикр дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ ва дастрасӣ бо осори тарҷумавии донишмандони кишварҳои дигар, амсоли Юнон, Рим, Ҳинд ва ғайра олимони маҳаллӣ бо фалсафаи классикӣ ошноӣ пайдо намуданд. Ҳамзамон илмҳои риёзӣ, табиӣ, нуҷум ва мантиқ низ дар ин давра инкишоф ёфтанд, ки онҳо бо фалсафа тавъам омӯхта мешуданд. Донишмандони ин соҳаҳо кӯшиш менамуданд қонуниятҳои инкишофи иҷтимоиро дарк кунанд ва масоили марбут ба онро бо равиши ақлонӣ шарҳу тавзеҳ диҳанд, ки ҳамаи ин боиси рушди бесобиқаи фалсафа дар ин давра гардид. Таҳқиқи андешаҳои Форобиву Ибни Сино бозгӯкунандаи он аст, ки ҳарчанд мутафаккирон кӯшидааст фалсафаву динро ба ҳам оштӣ диҳанд ва ҳадафҳои усулии онҳоро муштарак ҳисобанд, аммо ин амали онҳо ҳаргиз ба маънои ягонагии дину фалсафа нест. Ин кӯшиш ва равиши таҳқиқи мутафаккирон усулан ба фалсафаашон мутааллиқ буда, ба тақозои вазъи таърихии тафаккури замонашон вобаста аст.

Муҳити илмиву иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон боиси ба низом даромадани донишҳои фалсафӣ дар ин минтақа гардид. Форобӣ яке аз аввалин файласуфони шарқист, ки ба андозае тавассути таълифи рисолаҳои фалсафӣ илмҳои фалсафиро муназзам сохт ва чун аз забонҳои мухталифе бархӯрдор буд, кӯшид забони фалсафиро ба таври мушаххас роҳандозӣ намояд ва ба андозае муваффақ ҳам гардид.

Ибни Сино низ дар ин маврид корҳои мондагоре дорад. Ӯ аз аввалин файласуфони тоҷик аст, ки фалсафаро аз қолаби арабӣ берун оварда ва танҳо дар

асари «Донишнома»-аш беш аз ҳазор истилоҳоти илмӣ бо забони модариаш сохт. Дар сохтани истилоҳоти фалсафӣ мутафаккир аз усули решаҷӯйӣ истифода намудааст. Масалан, дар заминаи донистан мақулаи «дониш»-ро корбаст менамояд. Ҳамзамон Ибни Сино кӯшиш намуд истилоҳоти маъмуле, ки тавассути забони арабӣ дар гардиш буд, тарҷума карда, шарҳ диҳад ва бо меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқ намояд. Ин фаъолияти мақсадноку огоҳонаи мутафаккир боиси ба форсӣ ташаккул ёфтани забони муназзами фалсафӣ гардид.

Барои густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросон омилҳои гуногуне таъсиргузоранд, ки муҳимтаринашон суботи сиёсӣ, инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, ҳадафи аслӣ қарор додани таҳсили маънавиёт, тафаккури китобӣ, ба забон ва арзишҳои миллӣ эҳтиром қоил шудан ва ғайра аст. Маҳз чунин шароити иҷтимоӣ-таърихӣ дар шаклгирии шахсияти илмиву иҷтимоии Форобӣ ва Ибни Сино таъсир гузошта, таълимоти фалсафии онҳоро ҳамчун намунаи олии омезиши ақл, дин, ахлоқ ва фарҳанг ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Дар ташаккули ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии Форобӣ ва Ибни Сино омилҳои зиёде муассир бошанд ҳам, муҳити иҷтимоӣ-таърихӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар ин миён ҷойгоҳи вижа дорад.

Форобиву Ибни Сино дар даврае кору пайкор намудаанд, ки дар таърих чун марҳилаи гулгулшукуфоии тамаддуни асримиёнагии тоҷик ёд мешавад. Махсусан, асрҳои IX-XI дар таърихи илму фарҳанги аҷдодони мо чун даврони тиллоии рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ қайд гардида аст. Ҳарчанд тафаккури теологӣ бо масоили гуногуни озодандешӣ мухолифат менамуд, аммо дар ин даврa фалсафаву фарҳанг ба таври бесобиқа инкишоф ёфт ва илмҳои тиб, ситорашиносӣ, мантиқ, риёзӣ, ҳандаса ва ғайра низ ба қадри зарурӣ рушд карданд, ки наметавонад ба ҷаҳонбиниву тафаккури илмии донишмандон бетаъсир бошад. Ин инкишофу пешрафтҳо ва дастовардҳои арзишманд: «решаҳои тамаддун ва фарҳанги моро нерӯманд кардаанд».[123, с. 6]

Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-XI тавассути фарҳанги оламгири худ чун марказҳои сиёсиву маъмурӣ шуҳрат касб намуда, дар ташаккули илму маънавиёти минтақа ва ҷаҳон таъсири босазо гузоштанд. Дар бузургтарин шаҳрҳои ин давра, ба мисли Бухоро, Самарқанд, Нахшаб, Нишопур, Марв, Тирмиз, Тус, Балх, Ҳирот, Ғазна ва ғайра бо дастгирии баъзе ҳокимони илмдӯсту маърифатпарвар баҳсҳои озоди донишмандон сурат мегирифт, ки барои ташаккули низоми фалсафии намояндагони ҳикмати ин давра мусоидат намуд. Ҳамзамон дар ин давра таъсири давлатдории хонадонҳои бонаҷобати Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии он низ дар ташаккули ҷаҳонбинии олимони ин давра, махсусан Форобиву Ибни Сино, ниҳоят бузург аст.

Форобӣ ва Ибни Сино дар таърихи фалсафаи тоҷик мақоми шоиста касб намуда, барои аз ғафлат бедор намудани инсоният, ба худшиносӣ таваҷҷуҳ намудан, аз ақли салим кор гирифтан ва фарқ намудани тақлид аз таҳқиқ хидматҳои шоистае анҷом доданд. Ҷавҳари таълимот ва ҷаҳонбинии онҳоро инсонгарой, нақши ақлу мантиқ дар касби маърифат, ҷомеаи идеалӣ ва озодфикрӣ ташкил мекунад, ки дар муҳити созгори Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI шакл гирифтааст.

Хулоса, таҳлили мавзуи мазкур нишон медиҳад, ки дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI давлатҳои нисбатан мустақил ба вуҷуд омаданд, ки дар натиҷа суботи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа таъмин гардида, илму олим аз ҷониби

ҳокимият ва ҷомеа мақом пайдо намуданд ва заминаҳои институтсионалии инкишофи фалсафа ба вуҷуд омад. Шаҳрҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI ба марказҳои илмӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ табдил ёфта, муҳити созгоре барои мубодилаи фикр дар миёни ҷомеа ба вуҷуд оварданд, ки дар натиҷа, фалсафа аз доираи фаъолияти инфиродӣ фаротар рафта, ба касби иҷтимоӣ мубаддал гашт. Дар заминаи дастрасӣ бо осори тарҷумавии донишмандони юнонӣ, римӣ, ҳиндӣ, сурёнӣ ва ғайра олимони ин минтақа бо фалсафаи классикӣ ошноӣ пайдо намуданд, ки омезиши фарҳангҳоро ба вуҷуд оварда, боиси инкишофи фалсафа гардид ва муҳити илмиву иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-XI сабаби ба низом даромадани донишҳои фалсафӣ дар ин минтақа гардид, ки дар ин саҳми донишмандон, махсусан Форобӣ ва Ибни Сино зиёд аст, зеро онҳо аз аввалин файласуфони тоҷик буданд, ки илмҳои фалсафиро муназзам сохта, забони фалсафиро ба таври мушаххас роҳандозӣ намуданд. Бо кӯшиши Ибни Сино фалсафа аз қолаби арабӣ берун оварда шуд ва ҳазорҳо истилоҳоти илмӣ бо забони модариаш сохт, ки заминаҳои мустаҳками инкишофи фалсафаро рохандозӣ намуд.

Зербоби дуюми боби якум **«Сарчашмаҳои асосии ғоявии ташаккули афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино»** номгузорӣ шуда, муҳимтарин сарчашмаҳои қоявии афкори фалсафии ин ду мутафаккир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари назарияҳо, усулҳои таҳқиқ, мақулаҳо, мафҳумҳо ва истилоҳоти фалсафие, ки ин донишмандон дар осорашон истифода намудаанд ё бевосита, ё ба восита дар фалсафаи ҳакимони юнонӣ, махсусан ҳикмати афлотуниву арастуӣ, навафлотунӣ, ҳикмати ориёӣ, яҳудия, масеҳия ва ислом то андозае қаблан ҳаллу фасл гардида буданд ва дар атрофи онҳо баҳсҳои гуногуни фалсафӣ сурат гирифта буд. Яке аз сарчашмаҳои асосии ҷаҳонбинии Форобиву Ибни Сино таълимоти юнониён маҳсуб мешавад, ки аз эътиқодоту ҷаҳоншиносии муҳити замони онҳо тафовути ҷиддӣ дошт ва ифодакунандаи аз хориҷ таъсиргузорӣ ба маънавиёташон аст. Табодули андешаҳои илмӣ миёни юнониҳо ва мардуми ориёитабори Шарқ, ки Форобиву Ибни Сино парвардаи фарҳанги дувумианд, таърихи тулонӣ дошта, авҷи онро дар даврони Ҳахоманишиниҳо метавон ба равшанӣ дарёфт намуд.

Осори таърихӣ тасдиқ мекунанд, ки дар охирҳои давлатдории Сосониҳо ва ибтидои интишори ислом дар баъзе шаҳрҳои инкишофёфтатари минтақа, ба мисли Балх, Синд, Марв ва ғайра марказҳои илмие фаъолият мекарданд, ки дар онҳо улуми ҷамъовардаи юнониҳо таълим дода мешуд ва баъзе осори ҳакимони Юнон, пеш аз он ки ба забони арабӣ тарҷума шаванд, ба забони паҳлавӣ баргардонида шуда буданд. Яъне ориёиҳо пеш аз омадани арабҳо ба ин минтақа аз фалсафаи юнонӣ огоҳ буданд. Дар яке аз марказҳои куҳани илмии машҳури диёри Форс, ки бо номи «Гунди Шопур» маъруф гардида буд, осори юнонӣ ба сурёниву паҳлавӣ тарҷума шуда, муҳаққиқони ин маркази илмиву фарҳангӣ аз илму маънавиёти юнониҳо фаровон истифода мекарданд. Ҳамчунин фаъолияти маъруфтарин мутарҷимони давраи аввали интишори ислом Абдуллоҳи Муқаффаъ, ки мувофиқи нишондоди сарчашмаҳо «Мақулаҳо», «Бориарминос», «Аналитикаи аввал», «Исоғуҷӣ»-и Фарфуриюс ва чандин асарҳои ҳакимони маъруфи юнониро аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷима намуда буд, [78, с. 59] ин андешаҳоро тасдиқ мекунад ва ин фаъолияти ӯ далели воқеияти гуфтаҳои болост, ки эрониён пеш аз арабҳову мусулмонҳо бо маорифи юнонӣ ошноӣ доштанд.

Дар муҳити фарҳангӣ-адабии замони Форобӣ ва Ибни Сино ба таълимоти Афлотун ва Арасту донишмандон таваҷҷуҳи хос доштанд. Аз ин рӯ, ба назари Форобӣ ва Ибни Сино, муҳимтарин заминаҳои ташаккули афкори фалсафӣ ба

таълимоти Афлотун ва Арасту вобастагӣ дорад. Муҳтавои асарҳои «Фалсафаи Афлотун» ва «Фалсафаи Арасту»-и Форобӣ нишондиҳандаи он аст, ки ӯ бе шарҳу баёни навафлотуниён низ аз таълимоти ин мутафаккирон огоҳӣ доштааст. Аммо Форобӣ дар ин асарҳо аз баъзе назарияҳои маъруфи арастуӣ, ба мисли «назарияи судур» ва китобҳои машҳури ӯ, амсоли «Этикаи Никомах» ёд намекунад, ки муҳаққиқро ба андешаҳои зиддиятнок водор мекунад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ба замми таълимоти фалсафии Афлотуну Арасту Форобӣ ва Ибни Сино ба фалсафаи навафлотуния низ таваҷҷуҳи хос доштанд. Масалан, Форобӣ дар рисолаи «Фусус-ул-ҳикам» ба хотири исботи тавҳид аз равиши навафлотуниён истифода мебарад. Дар «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила» [11] дар дарёфти саодат таҳти таъсири таълимоти Афлотун қарор гирифта, бо ҳамон усул ба масоили фалсафие, ба мисли ақлу нафс, афлоку ачром ва ақсоми мақулот таваҷҷуҳ мекунад. Дар «Китобу-с-сиёсат-ил-маданияти» [12, с. 23-28] мафҳуми «нафс»-ро бо равиши Афлотун ва Арасту баррасӣ менамояд. Зеро ӯ бо такя ба Арасту шарти зуҳури нафсро ҷисм медонад, аммо бо равиши афлотунӣ муътақид аст, ки «нафсро дар бақо ниёзе ба ҷисм нест». [13, с. 182]

Метафизикаи Форобӣ, асосан, дар заминаи таълимоти Афлотун, Арасту, навафлотуниён ва ақоиди исломӣ шакл гирифтааст. Дар масъалаи ғояти ҳастӣ Форобӣ ба Қуръон [66, 53;42] такя мекунад ва муътақид аст, ки «Воҷиб-ул-вуҷуд би-з-зот ғоят ва ҳадафи куллӣ мебошад, зеро ҳамаи чиз ба ӯ меанҷомад». [13, с. 177]

Дар мавридҳои зиёде Форобӣ ба Арасту ва Ибни Сино ба Форобӣ такя намудаанд. Масалан, дар фасли дуюми «Китоб-уш-шифо» Ибни Сино дар таснифи илм мафҳум ва моҳияти илмҳои амаливу назариро ба таври зайл шарҳ меҳиҳад: «Чизҳои мавҷуда чизҳое мебошанд, ки ҳастии онҳо ё ба ихтиёру кирдори мо вобастаанд, ё ба ихтиёру кирдори мо вобаста нестанд. Маърифати умуре, ки ба қисми аввал дахл дорад, фалсафаи назарӣ номида мешавад. Маърифати умуре, ки ба қисми дуюм дахл дорад, фалсафаи амалӣ номида мешавад. Ғояи асосии фалсафаи назарӣ фақат иборат аз такмил додани нафс аст, ки танҳо бидонад. Аммо ғояи аслии фалсафаи амалӣ на фақат такмилёбии нафс барои донистан аст, балки барои он аст, ки донӣ ва бо он дониш чи бояд кунӣ, то ҳамон кунӣ». [6, с. 87] Айнан ҳамин мазмун дар китоби «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ чунин омадааст: «...бахше, ки дар бораи мавзуоте сухан мегӯяд, ки амали инсон дар эҷоди онҳо дахолате надорад, номаш улуми назарист. Мавҷудоте, ки бо амал ва иродаи инсон эҷод мешавад ва ба ӯ меомӯзонад, ки кори некро чӣ гуна метавон анҷом дод, номи ин бахш улуми амалӣ ё фалсафаи маданист». [14, с. 10]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таснифоти илм, ки Ибни Сино анҷом додааст, бе заминаҳои назариявии гузоштаи Форобӣ тасаввурношаванда мебошад. Ибни Сино дар ин масъала қариб аз доираи таснифоти илми дар «Эҳсо-ул-улум» намудаи Форобӣ берун нарафтааст, аммо нодида гирифтан низ нашояд, ки дар инкишоф додани он саҳми назаррас дорад. Яке аз муҳаққиқони фалсафаи Ибни Сино Сагадеев А.В. ин нуктаро ба назар гирифта, чунин қайд менамояд: «аз осори то имрӯз маҳфузмондаи Абуали ибни Сино метавон «Рисолаи ҳудуд»-и ӯро қайд намуд, ки муаллиф дар он анъанаи луқатномаҳои махсуси фалсафии... «Эҳсо-ул-улум»-и Форобиро идома додааст». [121, с. 27]

Ҳарчанд Форобиву Ибни Сино дар осори худ аз зардуштия ёд намекунанд ва таҳти таъсири ин таълимот қарор гирифтанашонро низ эътироф надоранд, аммо бо итминон метавон қайд намуд, ки таъсирпазирии бавоситаи онҳо мушаххас аст. Зеро дар осорашон ё бевосита, ё бавосита ба ин масъала ишораҳое доранд. Масалан, Ибни Сино дар китоби «Ҳикмати машриқия» сарчашмаи ягонаи

омӯзиши афкори фалсафии ӯ набудани ҳикмати Юнони бостон ва пайравонашонро равшан таъкид намудааст: «...дур нест, ки илмҳо аз ғайри ҷиҳати юнониён низ ба мо расидаанд». [3, с. 60] Дар ин маврид муҳаққиқони зиёде таҳқиқ намуда, таъсири назаррас доштани зардуштияро дар муҳити фарҳангии ин давра таъкид намудаанд. [125, с. 138-157]

Барои исботи ин фикр метавонем чунин далел орем, ки яке аз муҳимтарин қисматҳои «Авесто», ки дар он масоили сиёсӣ, махсусан ҳукумат ва мадинаи фозила, баррасӣ мешавад, «Готҳо» аст. Мутаассифона, илми таърихи фалсафаи тоҷик то ҳол ба уфуқҳои кашфношудаи ин қисмати китоби муқаддаси кеши зардуштия дастрасӣ надорад ва он ба пажуҳиши вижа ниёзманд аст. Назарияи мадинаи фозила бори нахуст маҳз дар ин асар инъикос гардидааст ва Афлотун бо он ошноии амиқ доштааасту ҳакимони асримиёнагии мо дар ин масъала ба ин файласуфи юнонӣ бо эътимоди фаровон такя намудаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки осори тарҷумашудаи юнонӣ ва шореҳони онҳо низ дар ҷаҳонбинии Форобӣ ва Ибни Сино таъсири назаррас дорад. Вале ин таъсирпазирӣ низ ба таври мутлақ набуда, дар масоили мухталифе Форобӣ ва Ибни Сино ақидаҳои мушаххаси худро бар хилофи шореҳони мазкур ироа намудаанд. Масалан, дар фалсафаи Искандари Афродесӣ ақли мустафод зинаи мобайнӣ дар байни ақли ҳаюлонӣ ва ақли фаъол мебошад. Вале дар фалсафаи Форобӣ он зинаи охир, ҳолати баландтарини тафаккури инсон аст, ки тавассути ваҳю ишроқ шаклу суратҳои аз Ақли фаъол ҷудошударо бе ёрии эҳсосот дарк мекунад. [20, с. 161]

Ё худ Ибни Сино дар масъалаи шинохти тани инсон ба натиҷае расидааст, ки узвҳои инсон яксон набуда, баъзе муҳимму аввалиндараҷа ва бархеи дигар хитматгорони онҳоянд. Масалан, шуш ва рагҳои шараён хидматгорони диланд, андомҳои ғизогириву асаб ходимони майнаанд ва хидматгори ҷигар меъда ва шоҳрагҳоянд. [122, с. 106] Бо ин назари худ Ибни Сино на танҳо навоварӣ дар илм мекунад, балки иштибоҳи Ҷолинусу Арастуро низ ислоҳ менамояд. Зеро ба назари Арасту ва ҳакимони юнонии то ӯ, вазифаи майна тавлиди балғам аст ва ба воситаи он сард намудани дил мебошад. [9, с. 90]

Ақоиди динии яҳудия ба таври мустақим дар ҷаҳонбинии Форобӣ ва Ибни Сино таъсиргузор набошад ҳам, он тавассути наҳзати тарҷума, махсусан аз забонҳои юнониву сурёнӣ ба забони арабӣ, дар ташаккули тафаккури фалсафии мутафаккирони мо нақши назаррас гузоштааст. Дар ташаккули ҷаҳонбинии Форобӣ ва Ибни Сино таълимоти масеҳият низ нақши назаррас бозидааст. Онҳо аз осори ба забони арабӣ тарҷумашудаи намояндагони патристикаву схоластика зиёд истифода намудаанд ва дар масоили муҷаррадот (идеяҳо), ба мисли сабаби аввал, вуҷуду моҳияти Худо, алоқамандии ақлу ваҳӣ ва ғайра ба мисли таълимоти намояндагони масеҳият ибрози андеша намудааст.

Ҳамин тариқ, маълум гардид, ки манбаъҳои ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино гуногун бошанд ҳам, дар ин миён фалсафаи Афлотуну Арасту, навафлотуния ва анъанаҳои мазҳабии яҳудия, масеҳият ва ислом ҷойгоҳи хос доранд ва метавон ба таври зер чунин натиҷагирӣ намуд:

-метафизика ва таълимоти сиёсии ҳар ду мутафаккир таҳти таъсири назарияи идеяҳои Афлотун шакл гирифтааст;

-бунёди методологии таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дар асоси мантиқу фалсафаи Арасту шакл гирифта, он ба фалсафаи ин ду мутафаккир шакли мантиқӣ ва низом бахшид;

-дар заминаи таълимоти навафлотуния ҳар ду мутафаккир ба мутобиқ намудани фалсафаву дин иқдом намуданд ва Форобӣ консепсияи «файз» ва Ибни

Сино марҳилаҳои вуҷудро коркард намуданд;

-ҳарчанд омилҳои яҳудия мустақиман ба мутафаккирони мо мушоҳида нашавад ҳам, унсурҳои гуногуни назарияи офариниш, тавҳид, ваҳй, нубувват, муҳокимаҳои метафизикии донишмандони яҳудӣ ва ғайра бо роҳҳои мухталиф, махсусан тавассути тарҷума ва муҳити фарҳангӣ ба онҳо таъсир гузоштааст;

-масеҳият дар афкори фалсафии Форобиву Ибни Сино тавассути тарҷумаҳои осори юнонӣ, асосан дар масоили муносибати ақлу имон, маърифати Худо ва ӯро асоси ҳастӣ ҳисобидан, мувофиқати фалсафаву дин, таъсир расонидааст.

Инчунин, муҳити орӣ аз таассубу хурофоте, ки дар замони фаъолияти Форобиву Ибни Сино ҳокимон фароҳам оварда буданд, сабаб гардид, ки афкори ҳакимони намояндагони динҳои гуногун чун сарчашмаи андешаҳои фалсафии мутафаккирони мо баромад намоянд.

Зербоби сеюми боби якум **«Таъсири омили исломӣ дар ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино»** ном дошта, дар он муҳимтарин омилҳои таъсиргузор дар ташаккули фалсафаи Форобиву Ибни Сино – омили исломӣ, баррасӣ мешавад. Сарчашмаҳои асосии ислом-Қуръону суннат, фиқҳ, калом ва ирфон ба ҳисоб мераванд. Дар саросари осори онҳо таъсири ин сарчашмаҳо ба мушоҳида мерасад. Махсусан, дар масъалаҳои офариниш, исботи Воҷиб-ул-вуҷуд, камолоти инсон ва иртиботи ӯ бо Офаридгор, инсон ҳамчун мавҷуди оқил ва масъулиятпазир, ҷойгоҳи ахлоқ дар ташаккули моҳияти инсон, зарурати тарбият, нақши сарвар (пайғамбар) дар роҳнамоии ҷомеа, тавассути равиши ақлонӣ баррасӣ намудани масъалаҳои асосии динӣ, иртиботи аҳлоқу ҳуқуқ ва зарурати мавҷудияти қонун дар ҷомеа ва амсоли инҳо ин таъсир равшан эҳсос мешавад, ки дар ташаккули афкори фалсафии онҳо нақши калидӣ гузоштааст.

Форобӣ моҳияти ваҳйу фалсафаро дар якҷоягӣ ба хотири дарёфти ҳақиқат медонист. Ба назари ӯ, фарқ миёни ваҳйу фалсафа дар шеваи фаъолияташон аст. Яъне агар ваҳй ҳақиқатро тавассути рамзу роз ва тамсил баён кунад, фалсафа барои дарёфти ин мафҳум ба бурҳон рӯ меорад. Форобӣ таъкид мекунад, ки «файласуф ҳақиқатро тавассути ақли мустафод, аммо набӣ ба василаи тахаййули қавӣ ҳосил мекунанд». [15, с. 21] Таъсири омилҳои исломӣ дар таълимоти Форобӣ якҷониба нест, зеро ӯ аз поягузорони фалсафаи шарқист. Маҳз пас аз Форобӣ масоили ҳастишиносиву маърифатшиносӣ дар пояи баҳсҳои фалсафӣ матраҳ гардиданд. Ӯ дар заминаи иҷтиҳоди динӣ ба иҷтиҳоди фалсафӣ камар баст ва дар миёни аҳли маънии замонаш ба пояе расид, ки ҳукми ӯ дар мавриди илми калом, илми фиқҳ ва амсоли онҳо хеле муассир буд. Аз ин рӯ, муҳити динии замони ӯ муҳимтарин манбаи таъсиррасон дар ташаккули тафаккури фалсафии ӯ маҳсуб мешавад.

Аз таҳлили осори Форобиву Ибни Сино бармеояд, ки онҳо дар муҳити тамаддуни исломӣ зиндагӣ намудаанд ва дар ташаккули донишу ҷаҳонбиниашон таъсири ин фарҳанг нисбатан назаррастар ва таъсири таълимоти ислом аз ҳама бештар аст. Қариб дар тамоми осори калонҳаҷми онҳо масоили ақидавие, ки дар заминаи ваҳйи илоҳӣ ва ваҳдонияти Офаридгор шакл гирифта аст, матраҳ мегардад. Дар баҳсҳои Воҷиб-ул-вуҷуд, қадим ё ҳодис будани олам, ҷовидона будани нафси нотиқа, тавҳид ва ғайра таъсири фарҳангу маънавиёти исломӣ дар таълимоти Ибни Сино равшан мушоҳида мегардад ва дар мавзеъҳои гуногуне мутафаккир ба ин масъала таъкид мекунад, аммо ба масоили динӣ аз дидгоҳи фалсафӣ таваҷҷуҳ мекунад. Ибни Сино асари алоҳидае ҳам бо номи «Тафсири Қуръон» дорад, ки аз тафсирҳои мутакаллимон фарқ мекунад. Масалан, ӯ ин ибораи қуръонии «масалу нуриҳи камишкотин фиҳо-л-мисбоҳ» [66, 24; 35]-ро

чунин шарҳ медиҳад, ки «Достони нури вай дар қалби мусулмонон ин аст, ки монанди тоқест, ки дар он чароғ аст, он чароғ дар шишаест, яъне дар қандил аст». [3, с. 690] Ибни Сино «қандил»-ро дили паёмбари ислом, ки аз ҳар гуна олудагиҳо ва шакку шубҳа пок аст, [3, с. 690] тафсир мекунад, ки ифодакунандаи имону боварии ӯ ба эътиқодоти исломӣ ва таъсири амиқи ин таълимот дар ҷаҳонбинии ӯст. Албатта, Сино ҳарчанд ба масоили усулии ақоидӣ ба зоҳир аз диди шаръӣ муносибат намояд ҳам, набояд нодида гирифт, ки ӯ ба ин масъалаҳо ақлгароёна бархӯрд мекунад ва маҳдуд ба ҷаҳонбинии динӣ намешавад.

Дар масъалаи ахлоқ низ Ибни Сино асосан дар руҳияи анъанаҳои исломӣ ва масоили ирфониву каломӣ ибрози назар мекунад ва аз ин ҷаҳонбинӣ ҳамчун меъёри арзишҳои ахлоқӣ истифода мекунад. Сарчашмаи ахлоқро мутафаккир Худо меҳисобад ва дар маркази фазоили ахлоқӣ мафҳуми «саодат»-ро қарор медиҳад. Шохаҳои фазоили ахлоқиро мутафаккир саховат, қаноат, сабр, карам, ҳалимӣ, покдоманӣ, бахшандагӣ, олиҳиммат, пинҳон доштани сир, ҳикмат, хушбаёнӣ, фаросат, бикрандешӣ, дурандешӣ, ростгӯйӣ, вафодорӣ, дӯстӣ, меҳрубонӣ, ҳаё, бузургҳиммат, накӯаҳдӣ ва фурӯтанӣ [3, 644] меҳисобад, ки ҳар кадоме василаи расидан ба саодати дунявию ухравист. Саодати дунявӣ дарёфти фазоили ахлоқӣ ва саодати ухравӣ васл бо Худост. Саодати воқеӣ дарёфти ризои Ҳақ мебошад, ки мафҳуми руҳонист. [2, с. 717]

Ҳарчанд муҳимтарин сарчашмаи ташаккули афкори фалсафии Ибни Сино шариати ислом аст, аммо таълимоти ӯ дар ҳамаи масоили эътиқодӣ бо исломи расмӣ созгор нест. Масалан, ӯ ба охират ва маод имон дорад, аммо маоди ҷисмониро қабул надорад. Мувофиқи навиштаи ӯ: «маод ҷуз нафсро набошад» [2, 727] ё дар ҷойи дигар таъкид мекунад, ки «Бидон, ки дуртарин мазҳабе аз савоб он аст, ки гӯянд «Маод ҷуз баданро нест»». [2, с. 710]

Хулоса, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино сарчашмаҳои зиёд дошта, дорои машраби мухталифе буда, дар баъзе масъалаҳо бо ҳам низ мувофиқати комил надоранд. Муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Синоро ба замми таълимоти афлотуниву арастуӣ, навафлотуния ва ориёӣ ақоиди исломӣ ташкил медиҳад, зеро дар муайян намудани мазмуну моҳияти фалсафа, таснифи улум, истифодаи мақулоти фалсафӣ, тасаввурот дар мавриди ҳастии мутлақ, мушаххас сохтани мавзуи метафизика, масоили ахлоқ, сиёсат, назарияи маърифат ва усули таҳқиқу сохтори осорашон асосан аз равиши ин макотиби фалсафӣ истифода намудаанд. Баъзеи ин сарчашмаҳо, ба мисли таълимоти фалсафии Афлотуну Арасту, навафлотуния ва ҳикмати исломӣ таъсироти назаррастару бевосита доранд, чун мафҳумҳо ва мавзуъҳои асосии баҳсҳои онҳо аз бисёр ҷиҳат ҳамоҳангӣ доранд. Ҳамзамон таъсири сарчашмаҳое низ, ба монанди таълимоти фалсафии ориёитаборон дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино бо сароҳат эҳсос мешаванд, ки ҳарчанд ба мисли таълимоти фалсафии Юнони бостон ва исломӣ пуртаъсир нестанд, аммо таъсири бавосита доранд. Масалан, назарияи судури навафлотуния, ки дар он таъсири таълимоти зардуштия мушоҳида мегардад, чун сарчашмаи афкори фалсафаи Форобӣ шинохта мешавад. Аммо ислом ба афкори фалсафии мутафаккирони мо на танҳо ҳамчун дин, балки чун низоми мукаммали ҷаҳонбинӣ таъсир гузошта аст.

Инчунин, мушаххас карда шуд, ки ақоиди фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ҳарчанд мушобиҳати зиёди шакливу маъноӣ доранд, аммо тафовути ҷавҳарӣ низ дар онҳо мушоҳида мешавад. Форобӣ амдан андешаҳои фалсафиашро пардапечона, бо рамзу роз баён менамуд, то танҳо аҳли ҳикмат аз моҳияташон пай бибаранд, аммо Ибни Сино мекӯшид бо иборoти фаҳмо ва содабаёнӣ афкорашро

ироа кунад. Форобӣ дар масоили зиёди фалсафӣ меъёри воқеиятро афкори ҳакимони юнонӣ, махсусан андешаҳои Афлотуну Арасту меҳисобид, вале Ибни Сино танҳо ҳамон андешаҳои ҳакимони юнониро мепазируфт, ки исботи мантиқӣ дошта бошанд ва дар тарозуи ақл бигунҷанд. Форобӣ ағлаби орои фалсафиашро бо такя ба Афлотуну Арасту баён намудааст дар ҳоле ки Ибни Сино барои дарёфти ҳақиқат ба ақлу мантиқ такя мекард, на ба андешаи ҳакиме.

Таъсири омили исломӣ дар омезиш бо фалсафаи юнонӣ дар масоили гуногуни таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино, амсоли тавҳид, маърифати Воҷиб-ул-вуҷуд, офариниш, муносибату ақлу ваҳӣ, ахлоқ, инсоншиносӣ ва ғайра мушоҳида мешавад. Дар заминаи таҳлилу баррасии мафҳумҳои мазкур онҳо кӯшиш намуданд ислом ва фалсафаро ҳамоҳанг нишон диҳанд. Дар заминаи шарҳу баёни фалсафаи юнонӣ ва мутобиқ намудани он бо ақоиди исломӣ онҳо тавонистанд низоми нави фалсафиеро ба вуҷуд оранд, ки минбаъд пайравони зиёде пайдо намуд.

Боби дуюм «**Масъалаҳои ҳастишиносӣ дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино**» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюм **«Мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино»** номгузорӣ шуда, масъалаҳои ҳастишиносии ин мутафаккирон таҳлил шудааст. Қайд мегардад, ки масоили ҳастишиносӣ, умуман муаммои ҳастӣ, муҳимтарин ва мураккабтарин қисмати фалсафа буда, ҳамқадами фалсафа ва тафаккури фалсафист. Ин қисмати фалсафа ба саволҳое, ба мисли «моҳияти ҳастӣ дар чист?», «чаро дар таърихи фалсафа ин масъала ҳамеша таваҷҷуҳи ҳакимонро ба худ ҷалб менамояд?», «барои чӣ аксари файласуфон ҳастиро сарчашмаи низоми тафаккури фалсафӣ меҳисобанд?» ва ба ин монанд саволҳо, ки доираи фаҳму даркашон ниҳоят фароху куллист ва аз ибтидои зуҳури тафаккури фалсафӣ то имрӯз ба муҳимтарин масъалаи фалсафӣ табдил ёфтаанду наметавонанд алоқамандони ҳикматро бетараф гузоранд, посух ҷустан мехоҳад. Муҳаққиқи тоҷик Каримов А.А. бамаврид андешаи Арастуро дар ин маврид қайд намудаст: «фақат фалсафа қудрати фарогирии кулли ҷанбаҳои ҳастиро дорост». [61, с. 23]

Ҳастӣ ҳақиқатест, ки моҳияти обективӣ дошта, чун нахустмақулаи фалсафа баромад мекунад. Фалсафа таҳти мафҳуми ҳастӣ ҳам ҳастии билқувва ва ҳам ҳастии билфеълро, ки новобаста аз инсон вуҷуд дорад, аммо тавассути шуури инсон шинохта мешавад, ифода мекунад. Яке аз суолҳои калидии фалсафа пурсиши вуҷуд аст. Аз ин рӯ, барои шинохти файласуф, ногузир бояд масоили мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар таълимоти фалсафии ӯ баррасӣ шаванд. Зеро сайр аз масоили фуруъ ба усул ва баръакс аз усул ба фуруъ, инчунин бо диди мунаққидона таваҷҷуҳ намудану баҳогузорӣ ба он фалсафа шарти зарурии маърифати таълимоти файласуфи мавриди назар аст.

Мувофиқи ҳастишиносии Фороби, мавҷудот дар умум ду гунаанд. Яке, вуҷудаш ҳатмист, ки фарзи нобуди он муҳол аст ва воҷиб-ул-вуҷуд унвон мешавад. Дигар, «мумкин-ул-вуҷуд аст, ки агар маъдум (нест) фарз шавад, аз он муҳоле лозим наёяд». [13, с. 117] Тафовути ин тасниф аз мутакаллимон дар он аст, ки онҳо мавҷудотро ба қадим ва ҳодис тақсим мекунанд. Воҷиб-ул-вуҷуд биғайр дар натиҷаи файз аз ҷониби воҷиб-ул-вуҷуд биззот ибдоъ ва мумкин-ул-вуҷуд биззот аз ӯ эҷод мешаванд. Ба назари Форобӣ, ҳастӣ ба воҷиб-ул-вуҷуд (ҳастии мутлақ) ва имкон-ул-вуҷуд (ҳастии касрат) ҷудо мешавад ва миёни онҳо таносуб ҷой дорад. Мартабаҳои ҳастиро ӯ аз Иллати иллатҳо (сабабӣ), иллати дувум, Ақли фаъол, нафс, шакл ва ҳаюло иборат медонад, ки ҳар кадоме вобаста ба маротибашон ба сабаби аввал вобастаанд. Иллати иллатҳо ё Воҷиб-ул-вуҷуд ваҳдати мутлақ аст ва

ба хилофи маротиби баъдӣ касрат намепазирад.

Дар таърихи фалсафа ба саволи «чаро мавҷуд ҳаст?» ҷавобҳои аз ҳам фарқкунандаи зиёде пайдо мекунем, ки посухи Форобӣ аз файласуфони аз ӯ пешина фарқи назаррас дорад. Масалан, ҷавоби Афлотуну Арасту ба ин савол аз ҳам фарқ доранд, аммо бо ҳам мутаносибанд. Арасту ҷинс будани вуҷудро қабул надорад ва миёни моҳияту вуҷуд фарқ мегузорад. Ба назари ӯ, наметавон чистӣ (моҳият) ва ҳастии як чизро бо қавли воҳиде баён кард: чистии шайъ ба василаи таърифи он ва ҳастиаш ба воситаи бурҳон баён мешавад. Бурҳону таъриф як чизро ифода намекунанд. [49, с. 179] Вале ҷавоби Форобӣ аз ин ду ҳакими машҳури Юнони бостон, ки онҳоро поягузорони фалсафа медонист, [126, с. 63-64] фарқи усулӣ дорад, зеро ба назари Муаллими сонӣ, вуҷуди аслӣ Худост ва ӯст, ки ба моҳият вуҷуд мебахшад. Ҳастияш айни моҳияташ аст ва «илму амалаш як чиз аст». [120, с. 116]

Форобӣ ба масоили ҳастишиносӣ дар осори гуногунаш таваҷҷуҳ намудааст. Яке аз маъруфтарин осори ӯ, ки ба забонҳои гуногун тарҷума шуда, масоили мухталифи фалсафӣ, махсусан ҳастишиносӣ ба таври васеъ баррасӣ гардида, «Эҳсо-ул-улум» мебошад. Дар ин асар масъалаи ҳастишиносӣ дар қисмати илоҳиёт матраҳ мегардад. Ӯ ин қисматро ба се бахш ҷудо мекунад. Аввал, аз мавҷудот аз он ҷиҳат, ки мавҷуд ҳастанд, баҳс мекунад. Яъне, мавзуи ҳастишиносиро, бар хилофи баъзе ҳакимони даврони атиқа, ки бо маҳсусот муродиф медонистанд, мутлақи вуҷуд ҳисобидааст. Дуюм, аз мабодӣ (замина, сарчашма) ва бурҳон дар улуми назарии ҷузъӣ баҳс мешавад. Сеюм, аз мавҷудоте баҳс мекунад, ки ҷисм надоранд. Дар ин бахш баҳс ба мавҷуде мерасад, ки чизе аз ӯ муқаддам нест, мумкин нест, ки чизе аз вай қадимтар бошад ва имкон надорад, ки ӯ вуҷуди худро аз чизи дигар гирифта бошад. Ба ибораи Форобӣ: «Ин мавҷуд ҳамон мавҷуди азалии қадими воҳиди мутлақ аст». [14, с. 103] Ҳастии ин мавҷуд аз дигар ҳастиҳо тафовути ҷавҳарӣ надошта бошад ҳам, фарқҳо дошта, «аз илали моддӣ, суварӣ, ғойӣ ва фоилӣ мубарро» [134] аст.

Форобӣ ҳастии моддиро дар қисмати табииёти «Эҳсо-ул-улум» таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае аст, ки «илми табиӣ дар бораи аҷсоми табиӣ ва дар мавриди аразҳое, ки қавоми онҳо ба ин аҷсом аст, ба мутолиа мепардозад». [14, с. 93] Мутафаккир ҷисмҳоро ба ду қисм – маснуӣ ва табиӣ ҷудо мекунад. Ҷисмҳои маснуӣ аз ҷониби инсон сохта шудааст. Онро ба истилоҳи имрӯза фарҳанги моддӣ меноманд. Вуҷуди ҷисмҳои табиӣ ба фаъолият ва хостаи инсон вобаста набуда, табиатан, ба мисли Замину Офтоб, мавҷуданд.

Ҳамзамон Форобӣ ҷисмро мураккаб аз моддаву сурат ҳисобида, суратро низ ба маснуӣ ва табиӣ ҷудо мекунад. Сурати табиӣ тавассути таъсири қуввае дар ҷисме нақш меёбад. Ба қавли мутафаккир, «сурати маснуӣ, масалан, дар мис ё чӯб, ё санг мунаққаш мешавад ва мумкин нест, ки қабл аз он ки ин сурат тавассути санъатгар дар бархе аносир нақш шавад, ба наҳви мустақил вуҷуд дошта бошад ва ин санъатгар аст, ки мисро ба сурати муҷассамаи инсоне дармеоварад ва ё чӯбро ба сурати тахт дармеоварад ва наметавонад, ки сурате аз суратҳоро ба наҳви мустақил ва бидуни модда ба вуҷуд оварад». [13, с. 144]

Ҳарчанд Форобӣ шеваи файласуфонро дар дарёфти ҳақиқат муштарак медонад ва эҳтимоми зиёде ба ҳакимони юнонӣ дорад, вале дар масъалаи ҷавҳари фард ё ҷузъи тақсимнопазир бо назари Демокрит мухолифат меварзад. Демокрит ҳастиро аз атомҳо ва хало, ки дар таълимоти ӯ азалианд, иборат медонист. Атом, ба назари ӯ, қадим, тағйирнаёбанда ва тақсимнопазир, миқдоран беҳудуд, бехолигӣ ва аз як ҷинс аст. Дар натиҷаи ҷобаҷошавии ин зарроти ба чашм ноаён ҷисмҳо ва

ҳаракат ба вуҷуд меоянд. Ин зарраҳо дорои андозаи муайяни риёзианд. Аммо, ба назари Форобӣ, ин зарраҳо ҳарчанд абадианд, вале дорои андозаҳои риёзӣ нестанд. Ин назари Форобӣ бо андешаи мутакаллимон қисман мувофиқат дорад. Зеро аз назари мутакаллимон низ ҳар мавҷуде, ки дар мавзуъ набошад, ҷавҳар буда, қисмҳои он ба «ақл ва мафориқ», ки қоим ба зоти хеш аст, «сурат», ки ҳулулкунанда аст, «ҳаюло», ки маҳалли сурат аст ва «ҷисм», ки мураккаб аз ҳаюлову сурат аст, тақсим мешавад. [37, с. 85] Аммо мутакаллимон дар шинохти ҷисм назарияи онро, ки ҷисм аз ҷавҳари фард таркиб шудааст ва мувофиқи он «ҷисм аз аҷзое таркиб ёфта, ки он аҷзо ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қисмат нестанд», [37, с. 86] намепазиранд.

Масоили ҳастӣ дар таълимоти фалсафии Ибни Сино низ хеле мураккабу баҳсбарангез таҳлилу баррасӣ мегардад. Дар заминаи осори зиёди ӯ метавон мушаххас намуд, ки ҳастӣ дар фалсафаву илоҳиёти ӯ мақоми меҳварӣ дорад. Ибни Сино фалсафаро илми куллӣ унвон карда, дар қисмати баҳси масоили ҳастӣ муҳимтарин сифатҳои куллии мавҷуд, ба мисли ҷузъ, кул, ваҳдат, касрат, иллат, маълул ва амсоли инҳоро баррасӣ менамояд. Ӯ таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф меҳисобад ва онро ҳам ба моддиёт ва ҳам ба маънавиёт ҳамл мекунад.

Ибни Сино дар заминаи назариёти марбут ба ин баҳси Форобӣ дар ҳастишиносиаш илоҳиётро аз фалсафа ҷудо намуда, онро ба масоили куллии ҳастии фавқуттабиӣ хос мегардонад. Бояд қайд намуд, ки бе таҳлилу баррасии қисмати илоҳиёти Ибни Сино низоми фалсафии ин мутафаккиронро наметавон ба пуррагӣ омӯхт. Аз ин рӯ, ин ҷо муҳимтарин мафҳумҳои илоҳиёти ӯро ба таври мухтасар ёд намудан аз манфиат холӣ нест.

Ибни Сино дар тамоми масъалаҳои фалсафиву метафизикӣ ба ҳастӣ ва шинохти он таваҷҷуҳи махсус намуда, ба ин бовар буд, ки онро таъриф додан ё тасвир кардан ғайриимкон аст. Дар ин масъала таъсирпазирии Ибни Сино аз Арасту мушоҳида мегардад. Ин матлабро мутафаккир дар «Рисолаи ҳудуд» равшан баён мекунад ва аз Арасту иқтибос меорад, ки «Ҳаким дар китоби «Тупиқо» зикр кардааст, ки ҳад-қавлест, ки моҳияти чиз, яъне камоли вуҷуди зотии онро нишон дода, аз ҷинсу фасли қариби он ҳосил мегардад». [3, с. 598] Дар қисмати илоҳиёти «Китоб-уш-шифо» Ибни Сино мафҳумҳои куллӣ, ба мисли «вуҷуд», «шайъ» ва «воҳид» ва ба он монандро бадеҳитарин тасаввуроти омме, ки шомили ҳар чӣ мегарданд, ҳисобида, таъкид мекунад, ки «ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон... аз онҳо ба чизе аъраф (равшантар –А.Б.) аз худ таъриф кард». [58, с. 24]

Дар мавриди ҳудус ва қидами олам Форобӣ ва Ибни Сино ҳар ду таҳти таъсири амиқи навафлотуния қарор гирифтаанд. Ҳар ду ҳам кӯшидаанд масоили дар ин боб матраҳнамудаашон аз доираи ақоиди динӣ берун наравад. Форобӣ мафҳуми «қадим»-ро ба Худо зотӣ ва дар мавриди олам нисбӣ медонист. Ибни Сино низ ба мисли Форобӣ оламро қадим медонад, аммо он вобастаи Воҷиб-ул-вуҷуд аст. Ҳар ду мутафаккир ба хилофи мутакаллимон, ки мафҳуми «қадим»-ро шарҳи динӣ медоданд, онро аз лиҳози фалсафӣ тафсир намудаанд, яъне вуҷуди зарурии вобаста ба сабаби аввал. Аз ин дидгоҳ, олам ҳодис набошад ҳам, аммо бо зоти Худо аз лиҳози шарофат, табъ ва маълулият баробар нест. Тафовути андешаҳои ин ду мутафаккир дар ин масъала аз лиҳози услуби баёнашон аст, моҳиятан ҳар ду оламро қадим, аммо вобастаи Худо медонанд. Дар ин масъала онҳо кӯшидаанд, дарки ҳамешагӣ ва зарурии ҳастиро ба вуҷуд оранд.

Хулоса, таҳлили ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино нишон медиҳад, ки ин ҳакимон дар таърихи фалсафаи асримиёнагии мусулмон аз навоварону

назарияпардозон ва муассисони фалсафаи навин буда, масъалаҳои матраҳнамудаи онҳо минбаъд мавзуи таҳқиқоти файласуфони зиёде қарор гирифтааст. Форобӣ масоили ҳастишиносиашро ба ду бахш ҷудо мекунад. Дар бахши аввал, мабоҳиси куллии ҳастӣ, ба мисли вуҷуду моҳият, ҳастии билқувва ва билфеъл, ҷавҳару араз, иллату маълул ва амсоли инҳо таҳлилу баррасӣ мегарданд. Дар бахши дуюм, масоили марбут ба Воҷиб-ул-вуҷуд, сифот ва афъоли вай, дар робита бо далелҳои исботи ҳастии ӯ матраҳ мегардад.

Ибни Сино таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф ва аз таъриф мустағнӣ ҳисобида, ба он маротиби панҷгона қоил аст. Мутафаккир дар заминаи назарияи таҷавҳури аҷсом ҳастиро ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо мекунад ва атрофи ин мафҳумҳо ва шаклҳои онҳо баҳси муфассале меорояд, ки дар асоси онҳо тафовути равиши ӯ аз усули мутакаллимон ва табиатшиносон равшан мешавад.

Форобӣ ва Ибни Сино барои маърифати ҳастӣ истилоҳоте, ба мисли «мафҳум», «моҳият» ва «шакл»-ро истифода бурда, маъноҳои онҳоро ба таври ҷудогона баррасӣ намудаанд. Мафҳуми ҳастӣ, ба назари онҳо, шакли андеша аст, ки чистии чизро дар зеҳн инъикос мекунад. Он натиҷаи тафаккури ақлӣ буда, василаи маърифати воқеӣ аст. Моҳият бошад ҳақиқати чиз аст, ки бо ҷавоби суоли «ин чист?» айният дорад. Агар Форобӣ ба масоили мантиқии ин баҳс таваҷҷуҳи бештар дошта бошад, Ибни Сино робитаи онро бо ҳастии воқеӣ нишон медиҳад.

Зербоби дуюми боби дуюм **«Назари Форобӣ ва Ибни Сино дар бораи ҳаракат ва шаклҳои он»** ном дорад. Дар ин зербоб масъалаҳои ҳаракат ва шаклҳои он дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино дар заминаи таҳлили муқоисавӣ матраҳ гардидааст. Қайд мегардад, ки масъалаҳои ҳаракат дар таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ҷойгоҳи хос дошта, он аз назари ин мутафаккирон ҳамчун арази зотии пайваст бо модда тавсиф мешавад. Аз назари Форобиву Ибни Сино ҳаракат дар доираи миқдору сифат маҳдуд намешавад ва аз мақулаҳои муайяннамудаи арастуӣ фаротар аст. Ин мутафаккирон ҳаракатро ҳамчун падидаи умумии ҳастӣ ҳисобида, дар заминаи таълимоти арастуӣ ҷанбаҳои метафизикӣ ва табиатшиносии онро такмил додаанд ва онро ҳамчун гузариш аз имконият ба воқеият ва сабабу натиҷа таҳлил намудаанд.

Форобӣ ҳаракатро ҳамчун низоми космологӣ таҳлил намуда, онро танҳо ба ҷисм маҳдуд намекунад, балки унсури сохтории тартиби ҳастӣ меҳисобад. Форобӣ масъалаи сарчашмаҳо ва сабабҳои ҳаракату беҳаракатиро баррасӣ намуда, муайян менамояд, ки «агар сабаби ҳаракат ва сукун аз беруни шайъ набошад ё мустанад ба ҳаракатест тағйирнопазир ва ғайриродӣ ва ё ба сукуне мустанад аст, ба ҳамон васф, ки онро табиӣ меномем, ё он ки мустанад ба ҳаракатҳои гуногун ва табдилноёбанда ғайриродӣ аст, ки онро, ки нафсонӣ меномем ва ё он ки мустанад аст ба ҳаракоти иродӣ. Дар ҳар сурат ё ин ҳаракоти иродӣ мансуб аст ба нафси ҳайвонӣ ва ё нафси фалакӣ». [13, с. 124] Яъне, Форобӣ ҳарчанд ҳаракоти ҷавҳариро қабул надорад, аммо ба ҳаракоти дохилии ашё қоил буда, онро ба табиӣ ва нафсонӣ ҷудо мекунад.

Ҳаракати афлокро Форобӣ бар меҳвари чизе собит меҳисобад. Мувофиқи ҷаҳоншиносии ӯ, ҷирмҳои осмонӣ дорои тааққули кулливу ҷузъиянд ва метавонанд тахаййул намоянд, ки ба табъи он тахаййули ҷисмонӣ ба вуҷуд меояд, ки ҳаракат аст. Пай дар пай омадани ин тахаййулот сабаби пайваста будани ҳаракатҳои ҷисмонӣ дар ҷирмҳои осмонист. Пайваста дар ҳоли тағйир будан сабаби тағйир дар унсурҳо ва дар ниҳоят дар олами кавну фасод аст. Форобӣ муддаӣ аст, ки «фалак метавонад ашёро нахуст тааққул, сипас тахайюл кунад, вале мо ибтидо чизҳоро

тахайюл мекунему сипас тааққул». [13, с. 184] Дигаре аз шаклҳои ҳаракат, ки Форобӣ ба тавзеҳу таснифи он иқдом намудааст, ҳаракати мустақим мебошад. Ҳаракати мустақимро мутафаккир бо шарти мавҷудияти унсурҳои басит ба ду қисм – ҳаракат ба самти боло ва поён ҷудо мекунад. Аммо ҳаракатҳои бар мураккабот оризшударо ба табоеъи унсурҳои таъсири бештардошта вобаста медонад. Форобӣ таъкид мекунад, ки имкон надорад билфеъл ҳаюло бе сурат ва сурати табиӣ бе ҳаюло арзи ҳастӣ кунад. Дар таснифоти ӯ ҳаракоти ба таври ҳамешагӣ аз сабабҳо падидоянда ба табииву иродӣ ҷудо мешавад. Ҳаракате, ки ба таври ориза аз ҳаракоти табииву иродӣ падид меояд, ҳаракоти иттифоқӣ меномад.

Дар фалсафаи Ибни Сино низ ҳаракат аз муҳимтарин мақулаҳои табиатшиносӣ ва ҳастишиносӣ ба ҳисоб меравад. Тафаккури фалсафӣ дар ҳавзаҳои илмии ҷаҳони ислом баъди Ибни Сино ба авҷи худ расид, ки дар он нақши хидматҳои арзишманди ӯ бесобиқа аст. Дар асоси асноду мадорики сершумори дастрас Ибни Сино ба тамоми қисматҳои роиҷи фалсафии замонаш дахл намуда, андешаҳои бикре ироа намудааст ва таълифоти пурмаҳсуле дорад. Яке аз масоили баҳсбарангез дар фалсафаи атиқа ва асрҳои миёна ҳаракат ба ҳисоб меравад ва Ибни Сино ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи зиёд намуда, ба таҳлили шаклу моҳияти ҳаракат, ки ба назари ӯ, аз арази зотиву ҷудонопазири чизҳову ҳодисаҳоанд, пардохтааст.

Ҳаракатро Ибни Сино арази зотии ҷисмҳо меҳисобад, яъне ҳаракат хосияти имкон-ул-вуҷуд аст. Мутафаккир имкон-ул-вуҷудро ба модда ва мучаррад аз модда ҷудо намуда, муътақид аст, ки ҳар ду ҷанбаи имконӣ ниёзманди камоланд. Азбаски имкон-ул-вуҷуд ба камол ниёз дорад, пас бе ҳаракат имкон надорад, ки камоли матлуб муяссар гардад. Аз ин маълум мегардад, ки ҳаракат аз хосиятҳои ҷисм аст. Дар «Китобу-ш-шифо» низ ӯ моҳияти ҳаракатро камоли чизи билқувва меҳисобад. [10, с. 144]

Ибни Сино дар «Донишнома» мафҳуми «ҳаракат»-ро, ки асолати арабӣ дорад, истилоҳан «ҷунбиш» номидааст. Ӯ «аз аввалин файласуфони тоҷик мебошад, ки кӯшиш намуд бо забони модариаш-тоҷикӣ истилоҳоти фалсафиро таҷҳиз намояд». [127, с. 250] Мутафаккир ҳаракатро чунин тавсиф менамояд: «Ҷунбиш ба ҳақиқат мар онро гӯянд, ки андар ҷое бувад. Валекин акнун номи маънӣ дигар шудааст, оммтар аз ҷунбиши ҷойгоҳӣ, ки ҳар ҳоле ва ба феъл будане, ки чизеро бувад, ки вай ба қуввати чизе аст, аз ҷиҳати ба қувват будани он чиз, онро ҷунбиш хонанд». [2, с. 299] Яке аз тавонотарин синошиносони тоҷик М.Диноршоев нисбати ин таъриф чунин ибрози андеша намудааст: «Чунин таърифи ҳаракат на дар фалсафаи асрҳои миёна, на дар фалсафаи даврои Эхё ва замони Нави Аврупо ба чашм намехурад. Фақат дар охири асри XIX файласуфи Олмон Ф. Энгелс дар заминаи баррасии кашфиёти навтарини табиатшиносӣ ба ин натиҷа расид, ки ҳаракат, дар татбиқ ба модда, умуман тағйирот аст». [44, с. 456-457]

Дар маҷмуъ, Форобӣ ва Ибни Сино ҳаракатро яке аз сифатҳои мавҷудияти модда меҳисобанд. Аммо Форобӣ дар заминаи баррасии масоили марбут ба ақл ба вуҷуд омадан, аз байн рафтан ва таҳаввулотро низ ҳаракат меҳисобад. Пас ӯ ҳаракатро ҳамчун низоми космологӣ таҳлил намуда, онро танҳо ба ҷисм маҳдуд намекунад, балки унсури сохтории тартиби ҳастӣ меҳисобад ва замонро ҳамчун натиҷаи ҳаракати афлок пазируфта ба қадим будани он қоил аст. Форобӣ дар ин масъала асосан ба таълимоти арастуӣ такя менамояд, ки бо он равиш сабабҳои аслии ҳаракатро мушаххас карда наметавонист. Аммо бисёр ҷанбаҳои норавшани онро бо далоили мантиқӣ тавонистааст равшан намояд, ки ҳама гуна тағйироту инкишофро ҳамчун ҳаракат баррасӣ намудани ӯ аз ин ҷумла аст, ки дар фалсафаи

муосир низ арзишманд мебошад. Инчунин, ӯ тавонист муайян намояд, ки ҳаракати ҷисм дар ҳолати беҳавоӣ сифати табииашро гум мекунад ва ба таъсири беруна нигаронида мешавад.

Нуктаҳои умдаи таълимоти Форобӣ дар бораи ҳаракат, замон, макон, робитаи онҳо бо ҳаюлову ҷисмҳои моддӣ, ҳамзамон азаливу абадӣ будани онҳо дар ин мабҳас мушаххас гардид. Форобӣ ҳама гуна тағйироту инкишофро дар доираи мақулаи ҳаракат баррасӣ намуда, ба ин назар аст, ки он ибтидо ва интиҳои замонӣ надоранд ва дар маҷмуъ онро ба чаҳор қисм: вазъӣ, маконӣ, миқдорӣ (каммӣ) ва сифатӣ (кайфӣ) ҷудо мекунад. Мафҳуми ҳаракати вазъиро ҳамчун ҳаракати сукуннопазири даврӣ, ки хоси фалак буда, бар ҷирмҳои осмонӣ ориз мешавад, Форобӣ ба таври мушаххас истифода менамояд, ки минбаъд дар улуми табиӣ маъмул гардидааст ва Ибни Сино аз он ҷонибдорӣ намуда, онро инкишоф додааст. Ҳаракатҳое, ки ориз бар ҷирмҳо дар ҳоли пайдоиш ва завол мешаванд, ҳаракоти маконӣ, миқдорӣ ва сифатӣ мебошанд. Форобӣ ҳарчанд ҳаракати ҷавҳариро намепазирад ва муътақид аст, ки ҳаракат дар ҷавҳари ашё вуҷуд надорад, аммо ба ҳаракоти дохилии ашё қоил буда, онро ба табиӣ ва нафсонӣ ҷудо мекунад.

Инчунин Форобӣ зимни таҳлили мавзуи ҳаракат кӯшидааст мазмуну моҳияти ҳаракатҳои мустақим ва навъҳои он, ҳаракатҳои табииву иродӣ, иттифоқӣ ва амсоли онҳоро, ки дар таълимоти Арасту мушоҳида мешавад, равшан намояд. Мутафаккир вуҷуди замону маконро ба ҳастии ҳолоти ҳаракати ҷисмҳо ва маҳалли онҳо вобаста дониста, макони мутлақан холиро қабул надорад ва замонро низ моддӣ ҳисобида, муътақид аст, ки агар ҳаракат набошад, замон низ нест. Яъне Форобӣ назарияи зеҳнии замонро, ки намояндагони гуногуни фалсафаи атиқа аз он ҷонибдорӣ менамуданд, инкор намуда назарияи нисбияти замонро, ки Афлотуну Арасту онро ба таври муфассал баррасӣ накарда буданд, пайгирӣ намуда, ҷанбаҳои торикашро равшан намудааст.

Ибни Сино низ ҳаракатро арази зотии ҷисмҳо меҳисобад. Яъне, ӯ ҳаракатро хосияти имкон-ул-вуҷуд дониста аст. Ибни Сино яке аз аввалин намояндагони машшоияи шарқист, ки шаклҳои ҳаракатро ба тафсил таҳлил намуда, онҳоро тақсимбандӣ намудааст. Мувофиқи тақсимоти ӯ, ҳаракат ибтидоан ба се қисм ҷудо мешавад. Дар тақсими аввал гузариш аз қувва ба феъл ба назар гирифта мешавад ва он фарогири чор шакли ҳаракат – маконӣ, вазъӣ, миқдорӣ ва сифатӣ аст. Дар тақсими дуюм ҳолатҳои ҳаракат ё сарчашмаи зуҳур ба назар гирифта мешавад ва дар навбати худ шомили ҳаракатҳои аразӣ, касрӣ ва табъӣ мебошад. Дар тақсими сеюм ниҳод ва сифоти ҳаракат ба назар гирифта мешавад, ки ҳаракоти даврӣ ва мустақимро фаро мегирад. Ин таснифоти Ибни Сино ҳарчанд бо назариёти ба масоили ҳаракат марбути Форобӣ монандӣ дошта бошад ҳам, мутафаккир дар мушаххас намудани ин навъҳои ҳаракат ва сарчашмаи зуҳури онҳоро нишон додан кӯшиш намуда, дар таҳкими ин масоил саҳми назаррас гузошта аст. Ибни Сино чун ҳакими табиатшинос барои муайян намудани шаклҳои ҳаракат аз мақулаҳои макону замон истифода мекунад ва ба натиҷае расидааст, ки миёни ҳаракат, макон ва замон робитаи ногусастанӣ ҷой дорад ва онҳо аз ҳаюло вобастаанд. Ҳаракату замону маконро Ибни Сино мисли модда қадим меҳисобад. Ӯ муътақид аст, ки замон миқдори ҳаракат мебошад ва ҷонибдори назарияи нисбияти замон аст. Макон низ ба монанди ҳаракату замон хосияти ҷисм ва шарти моддии ҳаракат аст. Мутафаккир кӯшидааст, ба воситаи субути ҳастии воқеии макон, робитаи онро бо замону ҳаракат исбот намояд.

Пас маълум мегардад, ки дар масъалаи ҳаракат Форобӣ ва Ибни Сино асосан ба Арасту такя мекунанд, зеро ҳаракатро гузариш аз қувва (имкон) ба феъл

(воқеият) ҳисобидани онҳо ва бо мафҳумҳои замон, макон ва модда алоқаманд намуданашон бо таълимоти арастуӣ қариб ба пуррагӣ айният дорад. Дар навъҳои ҳаракат ва робитаи он бо сабаб низ дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино ҳамоҳангӣ мушоҳида мешавад. Ҳар ду мутафаккир ба анвои маконӣ, сифатӣ ва миқдории ҳаракат қоиланд ва муътақиданд, ки ҳар ҳаракат сабабе дорад ва бе ҳаракатдиҳанда он ба вуқуъ намеояд. Ибни Сино низ масоили ҳаракатро бо такя ба Арасту тавсиф мекунад ва онро камоли аввали чизи билқуввa номида аст. Ӯ низ мисли Форобӣ ҳаракатро на танҳо интиқол, балки ҳамагуна тағйири тадричӣ аз сифате ба сифати дигар меҳисобад. Яъне Ибни Сино сайри тадричӣ миёни қувва ва феълро «ҳаракат» меномад. Ӯ ба масъалаи ҳаракати вазъӣ ё ниҳодӣ, ки дар осори Арасту аз он нишоне нест, дар заминаи таълимоти Форобӣ таваҷҷуҳ намуда ин масъаларо инкишоф додааст.

Ҳарчанд дар масъалаҳои мазкур Форобӣ ва Ибни Сино ҳамраъйанд, аммо тафовут низ миёни орои онҳо дар масъалаи ҳаракат дида мешавад. Форобӣ кӯшидааст мафҳуму моҳияти ҳаракатро дар асоси нишондоди арастуӣ таҳлил кунад, аммо Ибни Сино назарияи ҳаракатро дақиқтар таҳлил намуда, шаклҳои онро мушаххастар мекунад ва вобаста ба ҳолот онҳоро ба низом медарорад, ки хусусияти сирф илмӣ пайдо мекунад. Ҳамзамон Форобӣ замонро ба мисли Арасту чун ченаки ҳаракат қабул мекунад, аммо Ибни Сино илова ба ин онро ба идроки инсон пайваст мекунад. Инчунин Ибни Сино мисли Форобӣ ҳаракатро танҳо падидаи табиӣ наҳисобида, ба масоили ҳастишиносӣ рабт медиҳад, ки тафовути назариёти онҳоро мушаххастар нишон медиҳад.

Хулоса, аз таҳлилҳои боло метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар фалсафаи машшоияи шарқӣ Форобӣ заминаи назариявии ҳаракат ва шаклҳои онро фароҳам меорад ва Ибни Сино онро такрор накарда, муфассалтар таҳлил менамояд ва онро инкишоф дода, ба авҷи камол мерасонад. Ин ду мутафаккир ҳаракатро ҳамчун тақйири тадричии ҳолати ҷисм дар иртибот бо қувва, замон, макон, андоза ва сифат таҳлил намуда, шаклҳои онро, ба мисли сифатӣ, вазъӣ, табиӣ, қасрӣ, иродӣ, даврӣ ва қайра аз рӯйи сарчашмаи зуҳурашон фарқ мекунанд. Ҷолиб аст, ки Форобӣ ва Ибни Сино ҳаракоти сифатӣ, вазъӣ, маконӣ ва миқдориро чун навъи тақйир баррасӣ мекунанд ва ҳаракоти табиӣ, қасрӣ ва иродиро чун сарчашмаи ҳаракат таҳлил менамоянд, ки хусусияти равишшиносӣ дошта, дар физикаи муосир низ арзишманд аст.

Зербоби сеюми боби дуюм **«Масъалаи ҷавҳар ва араз дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино»** ном дошта, дар он масъалаҳои ҷавҳару араз дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино мавриди таҳқиқи муқоисавӣ қарор гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки дар ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино баҳси ҷавҳар ва араз мақоми махсус дорад ва яке аз муҳимтарин ва баҳсбарангезтарин қисматҳои фалсафаи онҳо ба ин масоил бахшида шудааст. Ин мутафаккирон дар ибтидои масоили ҳастишиносӣ мавҷудро ба воҷиб ва имкон ҷудо намуда, дар доираи баҳси имкон-ул-вуҷуд онро ба ҷавҳар ва араз тақсим мекунанд. Масъалаи ҷавҳар ва аразро онҳо асосан дар доираи метафизика ё худ илоҳиёт баррасӣ менамоянд. Ин равиши онҳо аз ҷониби аксари файласуфони асримиёнагии минбаъда, махсусан файласуфони арабзабон, дастгирӣ наёфт ва масоили ҷавҳару аразро онҳо дар доираи дақ мақулаи муайяннамудаи Арасту баррасӣ намуданд. Ба ҳар навъ, равиши таҳқиқу баррасии ҷавҳару араз, ки Форобӣ ва Ибни Сино зимни масоили илоҳиёт пеш мегузоранд, дар ташаккули тафаккури фалсафии ҳакимони зиёди минбаъдаи тоҷик нақши назаррас гузоштааст ва ниёз ба таҳқиқи вижа доранд. Он аз равиши арастуӣ тафовути усулӣ дорад, зеро Арасту ба масоили ҷавҳару араз диди вуҷудӣ

дошт, аммо Форобӣ ва Ибни Сино бошанд диди моҳиятӣ доранд.

Форобӣ дар «Таълиқот»-аш ба мафҳумҳои ҷавҳару араз таърифи мушаххас додааст: «Ҳақиқати ҷавҳар он аст, ки дар мавзуе набошад ва ҳақиқати араз он, ки дар мавзуъ бошад». [13, с. 127] Ин таърифро Ибни Сино баъзан бетағйир ва гоҳо бо иловаҳо дар баҳси мавриди назар фаровон истифода бурдааст. Ҷавҳару аразро Форобӣ аразҳои хоси вуҷуд меҳисобад ва дар доираи мақулоти арастуӣ, ки хусусияти вуҷудӣ доранд, баррасӣ мекунад. Ба назари Форобӣ, моҳият вуҷуд нест, он чизест, ки вуҷуд оризу мулозими вай мешавад. Ҳар чиз ба ғайр аз маънои зоҳирӣ боз ҳақиқати дигаре дорад, ки ифодакунандаи маҳияташ аст. Масалан, лафзи «дарахт» моҳияте аст, лекин худи вуҷуд нест ва вуҷуд ҷузъи он ҳам намебошад, балки берун аз ҳадди ӯ буда, ба моҳияти он илҳоқ шудааст. Форобӣ ин ҳақиқатро вуҷуди хос медонад ва миёни вуҷуду моҳият иртибот қоил аст. Ба назари ӯ, ҳастиву вуҷуд аз лавозими моҳиятҳост, на асли онҳо. Яъне, вуҷуд чинсу фасли ҳеҷ чиз нест. Аммо дар мабдаи аввал, ки ғайр аз вуҷуду инният (воқеияти вуҷудии чиз) ҳеҷ моҳияте надорад, чунин нест ва метавон гуфт, ки агар воҷиб-ул-вуҷуд сифате дошта бошад, ки он сифат моҳияти вуҷудро ташкил диҳад, ин ҳамон вуҷуд аст, ки ҳақиқати ӯст. Ҳақиқати ӯ маъноест, ки ном надорад ва таъкиди вуҷуд танҳо таъбире аз он маъност. [13, с. 172]

Ибни Сино низ масъалаи ҷавҳар ва аразро дар руҳияи анъанаи арастуӣ таҳлилу баррасӣ намуда, аз баъзе дидгоҳҳои Форобӣ дар ин масъала қизои маънавӣ гирифтааст ва онро тавассути ба низоми мушаххас ворид намудан ва таснифи мантиқӣ кардан мустақилона такмил додааст. Мутафаккир ҷавҳар ва аразро чун ду сатҳи муҳими ҳастӣ асосан дар доираи илоҳиёт таҳлил мекунад. Ба назари Ибни Сино, мавзуи илоҳиёт чизҳои ҷузъӣ набуда, «ҳастии мутлақ аст». [2, с. 218] Дар таълимоти ӯ илоҳиёт дорои усулу фуруъ аст. Усули он бар панҷ қисм аст: аввал, шинохти усулии ҳамаи мавҷудот; дуюм, таҳқиқи сарчашмаҳои ибтидоияи мантиқ, табииёт ва риёзиёт; сеюм, баррасии масоили марбут ба воҷиб-ул-вуҷуд; чаҳорум, баҳси масъалаҳои вобаста ба нахустибтидо ва ҷавҳари маънавии самовӣ ва панҷум, ҷавҳари руҳонии арзӣ. Фуруъи илоҳиёт, аз назари Ибни Сино, аз шинохти ваҳю нубувват ва илми маъод иборат аст.

Ибни Сино ба мисли файласуфони даврони атиқа ва асримиёнагӣ ба масъалаи нахустибтидо зиёд таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ ба ин бовар аст, ки ҳастӣ сароғоз дорад, ки аз он шуруъ мешавад ва дорои маоде (макону замони бозгашт – А.Б.) ҳаст, ки ба он боз мегардад ва ин бозгашт ба ҳаракат рабт дошта, нишони ба камолрасиаш аст. [128, с. 155] Тамоми масоили шинохт дар ниҳоят аз вуҷуд сар мешавад ва ба он ба анҷом мерасад. Шинохти нахустибтидоро мутафаккир ба панҷ омил алоқаманд менамояд, ки ба таври зайланд: аввал, иллатҳо аз тамоми чиҳат поёнпазиранд, дуюм, дар ҳар табақае аз онҳо мабдаи аввал ҳаст, сеюм, мабдаи ҳамаи онҳо якто аст ва Ӯ аз ҷомеи мавҷудот фарқ дошта, танҳо худаш Воҷиб-ул-вуҷуд аст ва панҷум, вуҷуди ҳар як мавҷуд аз Ӯ оғоз меёбад. [10, с. 315] Ин усул қариб дар тамоми матнҳои ақидавии олами ислом, ки мувофиқи онҳо Воҷиб-ул-вуҷудро дар ин ҷаҳон дидан номумкин аст, тасаввур кардани ӯ ғайриимкон мебошад, имкон надорад касе, ҳатто паёмбар, бевосита бо ӯ мусоҳиб гардад ва ғ. то имрӯз роиҷ аст. [97, с. 629]

Ибни Сино барои ҳастӣ маротибе қоил аст, ки дар таълимоти Форобӣ низ бо тағйироти ҷузъӣ мушоҳида мешавад. Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино мартабаҳои оғози вуҷуд, баъд аз зоти Воҷиб-ул-вуҷуд, чаҳор аст. Аввал, мартабаи ақлҳост, ки аз ақли аввал оғоз шуда, ба ақли фаъол ба охир мерасад. Дуюм, мартабаи нафсҳост, ки аз нафси фалаки афлок сар шуда, ба нафси фалаки адно ба

поён мерасад. Сеюм, маротиби сувар аст. Он аз сурати фалаки аъло оғоз шуда, ба сурати аносир хатм мешавад. Чаҳорум, мартабаи ҳаюло аст, ки аз ҳаюлои фалаки аъло оғоз шуда, ба ҳаюлои муштараки унсурӣ ба охир мерасад.

Ҷавҳар, ба назари Ибни Сино, ба маънои хос чизест, ки на дар чиз ёфт мешавад ва на зери чизест, балки зот ва худи он чиз аст ва барои мавҷудият ба чизи дигар ниёзманд нест. Баҳси ҷавҳар ва аразро Ибни Сино дар доираи «Имкон-ул-вуҷуд» ва мақулоти фалсафӣ баррасӣ мекунад ва «Воҷиб-ул-вуҷуд»-ро берун аз доираи мақулаҳои даҳгонаи муайяннамудаи арастуӣ таҳлил намуда, онро на ҷавҳар меҳисобад ва на араз. Араз наҳисобидани Ибни Сино «Воҷиб-ул-вуҷуд»-ро мушаххас аст, зеро ҳастии араз бастагӣ ба чизи дигар дорад, ки ба зоту сифоти «Воҷиб-ул-вуҷуд» мувофиқ нест. Аммо сарфи назар аз он, ки ҳастии «Воҷиб-ул-вуҷуд» айни моҳияти ӯст, дар мавзуъ нест ва ӯ муҳтоҷ ба маҳал нест, вале номи ҷавҳар ба ӯ гузошта намешавад, зеро ҷавҳар моҳиятест, ки вуҷуд бар он ориз мешавад. [2, с. 253-254]

Бо такя ба осори Ибни Сино метавон натиҷагирӣ намуд, ки ӯ ба мисли Арасту ба панҷ навъи ҷавҳар муътақид аст. Зеро ҷавҳар дар таълимоти Арасту ҳар чизест, ки вуҷудаш ба чизи дигар вобастагӣ надорад, мустақил ва қоим ба зоти худ буда, бар панҷ қисм аст: ҳаюло, сурат, ҷисм, нафс ва ақл. Ҳаюло, сурат ва ҷисм ҷавҳарҳои моддӣ, нафс ва ақл ҷавҳарҳои маънавианд. Ҳаюло маҳалли сурат аст, зеро ҳаюло бе ҷавҳари суварӣ вуҷуд дошта наметавонад. Сурат ҷавҳари ҳол дар ҳаюлост. Ҷисм ҷавҳари мураккаб аз ҳаюлову сурат аст. Нафс ҷавҳарест, ки зоҳиран бениёз аз модда аст ва амалан вобастаи модда мебошад. Ақл ҷавҳари бениёз аз модда дар зоту амал аст.

Аммо дар «Донишнома» ҷавҳарҳоро Ибни Сино ба чаҳор гуна ҷудо мекунад: «Яке ҳаюло чун асл, ки табиати оташ андар вай аст. Ва дигар сурат чун ҳақиқати оташӣ ва табиати оташӣ ва савум мураккаб (ҷисм, ки мураккаб аз ҳаюло ва сурат аст.–А.Б.) чун тани оташӣ ва чаҳорум чун ҷони ҷудоистода аз тан (нафс.–А.Б.) ва чун ақл». [2, с. 220] Яъне Ибни Сино нафсу ақлро якҷо баён намудааст ва дар ҳолати ҷудо намудани онҳо боз ҳамон шумораи ҷавҳарҳо ба панҷ мерасад ва бо назарияи ҷавҳарии арастуӣ айният пайдо мекунад. Дар ин маврид андешаҳои Ибни Сино бо дастовардҳои илмҳои муосир ба пуррагӣ мувофиқ нестанд. Зеро нафси нотиқа (шуур) ва ақл дар таълимоти ӯ ҷавҳар, яъне мавҷуди мутлақ ҳисобида мешаванд, ҳол он ки дар фалсафаи муосир он хосияти мағзи сари инсон дониста шуда, худи он моддаи басо олиташкил мебошад. [44, с. 66]

Дар маҷмуъ, назарияи ҷавҳар ва араз дар ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино мақоми махсус дошта, мутафаккирон ин масъаларо тавассути равиши метафизикӣ равшан кардан мехоҳанд. Ҳар ду мутафаккир дар миёни ҷавҳару араз робитаи устуворе нишон медиҳанд. Ба назари онҳо, аразҳо ҳолатҳои тақйирёбандаи ҷавҳар буда, араз бе ҷавҳар арзи ҳастӣ карда наметавонад, аммо дар назария ҷавҳар бе араз метавонад тасаввур шавад. Ҷавҳар асоси зотии ашё мебошад ва дар таълимоти ҳар ду дар заминаи назариёти арастуӣ тасниф шуда, анвои онро модда, сурат, ҳаюло, нафс ва ақл меҳисобанд, аммо Ибни Сино дар ин масъала нисбатан диди фарохтар дошта, аз лиҳози онтологӣ ин мафҳумҳоро таҳлили амиқу ҳамаҷониба мекунад.

Ибни Сино дар заминаи мақулаҳои даҳгонаи арастуӣ ба тавсифи масъалаи ҷавҳар ва араз мепардозад, вале дар шинохти ин мақулаҳо ба таълимоти Арасту билкул пойбанд намонда аст. Ӯ бо пешниҳоди афкори тоза, бо такя ба андешаҳои дар ин боб баённамудаи Форобӣ, ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, назари вуҷудии Арастуро нисбати ҷавҳар намепазирад ва ба он диди моҳиятӣ дорад. Яъне, моҳият

дар вуҷуд ориз мешавад. Аз ин рӯ, Ибни Сино Воҷиб-ул-вуҷудро аз доираи ҷавҳару араз берун баррасӣ менамояд. Аз ин равиши таҳқиқи ӯ бармеояд, ки мутафаккир таҳти таъсири ҷаҳоншиносии динии замони худ қарор дошта, ҷавҳарҳоро аз мабдаи ғайритабиӣ медонад, аммо сабабҳои наздиктарини чизҳо ба назари ӯ модиётанд, ки ин назари ӯ хусусияти равишшиносӣ дорад ва дар муайян намудани масоили зиёди фалсафӣ мусоидат хоҳад кард.

Ба замми монандиҳо дар масъалаи ҷавҳар ва араз дар таълимоти ин мутафаккирон тафовутҳо низ мушоҳида мегардад. Масалан, Форобӣ ҷавҳарро ба «аввалия» ва «сонавия» ҷудо намуда, ба ҷавҳари аввалия афзалият медиҳад, аммо ба ин назар аст, ки ҳақиқати ашёро мафҳумҳои куллӣ ташкил медиҳанд, ки ҷавҳарҳои сонавия мебошанд. Ибни Сино ин назари Форобиро қисман пазируфта, ба ислоҳи он мекӯшад ва ба натиҷае мерасад, ки ҷавҳари куллиёт танҳо дар зеҳн ҷавҳар аст. Дар хориҷ танҳо ҷавҳари фардӣ вуҷуд дорад. Ҳамзамон Ибни Сино ба истилоҳи «ҷавҳари сония», ки Форобӣ онро асосан ҳамчун як истилоҳи мантиқӣ истифода карда, бо диди онтологӣ таваҷҷуҳ карда, куллиётро «арази зеҳнӣ» меҳисобад. Ҳамзамон Форобӣ ақлҳоро ҷавҳарҳои муҷаррад ҳисобида, асосан онҳоро дар доираи нуфуси самовӣ ва назарияи судур баррасӣ мекунад. Ибни Сино бошад, мекӯшад исбот кунад, ки ҷавҳарияти нафс ба далели он аст, ки вай «дар мавзуъ нест». Яъне барои ӯ нафс араз нест, вагарна бояд ранг ё шакл медоштд. Ӯ ин масъаларо аз доираи сирф метафизикӣ берун карда аст.

Хулоса, дар таърихи фалсафа ҳарчанд Арасту мавзуи вуҷуду моҳиятро дар баҳси ҷавҳару араз аз нахустинҳо шуда матраҳ намуда буд, аммо ба он диди вуҷудӣ дошта, ба масъалаи моҳиятии он камтаваҷҷуҳӣ намудааст. Форобӣ бошад, дар ин мавзуъ аз пешгомонест, ки ки миёни вуҷуду моҳият фарқи мушаххас қоил мешавад ва Ибни Сино қояҳои матраҳнамудаи ӯро инкишоф медиҳад. Ба назари Форобиву Ибни Сино, моҳият мафҳуми мантиқии чиз аст. Масалан, имкон дорад, ки инсон дар бораи «аспи болдор» фикр кунад ва моҳияти он дар зеҳни ӯ маълум ва равшан гардад. Ҳарчанд он дар олами воқеӣ мавҷуд нест. Моҳият танҳо ифодакунандаи чистии чиз буда, хоси ҷавҳар аст. Ба ибораи дигар, моҳият маҷмуи сифатҳои дохилии як чиз, ки онро аз дигар чизҳо фарқ мегузорад. Аммо вуҷуд феъли воқеии ҳастӣ буда, чизест, ки моҳиятро аз зеҳн ба олами объективии беруна мебарорад.

Ба ҳар навъ, Форобӣ дар заминаи таълимоти Арасту мафҳумҳои ҷавҳар ва аразро бо таълимоти судур (эманатсия) ва табақабандии кайҳонии ақлҳо рабт дода, ҷавҳарро чун воқеияте баррасӣ намуд, ки барои вуҷуд доштани худ зарурат ба мавзуи дигар надорад. Аммо аразҳо аз ҷавҳар вобаста буда, мафҳумҳое мебошанд, ки барои вуҷуди худ ба ҷавҳар ниёз доранд.

Ибни Сино дар ин замина ба таҳлили ҷавҳар ва араз пардохта, онро ба сатҳи комилан нави мантиқӣ-метафизикӣ баровард. Ӯ таносуби ҷавҳар ва аразро бо масъалаи моҳият ва вуҷуд рабт дод. Агар Форобӣ вуҷудро ҳамчун мафҳуми тобеъ ба моҳият таҳлил намуда бошад, Ибни Сино ин масъаларо амиқтар таҳлил карда, мафҳуми вуҷудро чун араз нисбат ба моҳият матраҳ намуд, ки дар зеҳн тасаввур мегардад. Дар ҳар сурат, агар Форобӣ бунёди усулҳои таснифоти ҷавҳар ва аразро гузошта бошад, Ибни Сино бо ҷорӣ кардани арзёбиҳои мураккаби вуҷудшиносӣ ин ду категорияро ба маркази баҳсҳои фалсафии асримиёнагӣ дар бораи табиати ҳастӣ ва воқеият табдил дод.

Боби сеюм «**Таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дар бораи маърифати олам**» ном дошта, дар се зербоб таҳлилу баррасӣ мешавад ва пиромуни масъалаҳои маърифатие, ки дар осори ин мутафаккирон матраҳ мешавад, баҳс мекунад.

Зербоби якуми боби сеюм «**Масъалаи маърифатпазирии олам дар**

таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино» ном дошта, дидгоҳҳои Форобиву Ибни Синоро дар масъалаи маърифатпазирии олам ба бахс мекашад. Муаллиф таъкид менамояд, ки Форобиву Ибни Сино оламро маърифатпазир меҳисобиданд. Ҳар ду ҳам ҷараёни маърифатро бо донишҳои ҳиссӣ маҳдуд намекунанд ва муътақиданд, ки донишҳои ҳиссӣ моҳияти ҳастӣ ва қонуниятҳои зуҳуру ташаккули онҳоро ба таври комил ошкор карда наметавонанд. Пас он вазифаи асосии тафаккури мантиқӣ мебошад. Назарияи маърифати онҳо алоқамандии ногусастание бо мантиқ ва тафаккури мантиқӣ дошта, хусусияти абстрактӣ дорад. Онҳо ҷараёни маърифатро дар инъикоси сурати чиз дар ҳис ва ақл меҳисобанд.

Форобӣ ба ин бовар аст, ки маърифати ҳиссӣ зоҳири ашёро нишон медиҳад ва моро ба дарки воқеият роҳнамоӣ намекунад. Аз ин рӯ, ӯ миёни ҳис ва ақл тафовути зиёд қоил аст. Зеро маҳсусот дар ҳис ҳосил мешаванд, ҳис он суратро ба ҳисси муштарака медиҳад. Ҳисси муштарака онро ба тахайюл медиҳад, то мушаххас намуда ба ақл ирсол кунад. Яъне Форобӣ таносуби маърифати ҳиссӣ ва тафаккурро эътироф мекунад ва барои ба масоили маърифатӣ дуруст сарфаҳм рафтан алоқамандии онҳоро ҳамчун равиши фалсафӣ коркард намудааст.

Дар асари «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким» Форобӣ ин масъаларо дар иртибот ба нафси нотиқа баррасӣ намудааст. Ӯ нафсро билқувва доно ҳисобида, онро дорои ҳисҳое медонад, ки абзорҳои идроканд. Мутафаккир пас аз эҳтимоли ҳосил шудани маърифат вижагиҳои онро дар назар гирифта бошад ҳам, онро ба таври муназзаму системавӣ баён накардааст. Балки дар мабҳасҳои гуногун ба таври пароканда матраҳ менамояд. Ӯ муътақид аст, ки маърифат ба хоҳиш вобаста мебошад: «Инсон ҳар гоҳ бихоҳад чизеро бишносад, муштоқи огоҳ шудан ба ҳоле аз аҳволи он аст. Дар ин ҳангом онро бо тавҷеҳ ба кайфияти вижае ки дорад, ба чизҳои дигаре, ки пеш аз он шинохта буд, мулҳақ кунад. Ва ин нисбат ҷуз он ки он чиро дар худи ӯ вуҷуд дошта, дар он чиз хоҳон гаштааст. Чунон ки агар бихоҳад, бидонад, ки оё чизе зинда аст ё нест, пас аз он маънои зинда ва ғайризинда дар худаш вуҷуд ёфта будааст».[13, с.90-91]

Яке аз сарчашмаҳои асосие, ки назари маърифатии Форобиро бозгӯ мекунад, тафсири ӯ ба асари «Ас-самоу ва-л-олам»-и Арасту мебошад. Дар он Форобӣ назарияи «кул, яъне оламро оғози замонӣ нест»-и арастуиро чунин тафсир мекунад: «Пас пиндоштаанд, ки ӯ (Арасту–А.Б.) дар садади баёни беоғоз будани ҷаҳон (қидами олам) аст, аммо чунин нест. Зеро ӯ худ дар ин китоб ва дигар осораш дар табииёту илоҳиёт баён кардааст, ки замон адади (миқдори) ҳаракати фалак аст ва ҳудус аз замон падид меояд. Ва он чи аз чизе ношӣ мешавад, худ онро дар бар намегирад (масалан, сояи фард худи ӯро дар бар намегирад). Ва маънии ин сухан, ки «ҷаҳон ибтидои замонӣ надорад» он аст, ки замон кам-кам (ба тадриҷ) бо афзояш таквин наёфтааст. Чунон ки масалан, хонае кам-кам ё ҳайвоне (ба тадриҷ) бо афзояш таҳаққуқ меёбад, зеро бархе аз афзои онҳо бар бархе дигар тақаддуми замонӣ доранд. Ҳол чун замон худ аз ҳаракати фалак падид меояд, муҳол аст, ки пайдоиши худи фалак ибтидои замонӣ дошта бошад. Пас саҳеҳ аст, ки гуфта шавад, танҳо ба ибдои Борӣ таоло ба якбор ва бидуни замон таҳаққуқ ёфтааст».[13, с.93]

Аз ин иқтибос бармеояд, ки Форобӣ ҷонибдори назарияи ҳудуси олам набуда, ба қадим будани он бовар дошта бошад ҳам, ақоиди худро нисбати идроки олам маҳз дар руҳияи офариниш баён менамояд ва барои тақвияти фикри худ ақидаҳои Афлотуну Арастуро чун далелҳои муътамад истифода намудааст. Албатта, ин назарияро Форобӣ тавассути судур баён кардан мехоҳад, ки он аз Худо ба таври абадӣ содир мешавад. Аммо ин ҷо низ танқиди фикрӣ дар таълифоти

Форобӣ мушоҳида мешавад. Зеро Форобӣ дар осори гуногунаш ба мисли Арасту аз назарияи қадим будани олам ҷонибдорӣ менамояд, вале барои он ки бо ақоиди исломӣ мухолифат ба вуҷуд наояд, миёни қидами олам, чунонки Арасту мепиндошт ва андешаи халқ, чунончи ақоиди исломӣ талаб дорад, як навъ ҳамоҳангӣ мехоҳад нишон диҳад. Аз ин рӯ, чи тавре қаблан ишора кардем, мутафаккир ақлро ибдои Худо меҳисобад, ки хориҷ аз замон аст. Аз ин равиши Форобӣ бармеояд, ки ӯ роҳи ҳалли дурусти масъалаи моддаро пайдо накардааст. Зеро дар масъалаи ба вуҷуд омадани модда ӯ ба ақли ибдоии хориҷ аз замон такя мекунад, аммо далели қонеъкунандае пайдо карда наметавонад, ки чи тавр модда аз ақли муҷаррад аз модда содир шудааст. Барои посух ёфтан ба ин савол Форобӣ маҷбур мешавад ба мисли Афлотун ва навафлотуниён силсилаи ақлҳоро коркард кунад, аммо он масъалаи пайдоиши оламро ба таври реалӣ бозгӯ карда наметавонад.

Ибни Сино низ ба маърифатпазирии олам бовар дорад. Ӯ ҳам ба мисли Форобӣ муътақид аст, ки маърифат танҳо аз роҳи ба даст овардани донишҳои ҳиссӣ ҳосил намешавад ва дар ин росто маърифати ақлӣ ҷойгоҳи хос дорад ва ин андешаро инкишоф додааст. Олам дар асоси қонунмандиҳо ва низоми муайяне ба вуҷуд омадаст ва маърифати он хоси инсон аст. Мутафаккир оламро маҷмуи ҳамаи ҷисмҳои табиии басит ё ҷумлаи мавҷудоте, ки зоти ҳамҷинс доранд, ба мисли олами табиат, олами нафс ва олами ақл, меҳисобад. [3, с.609]

Мутафаккир мафҳуми «идрок»-ро аз тасаввур кардани маъниҳои куллӣ иборат медонад, ки инсон ба тасаввур намудани чигунигии он эҳтиёҷ дорад. Ӯ барои равшан намудани ин маъно инсонро мисол меорад ва қайд мекунад, ки ҳар фард «аҳвол ва авсофе дорад, ки бар инсон будани вай дохил нест. Аммо дар вуҷуд аз онҳо холӣ буда ҳам наметавонад, монанди ҳадди инсон дар қадду қомати вай ва рангу шакли вай аз чизҳои бисудашудаи вай ва ғайра. Пас, ҳамаи инҳо, агарчи нишонаи инсонӣ бошад ҳам, шарти инсонӣ нестанд, вагарна ин ҳама дар инсон баробар мешуданд. Бо вуҷуди ин ба ақли мо меояд, ки ин ҷо чизе ҳаст, ки «инсон» меноманд».[3, с.571]

Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино одам меъёри ҳама чизҳост ва «ба шарофати осори абадзиндаи хеш Ибни Сино имрӯз низ ҳамзамон ва ҳамқадами ҷомеаи башарӣ мебошад». [124, с.233] Ӯ ба ин назар аст, ки маърифати ақлӣ, ки хоси инсон аст, дар алоқамандӣ бо маърифати ҳиссӣ сурати ашёро дар зеҳн инъикос менамояд. Мутафаккир ба мисли Форобӣ ҳадафи ниҳоии маърифати оламро танҳо донистан не, балки баҳри камоли нафси нотиқа ва дарёфти ҳақиқат меҳисобад. Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд аз машҳуртарин феълҳои нафс ва аввалин асарҳои маҳсуси «нафси нотиқа» нутқ аст, аммо Ибни Сино ин номгузориро ба таври дигар ташреҳ медиҳад: «мурод аз «нафси нотиқа» ин нест, ки вай фақат мабдаи нутқ аст, балки ин лафз, лафзест, ки бо он далолат бар зоти он мешавад. Ва вай хосиятҳоест, ки аз ҷумлаи онҳо идрок ва феълу инфиол аст». [3, с.570]

Ин назари Ибни Сино то ҳол дар антропологияи муосир арзишманд буда, як қисмати умдааш айнан истифода мешавад. Яъне «нафси нотиқа» танҳо сарчашмаи нутқ нест, балки мафҳуми ифодакунандаи зоти инсон буда, дорои сифатҳое, ба мисли идрок, амал кардан ё накардани мақсаднок ва таъсирпазирӣ мебошад. Мафҳуми «инфиъол»-ро худи Ибни Сино чунин ташреҳ мекунад: «Инфиъолҳо аҳволе ҳастанд, ки тобеи истеъдодҳое мешаванд ва бар бадан бо ҳамроҳии «нафси нотиқа» ориз мешаванд. Монанди истеъдоди ханда, хиҷолат, ҳаё, раҳм ва ғайра». [3, с.571] Яъне инфиъол ҳолатест, ки худ фаъол нест, аммо аз таъсиркунандаи

беруние таъсир мегирад ё тағйир меёбад.

Ақл дар таълимоти Ибни Сино баландтарин зинаи таҷрид мебошад, ки хоси инсон аст. Дар низоми фалсафии мутафаккир ақл чун шакли махсуси идроки олам ва қувваи нафси нотиқа шинохта шудааст. Ба назари ӯ, ақл фитрӣ буда, василаи аслии ба вуҷуд омадани афъоле, ки бо мушоракати ҷисм ва қуввахои ҷисмонӣ аз нафс содир мешавад. Он «мабдаи фоили халлоқе мебошад ва чизе, ки аз мабдаияти вай хоси зоти ақл аст, ақлияти билфеъли вай аст». [3, с.429] Ибни Сино ҳашт маънои ақлро дар «Рисолаи ҳудуд»-аш нишон медиҳад: аввал, тасаввурот ва тасдиқотест, ки дар нафс ба воситаи фитрат ҳосил мешавад; дуюм, ақли назарӣ, ки танҳо аҳкоми куллиро дарк мекунад; сеюм, ақли амалӣ, ки сарчашмаи таҳрикдиҳандаи бадани инсон барои амалҳои ҷузъист, ки ҳадафмандона сурат мегиранд; чорум, ақли ҳаюлонӣ ё билқувва мебошад, ки қобилияти дарки мафҳумҳоро дорад, аммо дар амал татбиқ нашудааст; панҷум, ақли билмалака, ки қобилияти фаҳму дарки маърифатро дорад, аммо ҳанӯз донишҳои барояш равшаншударо дар амал татбиқ накардааст; шашум, ақли билфеъл аст, ки моҳияти донишро дарк карда, метавонад аз он истифода барад; ҳафтум, ақли мустафод аст, ки чун зинаи ниҳоии камоли ақл ҳисобида мешавад, ки дар ин марҳила инсон бо асли худ пайваст мешавад; ҳаштум, ақли фаъол аст ва он ақли ҳамеша билфеъл мебошад, ки ақли мустафод тавассути он сурату маъноҳои муҷаррадро идрок мекунад.

Дар маҷмуъ, Форобӣ оламро ҳамчун низоми бо ҳадафи мушаххас ба вуҷудомада эътироф мекунад ва мутмаин аст, ки он тавассути донишҳои ҳиссиву ақлӣ маърифатпазир аст. Ӯ донишҳои ақлиро, ки бо тафаккури мантиқӣ муҷаҳҳаз гардидаанд, баландтарин зинаи маърифат меҳисобад, ки тавассути онҳо метавон ба ҳақиқат ноил шуд. Аммо ақл, ки воситаи асосии маърифати воқеият мебошад ва бидуни он шинохти ҳақиқат воқеӣ нест, ниёз ба парвариш дорад, ки он ба василаи шуғли доимӣ ба дониш ба даст меояд. Дар ин масъала ҷойгоҳи асосиро фалсафа ишғол мекунад ва он муҳимтарин василаи идроки дурусти олам ба ҳисоб меравад.

Форобӣ барои зоҳирӣ нишон додани ихтилофи миёни Афлотуну Арасту кӯшида, бо такя ба осори ба Арасту нисбатдодаи баъзе мутарҷимон назарияи мусулро бо ибдоъ қаробат медиҳад. Дар ин масъала Форобӣ назариёти Арастуву Афлутинро иштибоҳан омехта мекунад ва китоби «Усулуҷӣ»-и Афлутинро ба Арасту нисбат дода, афкори бо ҳам зиддиятноки ин асарҳоро тавассути таъвил зоҳиран хилофи ҳам ва ботинан мувофиқ меҳисобад. Форобӣ амалан фалсафаи арастуиро бо унсурҳои илоҳиёти навафлотунӣ омезиш медиҳад ва дар натиҷа низоми комили фалсафие ба вуҷуд меояд, ки ҳадафи аслиаш қаробат додани фалсафа (ақл) ва дин (ваҳй), ҳамоҳанг сохтани ҳикмати юнониву исломӣ, мушаххас намудани мафҳумҳои муҷаррад тавассути усулҳои мантиқӣ ва табдил додани фалсафа ба қувваи маърифативу ахлоқӣ буд, ки он ифодакунандаи маърифатпазирии олам аз ҷониби ӯст.

Ибни Сино низ оламро маърифатшавандаву муназзам медонад ва низоми фалсафие коркард намудааст, ки дар он идрок тавассути таҷрибаҳои ҳиссӣ шакл гирифта, бо ақл ва нафс такмил меёбад. Ӯ мартабаҳои идрокро эҳсос, хаёл, ваҳм ва тааққул медонад ва ин мафҳумҳоро дар муқоиса бо Форобӣ ба таври муфассалтар шарҳу такмил додааст. Ба назари Ибни Сино, маърифат аз идроки ҳиссӣ оғоз мешавад ва бо ақл такмил меёбад. Ҳис барои Ибни Сино сурати аз модда ҷудошуда аст. Ақл аз маълумоти ҳиссӣ маъноҳои умумиро ҷудо намуда, ба ин васила оламро маърифат менамояд, ки ин равандро мутафаккир «таҷрид» меномад. Маърифати ақлӣ олитарин зинаи маърифат ҳисобида мешавад.

Форобӣ ва Ибни Сино ҳар ду ҳисро сарчашмаи ибтидоии маърифат медонанд, аммо аввалӣ ба тасаввур ва дуюмӣ ба эҳсоси ботинӣ бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Ҳар ду мутафаккир дар масъалаи идроки олам аз ҷониби инсон ба қудрати ақл баҳои мусбӣ медиҳанд, аммо Муаллими сонӣ ба мантиқу таҷриба бештар такя мекунад, вале аҳёнан Шайхурраис аз доираи баҳси фалсафӣ берун меравад ва махсусан дар мавриди ақли фаъол ба илоҳиёту ирфон майл мекунад.

Хулоса, Форобӣ ва Ибни Сино дар асоси идроки ҳиссиву ақлӣ ва таносуби тасаввур, тааққул ва бурҳон ба маърифатпазирии олам бовар дошта, воқеияти таибиро ҳамчун қонунмандиҳо, ки дорои робитаи сабабиву натиҷавист, эътироф доранд. Форобӣ асосан ба сохтори умумии раванди маърифат таваҷҷуҳ намуда, барои маърифати олам нақши ақлро дар ҷойи аввал мегузорад. Илова бар ин авомил Ибни Сино ба фаъолияти қувваҳои ҳиссии зоҳириву ботинӣ, марҳилаҳои ташаккули идрок ва нақши бурҳон барои маърифати олам эътимоди бештар дорад.

Зербоби дуюми боби сеюм «**Андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино пиромуни шаклҳои маърифат**» ном дошта, дар ин бахш шаклҳои маърифат дар таълимоти ин мутафаккирон таҳлилу баррасӣ гардида, таносубу тафовути онҳо нишон дода шудааст. Қайд мегардад, ки барои муайян намудани шаклҳои маърифат дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино ба усули маърифатии онҳо ва низоми фалсафиашон таваҷҷуҳ намудан зарур аст. Форобӣ ба ин назар аст, ки дониш ба ду маъно-қазия ва мафҳум, истифода мешавад. Баъзе қазияҳо боэътимод ва бархе беэътимод мебошанд. Ӯ мантиқан чунин натиҷагирӣ мекунад, ки вожаи дониш ба донишҳои боэътимод нисбати донишҳои беэътимод бештар истифода мешавад ва маҳз ҳамин серистеъмолӣ сабаб шуда, ки онҳоро донишҳои боэътимод номанд. [16, с.272] Форобӣ донишро пояи асосии маърифат ва раванди шинохти ҳақиқату расидан ба саодат меҳисобад. Дониш, ба назари ӯ, идроки ақлонии воқеият буда, дар ин сатҳ инсон метавонад моҳияти табиат, ҷамъият, худ ва қонунҳои онҳоро дарк намояд.

Форобӣ шаклҳои донишро ба ҳиссӣ, хаёлӣ, ақлонӣ, мантиқӣ, динӣ ва фалсафӣ ҷудо намуда, ҳар кадомро дар навбати худ тасниф намуда, шарҳ додаст ва банду басти мантиқии онҳоро мушаххас намудааст. Ӯ мантиқро василаи умумии маърифат ва меъёри дастрасӣ ба ҳақиқат дониста аст.

Яке аз қисматҳои фалсафаи Форобӣ, ки дар он масоили шаклҳои дониш ва илм густурдатар матраҳ мешавад, табииёт аст. Дар зиминаи таҳқиқи масоили улуми табиӣ Форобӣ ба баррасии маърифатпазирии олам низ пардохта, ба хулосае расидааст, ки ҳарчанд имкониятҳои инсон ба авомили гуногуне бастагӣ дорад ва дар бисёр ҳолатҳо ба махдудиятҳо мувоҷеҳ аст, аммо инсон қудрати маърифат намудани мавҷудотро дорад. Инсон тавассути ҳис ва ақли худ ба донистани олам роҳ меёбад. Яъне Форобӣ маърифати ҳиссӣ ва ақлиро чун шаклҳои маърифат пазируфтааст. Ба назари ӯ, маърифати ҳиссӣ раванди мухталифи пайдоиши сурати маърифат дар нафси инсон буда, «муртасим» (сурате, ки ба таври фаъолу огоҳона тавассути ақл дар нафси инсон шакл мегирад. –А.Б.) ва «мунтабиъ» (сурате, ки ба таври худкор дар ҳиссиёт нақш мебандад. –А.Б.) шудани сурат ва маъниҳои номаҳсуси ашё дар зеҳн тавассути дастгоҳҳои ҳис аст. [17, с. 78; 11, с. 87]

Дар таълимоти Ибни Сино низ масоили маърифатӣ дар таркиби мавзуъҳои дигари мантиқу фалсафа матраҳ мешавад ва ҳамчун қисмати алоҳида коркард нашудааст. Ибни Сино се шакли маърифатро аз ҳам фарқ мекунад: бадеҳӣ, зарурӣ ва назарӣ (ақлӣ). Маърифате, ки ба ягон пешфарз, ҳукм, хулосабарорӣ ниёз надорад ва бе ёрии ҳиссиёт ба вуҷуд меояд, маърифати бадеҳӣ меномад. Масалан, аз ҷониби

инсон дарк кардани мавҷудияти худи худаш маърифати бадеҳист. Маърифате, ки тавассути ҳиссиёти беруна ба вуҷуд меояд, масалан, донистани он ки оташ сӯзонанда аст, маърифати зарурӣ номида мешавад. Зеро инсон тавассути хирад пас аз гирифтани маълумот аз ҳиссиёти беруна, наметавонад онро инкор кунад ё дар он шак кунад. Маърифате, ки бо ёрии шаклҳои гуногуни хулосабарориҳои ақлӣ сурат мегирад, маърифати ақлӣ номида мешавад. Намунаи ин гуна маърифат он аст, ки тамоми чизҳои дар замон бавуҷудомада, дучори тағйирот мешаванд. [33, с.179-180]

Ибни Сино ба маърифатпазирии олам бовар дошта, раванди маърифатро тавассути инъикоси сурати маҳсусот дар ақл равшан кардан мехоҳад ва дар амалӣ гардидани ин ҳадаф аз мантиқ чун равиши методологияи маърифати илмии донишҳои иктисобӣ ва илм истифода мекунад. [129, с.110] Ӯ тавассути далелҳои гуногун, махсусан эҳсоси зоҳириву ботинӣ, маърифатпазирии оламро исбот намудан мехоҳад. Яке аз шаклҳои маърифат, ки Ибни Сино дар осори гуногунаш онро муфассал баррасӣ намуда, маърифати ҳиссӣ аст. Ба назари ӯ, зинаи ибтидоии маърифат маҳз дар заминаи ҳис ба вуҷуд меояд. Ин шакли маърифат низоми мушаххаси шинохтро пешниҳод менамояд, ки дар он ҳис, хаёл ва ақл пайдарпай амал мекунанд. Маърифати ҳиссӣ, ба назари ӯ, шинохт ба воситаи ҳисси зоҳириву ботинӣ аст. Ҳиссҳои панҷгонаи зоҳирӣ: шунавоӣ (самъ), биноӣ (басар), бӯёӣ (шамма), чашоӣ (завқ) ва басавоӣ (мисос) ва эҳсоси берунаро «панҷ ё ҳашт аъзои ҳис» [3, с. 346; 4, с. 176] меномад, ки ҳисси муштарака, мутахаййила, фикрат (тасаввур), ваҳм ва ҳофиза аст.

Ибни Сино ҳиссҳои зоҳириро механизми такмили шаклҳои маърифат ҳисобида, ба ин назар аст, ки тавассути онҳо маърифати ҳиссӣ шакл мегирад, ки мутафаккир онҳоро идроки ҷузъӣ ва зинаи аввалини шинохт меҳисобад. Ӯ бо далелҳои қотеъ исбот мекунад, ки маърифати ҳиссӣ маҳдуд ва ҷузъӣ буда, танҳо ашёи мушаххасро эҳсос мекунад, на мафҳумҳои умумиро ва ҳиссҳои зоҳирӣ «сурат»-и ашё, ба мисли ранг, овоз, бӯй ва ғайраро вақте дарк мекунанд, ки он ашё дар назди узви ҳис ҳозир бошад. Аммо маърифати ҳиссӣ василаи гузариш аз модда ба маъно низ ҳаст, ки онро Ибни Сино марҳиларо «ҳиссҳои ботинӣ» меномад.

Хулоса, Форобӣ ва Ибни Сино маърифатро ҳамчун раванди тадриҷии шинохти табиату инсон меҳисобанд, ки аз ҳис оғоз мешавад ва дар марҳилаи донишҳои ақлонӣ такмил меёбад. Ҳар ду мутафаккир маърифатро муқаддамотӣ ба таври умум ба ҳиссӣ ва ақлӣ ҷудо мекунанд, аммо дар таълимоти онҳо тафовутҳо низ, ҳарчанд ҷузъиянд, мушоҳида мешавад, ки ба раванди ташаккулёбии маърифат ва дараҷаи таҳлили он рабт дорад. Форобӣ раванди маърифатро ба ҳис, тасаввур, ақл, ҳадс ва бурҳон рабт дода, ҳар кадоми онҳоро шакли алоҳидаи маърифат ҳисобад ҳам, Ибни Сино ин шаклҳоро ба таври муфассал таҳлил намуда, нақши ҳар кадоми онҳоро равшантар бозгӯ менамояд ва дар ин замина таснифоти шаклҳои дигаре, амсоли бадеҳӣ, зарурӣ ва назарӣ (ақлӣ)-ро матраҳ мекунад ва қуввахои ҳиссро хеле возеҳу густурда баён мекунад.

Форобӣ асосан ба масоили маърифатӣ аз дидгоҳи фалсафаву мантиқ таваҷҷуҳ намуда, ҷанбаи назарии онро таҳлил намудааст, Ибни Сино бошад бо такя ба таҷриба ҷанбаҳои равониву физиологии онро шарҳу баён мекунад. Аз ин рӯ, дар таснифоти Ибни Сино маърифати фаъол ва ғайрифаъол низ чойгоҳи хос дорад. Ҳамзамон Форобӣ асоси такомули маърифатро ба Ақли фаъол нисбат медиҳад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба замми он қобилияти ҳадсро низ тавсиф намуда, онро чун қобилияти идрок ва чун навъи маърифат таҳлилу баррасӣ намудааст.

Зербоби сеюми боби сеюм бо унвон «**Масъалаи нафс ва имконоти**

маърифатии он дар таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино» ба баррасии масъалаҳои вобаста ба нафс, шаклҳо ва имконоти маърифатии он бахшида шудааст. Дар ин зерфасл таъкид мегардад, ки Форобиву Ибни Сино дар баҳси нафс кӯшидаанд масъалаҳои асосии моҳият, табиат ва ҳастии инсон, умуман ва олами ботиниву равонии ӯро, хусусан, кашф кунанд. Ин ҷанбаи таълимоти Форобиву Ибни Сино танҳо ба сатҳи бошууронаи равони инсон нигаронида нашудааст, балки ба мисли равоншиносии муосир равандҳои психикӣ, рафтору кирдор, масоили таҳтушшуурӣ, бешуурӣ, ҳадс, хоббинӣ, ғаризаҳои дигари психикӣ ва ҳолатҳои мухталифи руҳии фардиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар таълимоти Форобӣ нафс танҳо хоси одамӣ нест, балки он дорои мартабаҳо буда, наботот, ҳайвонот, ҷирмҳои осмонӣ ва афлок низ дорои нафсанд. Дар осори Форобӣ паҳлӯҳои гуногуни масъалаи нафс баррасӣ гардида бошанд ҳам, ӯ бештар ба қисмати нафси нотиқа таваҷҷуҳ кардааст ва онро камоли аввали ҷисми табиии олии билқувваи ҷондор меҳисобад. Ба қавли худи ӯ, «Агар бихоҳем таърифи куллӣ, ки мунтабиқ бар тамоми анвои нафс бошад, бидиҳем, бояд бигӯем, ки нафс камоли аввал барои ҷисми табиии олӣ аст ва аз ҳамин рӯст, ки мавриде барои баҳс, роҷеъ ба ин ки нафсу бадан як чиз аст, намемонад». [21, с.79] Нафси инсониро бошад, Форобӣ аз ҷумлаи муҷаррадот меҳисобад, ба вай вижагии хос қоил буда, имтиёзи ӯро ба ақл рабт медиҳад. Мутафаккир вазифаи аслии нафси нотиқаро маърифати моҳияти ашё меҳисобад. Ҳарчанд масъалаи нафс аксар дар ҳастишиносии Форобӣ матраҳ мешавад, аммо хусусиятҳои маърифатии он, махсусан дар нафси нотиқа бештар аст, зеро ба назари ӯ, олитарин қувваҳои нафс қувваи нотиқа аст, ки он моддаи қувваи дигаре нест.

Дар масъалаи нафси нотиқа Форобӣ диди ирфонӣ низ дорад. Зеро ӯ нафси нотиқаро ғайриҷисмонӣ ва аз олами улвӣ меҳисобад. Ба назари ӯ, дар шаъни нафси нотиқа аст, ки маъқулотро тавассути ақл шиносад. Агар ғафлат варзад ва ба модиёти дунё гирифтор шавад, аз маъқулот рӯй гардонидааст ва аз шаъну шарофати зотии худ дур шудааст. Чунин нафсҳо аз саодат дуранд. Пас бояд кӯшиш намоянд, то ҳичоби тан ва худпарастиро аз худ дур намоянд ва аз пайи лаззоти ҷисмонӣ набошанд. Дар акси ҳол лоиқи қурби мақоми қудс нестанд. Нафс ҳамеша роғибу толиби камол буда, шавқу иштиёқи шадид онро ба саодат мерасонад. Пас Форобӣ вақдро василаи шинохт ва аз хоҳишҳои нафсонӣ дурӣ ҷустан ва ҳадси ирфониро роҳи қурбат ба мақсуди ниҳоӣ, ки воҷиб-ул-вуҷуд аст, меҳисобад.

Дар таълимоти Ибни Сино низ масъалаи нафс мақоми марказӣ дорад. Он дар заминаи ақидаҳои Арастуву Форобӣ шакл гирифта бошад ҳам, ба таври мушаххастар шакл гирифта, истиқлоли фикрии муҳаққиқ дар он фаровон мушоҳида мешавад. Пеш аз Ибни Сино ҳакимони зиёде ба ин мавзуъ дахл намуда бошанд ҳам, бо боварӣ метавон гуфт, ки то ӯ касе дар ин масъала мисли вай ба таври густурда баҳс наороста буд. [67, с.153] Дар заминаи осори ҳакимони қаблӣ, махсусан Афлотун, Арасту, Киндӣ ва Форобӣ, Ибни Сино таҳқиқоти зиёде дар масъалаи нафс анҷом дода, осоре дар ин боб таълиф намудааст, ки «Китоб-уш-шифо», «Ҳикмати машриқия», «Китоб ан-наҷот», «Донишнома», «Рисолаи ҳудуд» ва «Ишорот ва танбеҳот» аз ин ҷумлаанд. Ӯ дар ин мавзуъ асарҳои алоҳидае ҳам иншо намудааст, ки бо номҳои «Рисолаи нафс» ва «Дар баёни тақсими нуфус» маъруфанд.

Аз осори ба ин мавзуъ бахшидаи Ибни Сино бармеояд, ки нафс ва организми органикӣ бо ҳам қаробат доранд ва ба истиснои ҷамодот ҳама мавҷудоти зинда, ҳам наботот, ҳам ҳайвоноту инсонҳо ва ҳам афлок дорои нафсанд. Дар баҳси соҳибнафс будани афлок миёни машшоиён ва мутакаллимон иттифоқи назар нест.

Масалан, Абуҳомиди Ғаззолӣ бо эҳтимолиятҳои сегона соҳибнафс будани афлокро рад мекунад. Аввал, эҳтимол дорад ҳаракати афлок касрӣ (зарурӣ, маҷбурӣ. –А.Б.) бошад ва чисме, ки ба шакли кура набошад, онро ҳаракат диҳад. Дуюм, эҳтимоли ҳаракати табъӣ доштани афлок ҷой дорад ва ба воситаи иродаи қадими Худо ба он ҳаракати даврӣ ато шуда бошад. Сеюм, иродаи Худо афлокро бевосита ба ҳаракат водор намудааст. Бинобар ҳар се эҳтимол афлок ба нафс эҳтиёҷ надорад. [37, с.162]

Ибни Сино нафси инсониро ҷавҳаре меҳисобад, ки илова ба қобилиятҳои нафсҳои наботиву ҳайвонӣ, қобилияти маърифат ва фаъолияти ақлонӣ дошта, «фасод намепазирад ва истимдоди вай аз файзи илоҳӣ мебошад». [5, с.177] Ин назари мутафаккир бо андешаи Муаллими аввал мувофиқ аст, зеро Арасту муддай аст, ки се ҷавҳари мутафовит вуҷуд дорад: аввал, ҷавҳари нобудипазир, ки шомили гиёҳону ҷонварон мешавад, дувум, ҷавҳаре, ки нобуд намешавад ва шомили аҷроми самовист ва сеюм, ҷавҳаре, ки на маҳсус аст, на нобудипазир ва шомили Худо ва нафси нотиқи инсон мешавад. [87, с.33] Ибни Сино баҳси нафси нотиқаро чун муҳимтарин масоили маърифатшиносӣ матраҳ менамояд. Нафси инсонӣ дар таълимоти Ибни Сино ду қисм қувва дорад, ки якеро омила (амалӣ) ва дигареро олима (назарӣ) меномад. Дар истилоҳоти фалсафии Ибни Сино қуваи омила бо ақли амалӣ ва қуваи олима бо ақли назарӣ айният доранд: «Қувваи олима, ки онро қувваи олимаи назарӣ мехонанд, қуввааст, ки хосият дорад суратҳои куллии аз модда муҷаррад дар вай интибоъ ёбанд». [3, с.350] Ҷойи дигар ақл хондани ин қуваҳоро чунин баён мекунад: «ҳар яки онҳоро (қуввахои омила ва олима. –А.Б.) бо иштироки исм ё аз ҷиҳати шабоҳат доштан «ақл» гӯянд». [3, с. 348; 5, с. 53]

Дар маҷмуъ, ковишҳои Форобӣ дар бораи нафс чунин аст, ки он камоли ҷисми зинда аст. Он азалӣ нест, балки бо ҷисме, ки омодааст онро бипазирад, ҳодис шудааст. Нафсҳои наботиву ҳайвонӣ бо фанои ҷисм аз байн мераванд, аммо нафси нотиқа, агар саодатро шинохта ва барои расидан ба он кӯшидааст ё саодатро шинохта, вале онро напазируфтааст, абадианд. Ин масъала асосан дар чаҳорчӯбаи кайҳонмарказияти юнонӣ матраҳ гардидааст. Ба ҳар навъ, назари Форобӣ нисбати нафс мушаххас буда, он ҳарчанд дар заминаи фалсафаи юнонӣ шакл гирифта аст, аммо на бо Афлотун мувофиқ аст, ки нафсро азалӣ меҳисобид, на бо Арасту мутобиқ аст, ки нафсҳои фардиро пас аз фанои ҷисм фонӣ меҳисобид. Ӯ ҳамчун файласуфи соҳибраъй нисбати ин масъала хулосаҳои муайяни худро дошт ва нафсро ҳодис ба ҳудуси тан ва боқӣ пас аз фанои ҷисм меҳисобад. Ӯ ҳамаи нуфусро зотан толиби камол медонад. Ба назари ӯ, нафс дар бадан нест, вале қувваҳои гуногунаш, ки тавассути онҳо дар ашё тасарруф мекунад ва ба мисли абзори ӯянд, дар бадан воқеъанд. Ин қувваҳо байни нафсу бадан муштараканд ва аз қувваи амалия баромадаанд.

Форобӣ кӯшидааст муайян намояд, ки маърифат ба саодат сабаби аслии баҳои инсон баъди маргаш аст. Сарнавишти инсон ба идроки ақлони ӯ нисбати саодати ҳақиқӣ бастагӣ дорад. Ҳар кӣ дидаву дониста сабабгори залолати худ мешавад, ба азоби доим гирифтор мегардад. Ин ақидаҳои Форобӣ хусусияти тарбиявӣ низ доранд.

Ҳамзамон метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар масъалаи нафс то Ибни Сино касе ба мисли ӯ ба таври муназзам дар ин мазуъ баҳс наороста буд. Мутафаккир ба мафҳуми “нафс” таваҷҷуҳи махсус медиҳад ва қуввахои инсониро ҳамчун фаръи нафс баррасӣ менамояд. Нафс, ба назари Ибни Сино, ба мавҷудоти зинда мутааллиқ буда, нафсҳои наботиву ҳайвонӣ ҷисмонӣ мебошанд ва ҳастиашон низ комилан ба ҷисм вобаста аст. Аммо нафси инсонӣ хусусияти ҷавҳарӣ дошта, ҳарчанд бо ҷисм ба вуҷуд меояд ва ҳодис ҳаст, аммо ҷисмонӣ набуда, камоли ҷисм

мебошад ва пас аз фанои ҷисм низ абадӣ боқӣ мемонад. Ин натиҷагирии Ибни Сино бо низоми фалсафии худаш, ки ҳама чизи ҳодисро фанопазир медонист, мувофиқат намекунад.

Ҳарчанд Форобӣ ба қавҳарияти нафс қоил аст, аммо Ибни Сино ба қавҳарияти руҳонии нафс бовар дорад. Форобӣ нафсро камоли аввали ҷисми табиӣ меҳисобад, Ибни Сино онро қавҳари ғайримоддии мустақиле медонад, ки илова ба камол ҳастии худӣ дорад. Дар таълимоти фалсафии ҳар ду мутафаккир масоили нафс ҳам қанбаи онтологӣ ва ҳам гносеологӣ дорад, аммо Форобӣ онро чун як қисмати космологӣ баррасӣ мекунад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба он асосан чун василаи маърифати олам ва сарчашмаи идроку тафаккуру ақл муносибат мекунад.

Хулоса, Форобӣ ва Ибни Сино ба масъалаи нафс чун василаи маърифатӣ таваққуҳ намуда, онро пайванди асосӣ миёни ҷисми зинда ва фаъолияти ҳаётӣ меҳисобанд. Форобӣ ба ин бештар масъала диди метафизикӣ ва ахлоқи дорад, дар ҳоле ки Ибни Сино онро чун масъалаи мустақили фалсафӣ баррасӣ менамояд. Инчунин Форобӣ асосан ба ин масъала диди иҷтимой-сиёсӣ дошта, нафсро дар робита бо ҷомеа баррасӣ мекунад. Ибни Сино бошад, бештар ба таҳлили психологию тиббии сохтори нафс, робитаи он бо майнаи сар ва узвҳои ҳис таваққуҳ мекунад. Ба ҳар навъ, дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино нафс танҳо ифодакунандаи ҳаёт нест, балки василаи маърифати олам аст.

Боби чоруми диссертатсия бо унвони «**Масъалаҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино**» ба масъалаҳои фалсафаи амалии Форобӣ ва Ибни Сино бахшида шудааст.

Зербоби якуми боби чорум – «**Андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба ахлоқ ва камолоти инсон**» ба яке аз масъалаҳои муҳим бахшида шуда, инсон чун навъи махсуси ҳастӣ баррасӣ мешавад ва дар робита ба дигар шаклҳои ҳастӣ таҳқиқ мегардад. Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино масъалаи инсонро дар алоқамандӣ бо ақл, ҷомеа ва арзишҳои марбут ба он таҳлил намудаанд. Усули таҳқиқи Форобӣ ва Ибни Сино дар низоми ахлоқ бо таълимоти арастуӣ ҳамоҳангии назаррас дорад, аммо дар байни таълимоти онҳо дар бахши масоили ахлоқӣ тафовутҳое низ мавҷуд аст.

Дар маркази таълимоти ахлоқии Форобиву Ибни Сино масоили назарияи ҳадди васати арастуӣ ҷойгоҳи хосе дорад. Пас аз Арасту ҳакимони зиёде бо такя ба ин назария андешаҳои ахлоқии мавриди назарашонро ироа намудаанд. Масалан, дар китобҳои ахлоқии «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ, «Рисола андар ахлоқ»-и Ибни Сино, «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ, «Ахлоқи Носирӣ» ва «Рисола андар ахлоқ»-и Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ва «Меъроҷ-ус-саодат»-и Мулло Аҳмад Нароқӣ ва амсоли инҳо назарияи «ҳадди миёна ё эътидоли тиллоӣ»-и арастуӣ ҷойгоҳи вижа дорад ва масоили ахлоқ аз дидгоҳи Арасту матраҳ мегардад. Ин китобҳо усули ахлоқро шуҷоат, иффат, ҳикмат ва адолат меҳисобанд, ки бо усули таълимоти Арасту мувофиқат дорад. Дигар мақулаҳои ахлоқие, ки онҳо баррасӣ мекунанд, дар заминаи ин чаҳор хулқ таҳлил мешаванд.

Арасту ба ин фазоили ахлоқии чаҳоргона ҳадди васат муқаррар мекунад, вале аз диди Форобиву Ибни Сино, мақулаи адолат наметавонад ҳадди васат дошта бошад, зеро он худ ҳадди васат аст. Яъне касе наметавонад каме ё аз ҳад зиёд одил бошад. Сифати адл дар инсон ё ҳаст, ё нест, ки ин яке аз қанбаҳои фарқкунандаи таълимоти ахлоқии Форобиву Ибни Сино аз Арастуст.

Форобӣ ҳадафи аслии парвариши ахлоқи ҳамидаро дарёфти саодат меҳисобад Ӯ муътақид аст, ки камоли ниҳоии инсон тавассути илму амал ҳосил мегардад. Илму амал бе ҳам муассир нестанд ва мисли ду боле ҳастанд, ки

соҳибашонро ба манзили мақсудаш мерасонанд. Танҳо соҳибони ҳикмат ба дараҷаи олии саодат метавонанд бирасанд ва саодати воқеӣ буридан аз модиёт ва пайвастан ба муҷаррадот аст.

Форобӣ аксари масоили ахлоқиро дар партави масъалаҳои ақлонӣ матраҳ мекунад. Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки Форобӣ дар баҳси ахлоқ бо равиши ақлонӣ матраҳ мекунад ва дар таълимоташ мақоми меҳварӣ касб намудааст, саодати инсонӣ ва роҳҳои расидан ба он аст. Дар таълимоти Форобӣ, яке аз мухтассоти инсон дорои нафси нотиқа буданаш аст. Нафси нотиқа тавассути дарки маъқулот ба дараҷаи ақли билфеъл ва болотар аз он ба ақли мустафод мерасад. Дар ин сурат нафси инсон ба камоле мерасад, ки метавонад бе ҷисми моддӣ низ арзи вуҷуд ва зиндагӣ кунад. Форобӣ ба ин бовар буд, ки ахлоқ натиҷаи илму амал аст. Ба назари ӯ, олиму ҳаким бояд аз сифатҳое, ба мисли покдоманӣ, ростқавлӣ, хайрхоҳӣ, заковат ва ғайра бархӯрдорӣ дошта бошад. Мутафаккир дар яке аз муҳимтарин китобҳои сиёсиаш, ки «Китобу ас-сиёсати-л-маданияти» унвон дорад, саодатро чунин тавзеҳ медиҳад: «Саодат хайри мутлақ аст». [12, с.79]

Саодати инсонӣ мавзуест, ки ҳам дар ҳикмати амалӣ ва ҳам дар ҳикмати назарии Форобӣ матраҳ шудааст. Он мавзуи меҳварии муҳимтарин осори мутафаккир, ба мисли «Таҳсил-ус-саодат», «Ас-сиёсат-ул-маданияти», «Эҳсо-ул-улум», «Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн», «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила», «Ат-таълиқот» «Фусул-ул-мунтазиъа» ва ғайраҳост. Дар мавзеъҳои гуногуни осори фавқуззикр Форобӣ мехоҳад роҳҳои расидан ба саодати ҳақиқиро, ки инсоният ҷустуҷӯ дорад, моҳият ва шароити вусул ба онро нишон диҳад. Махсусан, дар афкори сиёсии Форобӣ назарияи саодати ӯ бештар ҷилвагар мешавад.

Бо такя ба осори дар масоили ахлоқ таълифнамудаи Форобӣ ба натиҷае расидем, ки ӯ то андозае таҳти таъсири таълимоти ҳавзаи арастуии Бағдоди асри X низ қарор доштааст, зеро мутафаккир ба мисли баъзе аз намояндагони ин ҳавзаи илмӣ муътақид буд, ки дар замони ӯ фалсафа мавқеи худро аз даст додааст. Вале Форобӣ бо фарқ аз онҳо олами исломро истисно менамуд ва марказҳои илмии мусулмононро ватани нави фалсафа ҳисобида, ба ин бовар буд, ки муҳити илмии онҳо дар ташаккули фалсафа мусоидат мекунад ва имконпазир аст, ки мафҳумҳои ахлоқиро ҳакимони ин сарзаминҳо чун василаи ба низом оварандаи муносибатҳои иҷтимоӣ истифода кунанд.

Дар масъалаи ахлоқ Форобӣ мафҳумҳои «таълим» ва «таъдиб»-ро (аз решаи адаб) пешниҳод намудааст ва онҳоро аз ҳам фарқ мекунад. «Таълим»-ро мутафаккир ба эҷоди фазоили назарӣ ва «таъдиб»-ро ба эҷоди фазоили хулқӣ нисбат медиҳад. Мутафаккир ба ин назар аст, ки «таълим» хусусияти сирф қавлӣ дорад, аммо «таъдиб» натиҷаи қавлу амал аст. [15, с.71] Яъне Форобӣ дар масъалаи таҳсили ахлоқ равиши байние миёни Афлотуну Арасту пеш гирифта, қонунмандиҳои ахлоқиро кулливу мутлақ меҳисобад ва муътақид аст, ки ба ҳар хулқе, агар ба таври мутлақ таваҷҷуҳ шавад, ҳарчанд бо мушкилоти зиёд бошад ҳам, он қобили тағйиру таҳаввул аст, зеро он ба мисли сурати ҷавҳарӣ буда, метавонад табдилу таҳаввул ёбад.

Дар масоили ташаккули ахлоқ Форобӣ мавқеи таълиму тарбиятро махсус қайд намуда, ҳадаф аз таълиму тарбиятро эҷоди фазоили назарӣ, хулқӣ ва фикрӣ дар байни афрод, гурӯҳҳо ва шаҳрҳо меҳисобад, [15, с.71-83] ки натиҷаи он ҳамон саодати воқеист. Аз ин хулосабарории Форобӣ маълум мешавад, ки ӯ ба мисли Арасту «фазилат ва разилатро на истеъдод ҳисобидааст, на отифа». [130, с.137] Ӯ ба ин назар аст, ки аксари одамон наметавонанд ба саодати воқеӣ бирасанд. Танҳо

ҳакимон метавонанд тавассути маърифат ба ин дараҷа ноил шаванд.

Яке аз вижагиҳои таълимоти ахлоқии Форобӣ дар он аст, ки ӯ масоили дар ин ҷода матраҳнамудаашро дар зиндагии хеш татбиқ менамуд. Ӯ зиндагии зоҳидонаву орифонаро меписандид ва бештари лаҳзаҳои ҳаёти худро дар омӯзиш ва хилват сипарӣ менамуд. Зоҳирпарастиро мазаммат менамуд ва яке аз василаҳои дарёфти хушбахтиву шаҳомати фардиро тарки лаззоти дунё меҳисобид. Форобӣ ба ин бовар буд, ки ахлоқ натиҷаи илму амал аст. Ба назари ӯ, олиму ҳаким бояд аз сифатҳое, ба мисли покдоманӣ, ростқавлӣ, хайрхоҳӣ, заковат ва ғайра бархӯрдорӣ дошта бошанд, то ба саодати воқеӣ бирасанд.

Барои дақиқ муайян намудани мафҳуми саодати воқеӣ, ки дар таълимоти Форобӣ ҷой дорад, назарияи «инсон»-и ӯро таҳлил намудан зарур аст. Ба назари Форобӣ, инсон мавҷуди мураккаб аз нафсу тан аст, ки «нафс сурати инсон ва ҷисм модда дар он аст». [12, с.29] Аз маҷмуи нафсу тан ҷисме ташкил мешавад, ки моҳияти навъи хосест ва «инсон» номида мешавад. Ба назари Форобӣ, дар миёни ҷисмҳои моддӣ инсон мураккабтарин мавҷудест, ки аз лиҳози сурат низ аз тамоми сувари моддӣ бартарият дорад. [12, с.31] Имтиёзи асосии инсонро аз соири ҳайвонот Форобӣ дар доштани нафсе меҳисобад, ки ҳам афъолашонро бо абзорҳои ҷисмонӣ анҷом медиҳанд, ҳам дорои қуввае ҳастанд, ки бе абзорҳои ҷисмонӣ, яъне қувваи ақл афъолашонро анҷом медиҳанд.

Аввалин қуввае, ки аз инсон ба вуҷуд меояд, дар таълимоти ахлоқии Форобӣ, қувваи ғозия аст, ки миёни инсон ва набототу ҳайвонот муштарак буда, сарчашмаҳо ва авомили фаъолият дорад. Пас аз он қувваҳои ҳиссӣ, нузуъия, мутахаййила, омила ва оқила дар инсон ба вуҷуд меоянд, ки ин қувваҳо феълашонро ба воситаи абзорҳо анҷом медиҳанд ва ҷуз ин абзорҳо имкон надорад феъли аз онҳо ба амалоянда анҷом гиранд. Дар таълимоти ахлоқии мутафаккир муҳимтарин қуввае, ки тавассути он улум ҳосил мешаванд, имкони шинохти мавҷудот муяссар мегардад ва фаъолияти ахлоқӣ, неку бад, зебову зишт аз ҳам фарқ карда мешаванд, қувваи оқила ба ҳисоб меравад. [12, с.77] Инчунин ин қуввахо, ба ҷуз қувваи ақл, ҳеҷ кадоме муҷаррад аз модда нестанд.

Дар нисбати тавоҷҷуҳу алоқамандии Ибни Сино ба илми ахлоқ бошад, дар миёни олимон андешаҳои гуногуне ироа гардидааст. Иддае аз пажуҳандагони осору аҳволи Ибни Сино ба ин боворанд, ки ӯ нисбати фалсафаи амалӣ камтаваҷҷуҳӣ намудааст. Муҳаққиқони сершуморе, ба мисли Герман Лей, [145] М.С.Бурабаев, Г.К. Курмангалиева, А.В. Сагадеев, В.А.Брянов, [35] Алиасғари Ҳалабӣ, [116] Муҳсин Раҳимов [75] ва ғайра низ чунин андешаро пуштибонӣ намудаанд. Ҳарчанд Алиасғари Ҳалабӣ дар масъалаи ахлоқ дар таълимоти Ибни Сино таҳқиқоти муҳимме дорад ва дар китобҳояш «Таърихи фалсафаи ахлоқ дар ислом ва Эрон» ва «Таърихи фалсафа дар Ислом» масоили ахлоқиро аз дидгоҳи мутафаккирони бузург, бахусус Ибни Сино, таҳлил карда, нишон додааст, ки чӣ тавр Ибни Сино ахлоқи арастуиро бо усули ирфонӣ ва шариати исломӣ мутобиқ намудааст ва қисман рисолаҳои ахлоқии Ибни Сино, аз ҷумла «Рисолат-ул-ахлоқ»-ро шарҳ медиҳад, ки мутафаккир ахлоқро ҳамчун илми сохторӣ баррасӣ намуда, ҳадафи ниҳоии аҳлоқро дастёбӣ ба саодат медонад, ки танҳо ҷанбаи дунявӣ надошта, балки паҳлуҳои ухравӣ ва руҳонӣ низ дорад, аммо ба ин назар аст, ки Шайхурраис сарфи назар аз он нубуғи фикрӣ, дар муқоиса ба Форобӣ, дар соҳаи фалсафаи амалӣ беэътинотар аст. [116, с. 219-248] Ҳатто баъзе муҳаққиқон таъкид намудаанд, ки «Дар миёни мероси илмии Ибни Сино асари бунёдие, ки ба масоили ахлоқ бахшида шуда бошад, нест».[75, с. 302]

Аммо академик Мӯсо Диноршоев ба ин масъала диди дигартар дорад ва ба

чунин тарзи муҳокимаронӣ шубҳа намуда, қайд намудааст: «Шояд ин қазовати муҳаққиқон дуруст набошад». [44, с. 227] Барои дурустии ин назари худ М. Диноршоев ба даврањои ибтидоии таълифоти Ибни Сино таваққуҳ намуда, аз осори ӯ «Ал-маҷмуъ», «Ал-ҳосил ва-л-маҳсул» ва «Ал-бирр ва-л-исм»-ро, ки дар онҳо масоили фалсафаи амалӣ баррасӣ шудаанд, ёд мекунад ва бо такя ба рисолаи «Саргузашт» таъкид мекунад, ки «масоили фалсафаи амалӣ ба таври мабсут баррасӣ шуда буданд». [44, 227] Яъне устод М. Диноршоев ба хулосае омада, ки Ибни Сино масоили фалсафаи амалиро, ки ҳоло фалсафаи иҷтимоӣ ном дорад, дар осори дар даврони ҷавонӣ навиштааш ба таври васеъ баррасӣ намуда, дар асарҳои минбаъдааш ба ин масъала камтар таваққуҳ кардааст.

Ибни Сино дар масоили ахлоқ ба мисли Афлотуну Арасту ва Форобӣ дарёфти хайрро ғоят меҳисобад, аммо равиши онҳо аз ҳам фарқ мекунад. Форобӣ ба мисли Афлотун дар заминаи равиши метафизикӣ хайри сиёсиро бо тарҳи арзишҳои мутлақ ва дар шароити ормонӣ ҷустуҷӯ мекунад. Ибни Сино бошад ба мисли Арасту равиши ҳисгарой ва ратсионалиро пеша мекунад ва ба арзишҳои вуҷудӣ, ки дастрасӣ ба онҳо танҳо тавассути хирад имконпазир аст, қоил аст ва аз равиши диалектикӣ низ фаровон истифода мебарад. Аммо дар масъалаи хирадгарой ва аз равиши метафизикӣ истифода намудану онҳоро мафҳумҳои куллӣ ва фарогир дар сомон додан ба таҷрибаҳо, Форобиву Ибни Сино андешаи бо ҳам муштарак доранд.

Ибни Сино дар масоили маърифати камоли инсонӣ ба шинохти ҷисми физикии ӯ низ таваққуҳ менамояд, ки тафовути равиши таҳқиқи ӯро аз Форобӣ мушаххастар мекунад. Масалан, дар «Қонуни тиб» мутафаккир тарбияи навзодро ба таври муназзам дар фасли «Андар парвариш» [7, с.392-408] муфассал тавсиф намуда, ки далели андешаи болост. Ё дар рисолаи «Қурозаи табиият»-аш тавассути саволу ҷавоб ба ин масъалаҳо равшанӣ андохтан мехоҳад. Масалан, ӯ саволе матраҳ мекунад, ки чаро инсон аз ҷумлаи ҳайвонҳои ростқомат аст? Мутафаккир сабаби ростқоматии инсонро аз зовияи мизочи ӯ баррасӣ мекунад ва латиф будани онро сабаби табдилаш аз руҳи ҳайвонӣ ба руҳи инсонӣ медонад ва қайд менамояд: «Худои таборак ва таоло навъи мардумро аз аз ҷумлаи ҳайвонот борид ва рутубдимоғтар офарид, ки мардум махсус аст ба фикрат». [5, с.87] Дар «Қонуни тиб» масоили физикии мағзи инсонро таҳлил намуда, онро омили асосии соҳибтафаккур будани ӯ меҳисобад. [8, с.6-22]

Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ намуд, ки бо афкори бикраш Форобӣ дар ташаккули илми ахлоқ саҳми назаррас гузоштааст. Таълимоти ахлоқии Форобӣ дар заминаи осори дар ин мавзуъ таълифёфтаи Афлотуну Арасту, навафлотуния, машшоияи ғарбиву ҳавзаи арастуии Бағдоди асри Х ва ақоиди мавриди назари мутафаккир ташаккул ёфтааст. Дар афкори ахлоқии Форобӣ масъалаи саодати воқеӣ мақоми меҳварӣ дорад ва тамоми мақулоти ахлоқии матраҳнамудаи ӯ дар ин доира чарх мезананд. Саодати воқеӣ бо «камоли ниҳой» ва «хайри мутлақ» дар фаҳмиши Форобӣ муродиф буда, инсон дар заминаи муҷаррад шудан аз модиёт ва пайвастан ба муҷаррадот ба он шарафёб мегардад.

Ибни Сино ғоятро хайри инсон медонад, ки илми ахлоқ онро таҳқиқ мекунад. Ӯ дар масоили ахлоқ ба мисли аксари ҳакимони қаблӣ дарёфти хайрро ғоят меҳисобад, аммо равиши ӯву Форобӣ аз ҳам фарқ мекунад. Форобӣ ба мисли Афлотун дар заминаи равиши метафизикӣ хайри сиёсиро бо тарҳи арзишҳои мутлақ ва дар шароити ормонӣ ҷустуҷӯ мекунад. Ибни Сино бошад, ба мисли Арасту равиши ҳисгарой ва ратсионалиро пеша мекунад ва ба арзишҳои вуҷудӣ, ки дастрасӣ ба онҳо танҳо тавассути хирад имконпазир аст, қоил аст ва аз равиши

диалектикӣ низ фаровон истифода мебарад.

Дигаре аз таҳқиқоти арзишманди Ибни Сино, ки дар заминаи таҷрибаҳои табиӣ ба даст омадааст, он мебошад, ки сабаби асосии ростқомат будани инсонро дар тафаккур мебинад. Мутафаккир тафаккурро ба мизоҷ ва ҳарорат вобаста ҳисобида, иқтидори фикрронии майнаи инсонро ба рост роҳ рафтан рабт медиҳад. Аз ин рӯ, инсон табиатан ба тафаккур ниёз дошта, ин табъ ва мизоҷ инсонро водор намудаст, ки рост роҳ равад ва тадриҷан қашидақомат шудааст.

Боби панҷуми диссертатсия – «**Таъсири афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ба ташаккули фалсафа**» ба масъалаҳои фалсафаи амалии Форобӣ ва Ибни Сино бахшида шудааст.

Зербоби якуми боби панҷум таҳти унвони «**Ҷойгоҳи Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ**» яке аз бахшҳои муҳимми диссертатсия буда, дар он мақоми илмии ин мутафаккирон ва саҳми онҳо дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ таҳлилу баррасӣ мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки фалсафии машшоияи шарқӣ дар таърихи илму фалсафа мавқеи намоён дошта, давраи нашъунамо ва таҳкими онро муҳаққиқон ҳудуди асрҳои IX ва XV ҳисобидаанд, ки дар инкишофи минбаъдаи маънавиёти башарӣ нақши муҳим гузоштааст. Дар ташаккули ин мактаби фалсафӣ саҳми донишмандони маъруфи шарқӣ, ба мисли ал-Киндӣ, Ибни Мискавейҳ, Умари Хайём, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл, Насируддини Тӯсӣ, Ҷалолуддини Даввонӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Ибни Рушд ва махсусан Форобиву Ибни Сино ниҳоят бузург аст.

Форобиву Ибни Сино фалсафаву ақлро дар радифи ҳам қарор дода, ба мисли аксари файласуфон фалсафаро василаи дарёфти ҳақиқат унвон намудаанд. Форобӣ яке аз аввалин мутафаккирони машшоии шарқист, ки кӯшиши ба фалсафа таърифи мушаххас додан намуд. Ба назари ӯ, фалсафа «донише аст, ки ба мавҷуд чун мавҷуд ва мутааллиқот ё лавоҳиқи он ба худии худ мепардозад». [13, с. 10] Ибни Сино дар ин маврид ба ин назар аст, ки «ғараз ва ҳадаф аз фалсафа-ин ба пуррагӣ дарёфти ҳақиқати ҳама чизҳост, ба қадри тавони инсонӣ». [6, с. 87] Ҳам Форобӣ [13, с. 38-39] ва ҳам Ибни Сино [6, с. 91] ҳадафи ниҳоии фалсафаро такмили нафс, донистани ҳақиқат ва дарёфти хайр меҳисобанд.

Яке аз муҳимтарин асарҳои Форобӣ, ки минбаъд чун сарчашмаи муътамад миёни машшоияи шарқӣ ҷойгоҳи хосса касб намуд, «Эҳсо-ул-улум» ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт будани Форобӣ «Эҳсо-ул-улум» дар байни хосу ом шуҳрат ёфта буд. Фаъолияти мутафаккир дар ин асар ба таснифи илмҳо маҳдуд намегардад, ҳарчанд ин мавзуъ таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиёдеро ба худ ҷалб намудааст: «Чандин мутафаккирони асримиёнагӣ низ кӯшиш намудаанд, ки роҷеъ ба таснифи илмҳо фаҳмиши худро баён намоянд. Аз ҷумла мутафаккирони маъруфи Шарқ Ал-Форобӣ (870-951) ва Ибни Сино (980-1037) дар ин мавзуъ ақидаҳои ҷолиб доранд». [86, с. 71] Мутафаккир улуми маъруфи замонашро ҳаматарафа таҳлил намуда, барои такмили онҳо пешниҳодҳои муфиде намуда аст. Дар ин росто муаллиф такя намудан ба истилоҳотро таъкид менамояд, ки дар он замон ин равиш нодир буд. «Эҳсо-ул-улум» яке аз аввалин осори ҳакимони Шарқ аст, ки дар асрҳои миёна дар Ғарб тарҷума ва интишор ёфт. Ҳанӯз дар ибтидои асри XII мелодӣ «Эҳсо-ул-улум» дар Аврупо чандин маротиба тарҷума шуда буд, ки муҳимтарини онҳо тарҷумаи мансуб ба Ҷерард де Кремонский (тахмин солҳои 1114-1187 мелодӣ) аст, ки бо нусхаҳои арабии он мувофиқ аст. [139]

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи асари «Эҳсо-ул-улум» дар он аст, ки Форобӣ мекӯшад методологияи мушаххаси илмиро, дар мисоли таҳлили

муқоисавӣ, роҳандозӣ намояд, ки аз ин равиш машшоиёни баъдӣ васеъ истифода намудаанд ва то имрӯз дар ҷодаи илмӣ хеле арзишманд аст. Дар қисмати ҳадафи таълифи асар ӯ чунин менависад: «Инсон ба мадади ин китоб метавонад миёни анвои улум ба муқоиса бипардозад, то бидонад кадом бартар аст ва кадом судмандтар». [14, с. 40] Ибни Сино дар рисолаи «Андар ахлоқ»-аш ба ин маънӣ ишораи равшан дорад: «...инсонро боистӣ, ки неруи назарии худро ба воситаи илмҳои муайян, ки ғояи ҳар яке аз онҳо дар китобҳои «Эҳсо-ул-улум» (Шуморидани илмҳо) ишора шудааст, такмил диҳад». [5, с. 644]

Ибни Сино тавонист низоми мукаммали мантиқиро дар асоси донишҳои мутафаккирони аз худаш пеш тарҳрезӣ намояд, ки дар замони ӯ нодир буд ва то имрӯз хеле арзиши баланди илмӣ дошта, қариб тамоми намояндагони минбаъдаи фалсафаи машшоияи шарқӣ дар ҷодаи мантиқ аз ин низоми мантиқӣ ё айнан, ё мазмунан истифода намудаанд, ки бозгӯкунандаи ҷойгоҳи хос доштани Ибни Сино дар мактаби машшоияи шарқист. Муҳимтарин рукни низоми фалсафии Ибни Синоро мантиқ ташкил намудааст, зеро ӯ бо ҳамон суннати маъмулии фалсафаи қадиму асримиёнагӣ маҷмуи донишҳоро фалсафа меҳисобид. Низоми фалсафаашро низ аз рӯйи ҳамин тарзи муносибат бо илм «ба ду бахш-(1) Мантиқ ва (2) фалсафа» [44, с. 27] тақсим намудааст. Тамоми масоили фалсафиро Ибни Сино аз зовияи мантиқ баррасӣ менамояд. Муҳтавои муҳимтарин осори фалсафии ӯ «Донишнома», «Китоб-уш-шифо», «Китобу-н-наҷот», «Китоби ҳидоя» ва «Мантиқ-ул-машриқиййин» ин андешаро тасдиқ мекунанд.

Пас аз Ибни Сино аксари мантиқиёни шарқӣ, аз қабили Ибни Рушд(1126-1198), Насириддини Тӯсӣ (1201-1274), Қутбидин Шерозӣ (1236 ё 1237-1311) ва ғайра аз равиши истифҳоми мантиқии Ибни Сино ва равиши таҳлилии ӯ, ки баҳри пешгирӣ аз иштибоҳ ва таҷридӣ шудани баҳсҳо ва мафҳумҳоро қазияҳо истифода намудааст ва аз равиши арастуӣ фарқи назаррас дорад, васеъ истифода намудаанд, ки ифодакунандаи ҷойгоҳи махсус доштани ин мутафаккир дар ҷодаи мантиқ аст.

Аз ин назариёти Ибни Сино бармеояд, ки ӯ мантиқро ба мисли Форобӣ ҳам ҷузъи фалсафа, ҳам методологияи илм ҳисобидааст. Маҳз аз ин рӯ, қисми умдаи фалсафаи ӯро мантиқ ташкил дода, дар таҳлили мақулоти фалсафӣ ба мантиқ такя мекунад ва аксари пайравонаш ин равиши ӯро пайгирӣ намудаанд.

Ибни Сино ба замми бунёди низоми устувори мантиқӣ, яке аз аввалинҳост, ки бо далелҳои муътамад миёни мантиқи назариявӣ ва мантиқи амалӣ тафовут қоил шудааст.Таълимоти Ибни Сино дар бораи фарқи мантиқи назариявӣ аз мантиқи амалӣ ба ақоиди мантиқшиносони чӣ Шарқ ва чӣ Ғарб таъсири калон расонида буд. [32, с. 119]

Форобиву Ибни Синоро ба ин назариёт чун низоми ичтимоӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Форобиву Ибни Сино дар ин росто ба таҳлили мафҳумҳои вуҷуд, моҳият, сабаб, натиҷа, ақл, нафс, нубувват, ахлоқ, қонун ва амсоли инҳо пардохта, нақши назаррасе дар таҳкими назариявии масоили ҳамбастагии мантиқ, илоҳиёт, сиёсат ва таълимоти динӣ гузоштанд.

Дар осори Ибни Сино такрор ба такрор кӯшиши навоварӣ мушоҳида мегардад, ки бозгӯкунандаи шуҷоату ихтироъкорӣ ва пурмаҳсулии мутафаккир буда, дар ғановати фикрии мактаби машшоияи шарқӣ мусоидат намудааст. Масалан, дар «Ҳикмати машриқия» Ибни Сино дар мавзуи «Дар зикри илмҳо» таснифи улуми фалсафиро ба таври муқаррарӣ нишон медиҳад, вале дар мавриди фалсафаи амалӣ, дар қисмати тадбири манзил, аз қонуни шариат (фиқҳ) ёд мекунад ва онро бахше аз илми амалӣ меҳисобад. [5, с. 64-65] Ин мавқеи Ибни Сино нисбати фиқҳ дар «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ низ мушоҳида мегардад, ки дар

ташаккули фалсафа ва фиқҳ мусоидат менамуд.

Ҳарчанд баъзе пешниҳодҳои Форобиву Ибни Сино, ба мисли мавзуъҳои аслии фалсафа, назарияи сабабият, фиқҳро бахше аз улуми амалӣ донистан ва ғайра аз ҷониби умум дастгирӣ наёфта бошад ҳам, дар заминаи баҳсҳо ва муборизаҳои мафкуравӣ дар тавсеа ва ташаккули тафаккури фалсафӣ мусоидат намуд. Инчунин, маъруфтарин намояндагони макотиби фалсафии калому тасаввуфи ҷаҳони ислом, ки бо андешаҳои ин ду мутафаккир зиддият нишон медоданд, минбаъд аз равиши таҳқиқу таҳлил ва далелу бурҳон овардани ин донишмандон ба таври васеъ истифода намудаанд, ки яке аз онҳо Абуҳомиди Ғаззолист. Ӯ дар осори мантиқиаш, ба мисли «Маҳак-ун-назар фи-л-мантиқ», «Меъёр-ул-улум фи-л-мантиқ» ва дигарҳо аз низоми мантиқии Форобӣ ва Ибни Сино пайравӣ намудааст.

Таъсири амиқи Форобӣ дар ташаккули фалсафа, махсусан ҳикмати машшоияи шарқӣ, ниҳоят бузург аст. Муҳаққиқони зиёде ба хулосае омадаанд, ки бештари ақидаҳои машшоиёни шарқӣ дар натиҷаи таҳлили афкори фалсафии Форобӣ рӯйи кор омадааст. Албатта, ин андеша ба пуррагӣ қобили пазирой нест, аммо нишондиҳандаи мавқеи Форобӣ дар ҷодаи илму фалсафа аст. Таълимоти Форобӣ дар ташаккули фалсафа, махсусан ҳикмати машшоияи шарқӣ, ниҳоят муассир аст. Ҳанӯз дар даврони фаъолияти Муаллими сонӣ шогирдонаш, ки аз ҳалқаи дарсии ӯ баҳра бардошта буданд, барои ривоҷи таълимоти устодашон кӯшидаанд. Дар интишори орои фалсафии Форобӣ пайравони ӯ Абузакариё Яҳё ибни Адӣ, Абусулаймон Муҳаммад ибни Тоҳири Сиистонӣ ва Абуҳайёни Тавҳидӣ хидматҳои шоён намудаанд.

Форобӣ на танҳо намояндаи ҳикмати машшоияи шарқӣ, балки аз поягузорони ин мактаб мебошад. Таъсири афкори фалсафии ӯ танҳо дар доираи машшоияи шарқӣ маҳдуд нагардида, дар тамоми макотиби фалсафии минбаъдаи шарқӣ мушоҳида мегардад. Ба қавли Ризо Доварӣ: «Ӯ муаллими ҳамаи файласуфон аст... Фалсафаи исломӣ, бахусус ҳавзаи машшоияи он, шарҳу тафсири осор ва орои Муаллими сонист». [76, с. 239] Хидматҳои бесобиқаи Форобӣ дар ҷодаи фалсафа муҳаққиқонро водор намудааст, ки ӯро яке аз поягузорони илму фалсафа дар ҷаҳон ва тамаддуни исломӣ ҳисобанд. [104, с. 272]

Форобӣ аз аввалин ҳакимони мусулмон аст, ки тавассути рисолаҳои фалсафиаш тавонист, афкори фалсафии машшоияро дар Шарқ таҳким бахшад ва зарурати омӯзиши илм, махсусан фалсафаро баррасӣ намояд. Муҳаққиқон ба ин назаранд, ки «тақрибан, сӣ рисола бо забони арабӣ аз ӯ (Форобӣ–А.Б.) боқӣ мондааст». [118, с. 397] Дар рисолаҳои фалсафиаш Форобӣ кӯшиш намудааст донишҳои фалсафиро муназзам намояд. То Форобӣ дар байни файласуфони шарқӣ кӯшиши ба вуҷуд овардани низоми муайяне, ки тавонад масоили аслии фалсафаву мантиқ ва ҷобаҷогузории мавзуъҳои онҳоро ба танзим дарорад, ба таври назаррас мушоҳида намешавад. Пас аз Форобӣ файласуфони зиёде ба ин кор иқдом намуданд, аммо ҳеҷ кадоми ҳакимони асримиёнагии мо дар ташкили низоми фалсафӣ ба пояи Ибни Сино нарасидаанд ва касе ба мисли ӯ донишҳои фалсафиро муназзам нанамуда аст, ки нишондиҳандаи ҷойгоҳи онҳо дар миёни намояндагони ҳикмати машшоияи шарқӣ аст.

Хулоса, таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули минбаъдаи ҳикмати машшоияи шарқӣ ниҳоят бузург аст. Маҳз тавассути таваҷҷуҳи пайвастаи ин ду мутафаккир ба мантиқ ва фалсафа ин илмҳо дар шарқ мавқеи назаррас пайдо намуданд ва ҳикмат тавонист аз низоми мушаххаси илмӣ бархӯрдор гардад. Аз низоми илмии матраҳнамудаи онҳо, махсусан дар масоили қиёсу бурҳон, намояндагони машшоияи шарқӣ ба таври васеъ истифода намудаанд,

ки бозгӯкунандаи мавқеи ин донишмандон дар ҷодаи равишшиносии илмист.

Дар масъалаи оштӣ додани фалсафаву дин низ Форобӣ ва Ибни Сино зиёд кӯшидаанд. Табиист, ки онҳо дар шароите умр ба сар бурданд, ки ақоиди динӣ дар тамоми қишрҳои иҷтимоӣ таъсиргузор буд, аз ин рӯ, дар назариёти фалсафиашон, махсусан дар фалсафаи амалӣ, масоили зиёдеро бо такя ба дин баррасӣ намудаанд, ки дар шинохти мактаби машшоияи шарқӣ аҳмият ва арзиши хос дорад. Вале нодида гирифтан нашояд, ки дар таълимоти ин ду мутафаккир тарҳи масъалаҳо ва усули баррасии онҳо бо неруи андеша корбаст мешавад. Онҳо дар исботи андеша на ба ваҳйу нақл, балки ба ақлу мантиқ такя намудаанд.

Зербоби дуюми боби панҷум – «**Нақши мероси илмии Форобӣ ва Ибни Сино дар инкишофи фалсафаи исломӣ ва ғарбӣ**» ба масъалаи таъсири осори ин мутафаккирон ба фалсафаи шарқиву ғарбӣ бахшида шудааст. Қайд мегардад, ки дар таърихи фалсафа мероси илмии Форобӣ ва Ибни Сино ҷойгоҳи сазоворе доранд ва дар ташаккули фалсафа нақши назаррас гузоштаанд. Мавзуъҳои пажуҳишии ин мутафаккирон ба ҳадде фарох аст, ки наметавон онҳоро дар доираи як мактаби фалсафӣ ҷой дод. Мероси илмии онҳо на танҳо дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ, балки ба инкишофи соҳаҳои муҳимми илм, аз қабили мантиқ, илоҳиёт, риёзиёт, тиб, ахлоқ, забоншиносӣ ва ғайра аҳаммияти вижа дорад.

Осори Форобӣ ва Ибни Сино дар дар инкишофи афкори исломӣ ва ғарбӣ чун сарчашмаи муътамад хидмат намудааст. Ҳамзамон чун сарчашмаҳои инкишофи фалсафаи исломӣ, схоластикаи аврупоӣ ва даврони минбаъда баромад намуда, дар табодули фаҳангии тамаддунҳои Шарқу Ғарб мусоидат намудааст. Бе сабаб нест, ки Сагадеев А.В. ба фаъолияти онҳо баҳои баланд дода, таъкид менамояд: «Инкишофи минбаъдаи машшоия ба номи Форобӣ ва Ибни Сино бастагӣ дорад». [124, с. 22] Донишмандони гуногуни шарқиву ғарбӣ ба осору орои онҳо таваҷҷуҳ намуда, дар заминаи онҳо андешаҳои бикре ироа намудаанд ва дар ғановати фалсафа саҳмгузорӣ намудаанд, ки омӯзишу баррасии онҳо рисолати донишпажуҳони имрӯза аст.

Омӯзиш ва таҳлили мероси илмии ин мутафаккирон нишондиҳандаи он аст, ки онҳо танҳо асосгузорони фалсафаи машшоияи шарқӣ набуда, балки пайвандгари тамаддунҳои шарқиву ғарбӣ, махсусан тамаддуни Юнони бостон ва тамаддуни шарқи мусулмон ба ҳисоб мераванд. Таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ҳанӯз дар асрҳои миёна таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиёди шарқиву ғарбиро ба худ ҷалб намуда буд ва сарчашмаҳои сершуморе аз осору андешаҳои фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино истинод намуда, дар ин замина назариёти нав пешниҳод намудаанд, ки ифодакунандаи нақши онҳо дар инкишофи фалсафа аст. Ҳанӯз донишмандони асрҳои XII-XIII, ба мисли Байҳақӣ, Қифтӣ, Абеусайбия, Ибни Халликон ва Ибни Халдун нисбати ҳаёту фаъолияти илмии Форобӣ ва Ибни Сино андешаҳои арзишманд пешниҳод намуда буданд, ки барои шинохти симои воқеии ин мутафаккирон хеле муҳиманд.

Фаробӣ аввалин мутафаккире буд, ки низоми мукаммали фалсафаи сиёсӣ ва мантиқи Арастуро бо ҷаҳонбинӣ ва ақоиди исломӣ омезиш дод ва консепсияи давлатдории афлотуниро азнавсозӣ карда, заминаи фалсафаи сиёсии исломиро поягузорӣ намуд. Ибни Сино ин низоми фалсафии тарҳрезинамудаи Форобиро ба авҷи аъло расонида, низоми метафизикиеро ба вуҷуд овард, ки дар он масъалаи вуҷуду моҳият ба таври қатъӣ аз ҳам ҷудо карда шуд. Назарияи Ибни Сино дар бораи «Воҷиб-ул-вуҷуд», «муъдам-ул-вуҷуд» ва «имкон-ул-вуҷуд» дар фалсафаи исломӣ таҳаввулоте ба вуҷуд овард ва дар ҷаҳонбинии файласуфони мусулмон таъсири амиқ гузошт, ҳамзамон авитсенизм чун ҷараёни фалсафӣ дар Ғарб

пайравони зиёде касб намуда, дар ташаккули фалсафаи асримиёнагии масеҳӣ низ нақши назаррас гузошт. Таълимоти фалсафиву мантиқии Форобӣ ва Ибни Сино баъдан ба тафаккури мутафаккирони ғарбӣ низ, ба мисли Алберти Бузург (1193-1280), Фомаи Аквинӣ (1225-1274), Роҷер Бекон (1214-1292), Раймунд Луллий (1235-1315), Леонардо Бруно (1370-1444), Спиноза (1632-1677), Лейбнитс (1646-1716), Эрнест Ренан (1823-1892), Этен Жилсон (1884-1978) ва ғайра таъсири амиқ гузошт.

Агар назарияҳои дар масоили Ибни Синоро бо назарияҳои сиёсии муосир муқоиса кунем, ҳамоҳангиҳои зиёдеро метавон дарёфт намуд, ки бузургии фикрии ӯро дар ин соҳа ифода мекунанд. Масалан, заминаҳои назариявии назарияи «Қарордоди иҷтимоӣ», ки дар таълимоти сиёсии Томас Гоббс, Ҷон Локк ва Жан-Жак Руссо ба вуҷуд омадааст, дар фалсафаи амалии Ибни Сино мушоҳида мешаванд. Зеро, чи тавре пештар ишора кардем, Ибни Сино мегӯяд, ки одамон бинобар эҳтиёҷоти муштарак ва барои пешгирӣ аз зулми якдигар ба созиш (қарордод) ва умумият ниёз доранд. Давлат ва қонун маҳсули ин зарурати якҷоя зиндагӣ кардан аст. Ин андеша дар таълимоти Локк ва Руссо низ мушоҳида мешавад, зеро онҳо давлатро маҳсули созиши одамон барои ҳифзи тартибот ва ҳуқуқ медонистанд.

Ё худ Ибни Сино таҳти мафҳуми «саноати арбоби мурувват» [5, с.30] ҷомеаи инкишофёбандаро ба се табақа ҷудо мекунад: ҳокимон, пешварон ва муҳофизони тартиботи иҷтимоӣ, ки бо назарияи «функсионализм» шабоҳат дорад. Зеро мувофиқи ин назария ҷомеа ҳамчун як организми зинда тасаввур мешавад, ки ҳар як аъзо ё табақаи он вазифаи мушаххаси худро дорад. Ё Ибни Сино дар симои роҳбарон ҳукмрони мутлақи худхоҳро намебинад, балки онҳоро ҳамчун «инсоне, ки барои суннату адолат қорӣ кардан солеҳ аст», [10, с.440] яъне иҷрокунандаи қонун медонад. Ба ақидаи ӯ, қонун бояд бар хосу ом нуфуз дошта бошад ва ҳеҷ кас набояд аз муқаррароти он сарпечӣ кунанд. Ин назари Ибни Сино бо консепсияи муосири «давлати ҳуқуқбунёд» хеле наздик аст. Зеро мувофиқи ин консепсия принсипи волоияти қонун ҷузъи асосии давлатдорист ва чеҳраҳои аввали сиёсӣ низ дар он бояд мутеи қонун бошанд.

Тарҷумаи асарҳои Форобӣ ва Ибни Сино ҳанӯз дар асрҳои XII–XIII дар Аврупо ба роҳ монда шуда, донишмандони ғарбӣ шефтаи таълимоти онҳо гардида буданд. Масалан, асари «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ ва қисман китобҳои «Шифо» ва «ал-Қонун»-и Ибни Сино дар асри XII аз ҷониби тарҷумонҳои маъруфи мактаби тарҷумонии Толедои Испания Доминго Гундисалво ва Ҷерард де Кремона тарҷума шуда буд. Осори тарҷумавии Форобӣ ва Ибни Сино дар низоми таълимии донишгоҳҳои аввалини аврупоӣ, ба мисли Болоня ва Оксфорд таъсири босазо гузоштааст.

Аз муҳимтарин хидматҳои Форобӣ дар роҳи илм он аст, ки ӯ бо таҳияи низоми мушаххас мактаби мукаммали фалсафиро дар ҷаҳони ислом асос гузошт, ки минбаъд садҳо муҳаққиқону донишмандон таҳти таъсири он қарор гирифтанд ё дар заминаи он донишҳои наверо коркард намуда, дар ғановати илм саҳмгузорӣ намуданд. Дар ҷаҳони ислом таваҷҷуҳ ба фалсафа ҳамчун илм аз замони Ал-Киндӣ оғоз шавад ҳам, бо таълимоти Форобӣ ташаккул меёбад ва бо осори Ибни Сино ба камол мерасад.

Осори Форобиву Ибни Сино аз даврони фаъолияташон то имрӯз чун сарчашмаҳои муътамади илмӣ дар миёни аҳли маърифат қадру манзалати олие касб намуда, аз ҷониби ҳазорон муҳаққиқони гуногун ва пайравону мухолифонашон таҳлилу ташреҳу изофот ёфтаанд, ки дар ташакули минбаъдаи

фалсафа нақши калидӣ доранд. Мутаассифона, аз баъзе осори онҳо танҳо ном мондаасту халос, ки дар навиштаҳои худашон, ё дар сарчашмаҳои баъдӣ ба онҳо ишора мешавад. Аммо осори пойбарҷойи онҳо, аввалан, кам нест, сониян, таъсироте, ки гузоштаанд бо ҳеҷ адиби дигар қобили мукоиса нест.

Таълифоти Форобӣ дастраси донишмандони манотиқи гуногуни дунё гардида, сабаби ба вуҷуд омадани андешаҳои мухталиф гардидааст. Дар қариб тамоми осори Форобӣ «як навъ кӯшиши муназзам намудани донишҳои фалсафӣ» [129, с. 105-106] мушоҳида мешавад. Махсусан, дар «Эҳсо-ул-улум», «Ҷавоб ба масъалаҳое, ки аз онҳо пурсида шуд», «Китоб фи-л-мантиқ-ил-ибора», «Ал-мантиқиёт», «Китоб ал-ҳуруф», «Дар дониши илоҳиёт», «Исботи мавҷудоти муҷаррад», «Ас-самоъ ат-табиӣ» ин шеваи амал равшантар мушоҳида мешавад. Яке аз маъруфтарин асарҳои Форобӣ, ки назариёти он чун сарчашмаи илҳоми аксари файласуфони минбаъдаи олами ислом қарор гирифтааст, «Эҳсо-ул-улум» мебошад, ки дар он муаллиф кӯшидааст, илмҳои маъмули замонашро баршуморад ва ба онҳо таърифи мушаххас дода, зарурати таълим ва манфиатҳои онҳоро баён намояд, ки таҳти таъсири он донишмандони шарқӣ асарҳои зиёде навиштаанд, ки маъруфтаринашон «Ҷавомеъ-ул-улум» (Донишномаи илмҳо)-и Шаъё ибни Фариғун, «Рисолаҳои Ихвон-ус-сафо» (ин асар шомили 52 рисола буда, аз ҷониби якчанд олим навишта шудааст, мутаассифона, номи муаллифон маълум нест.– А.Б.), «Мафотиҳ-ул-улум» (Калиди илмҳо)-и Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуф Котиби Хоразмӣ, «Китоб-уш-шифо»-и Абуалӣ ибни Сино, «Иршод-ул-қосид ило асно-ил-мақосид» (Роҳнамоии хабаррасон ба сӯйи мақсадҳо)-и Шамсуддин Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Соид Ас-Санҷорӣ Ал-Акфонӣ, «Муқаддима»-и Ибни Халдун, «Мифтоҳ-ус-саода ва мисбоҳ-ус-сиёда» (Калиди хушбахтӣ ва чароғи роҳнамо)-и Тош Куброзода, «Кашф-уз-зуннун ан асоми-ил-кутуби ва-л-фунун» (Ошкор намудани гумонҳо андар номҳои китобҳо ва илмҳо)-и Мустафо Абдуллоҳ, маъруф ба Ҳоҷӣ Халифа, «Кашшофу истилоҳот-ил-фунун» (Бозкунандаи истилоҳоти илмҳо)-и Мавлавӣ Муҳаммадаъло ибни Алии Таҳонавӣ ва «Абҷадият-ул-улум» (Алифбои илмҳо)-и Сиддиқ Ҳасанхон мебошанд.

Муҳаққиқони маъруфи араб Ҳанно ал-Фохурӣ ва Халил Ҷар дар асари «Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ»-ашон ҷузъҳои мантиқро, ки Форобӣ аз мақулот, иборот, қиёс, бурҳон, ҷадал, хитоба ва шеър иборат медонад, [118, с. 409-410] муфассал таҳлил менамоянд. Аз муҳтавои навиштаҳои онҳо бармеояд, ки низоми мантиқии Форобӣ таҳкурсии фалсафа ва мантиқи исломиро гузошт ва ин тасниф дар таълимоти мантиқии машшоиёни минбаъдаи шарқӣ бо баъзе тағйироти ҷузъӣ мушоҳида мешавад ва донишмандони зиёди шарқиву ғарбӣ, амсоли Ибни Сино (980-1037), Ибни Рушд (1126-1198), Ибни Боҷҷа (тақрибан 1085-1138), Ибни Туфайл (тақрибан 1105-1185), Насириддини Тӯсӣ (1201-1274), Алберти Бузург (1193-1280), Фомаи Аквинӣ (1225-1274), Роҷер Бекон (1214-1292), Раймунд Луллий (1235-1315) аз ин сарчашма ба таври васеъ истифода намуда, онро инкишоф додаанд. Ин далели равшани нақш доштани осори Форобӣ дар ташаккули фалсафа аст.

Ибни Сино низ бо нубуғи фикриву таълимоти серқирраш на танҳо фалсафаи машшоиро ба авҷи аъло расонд, балки тавассути тарҷумаҳои лотинии осораш ба низоми фикрии мутафаккирони Ғарб таъсири босазое расонида, дар ташаккули илм нақши назаррас гузошт. Дар муҳити илмии Аврупои асримиёнагӣ осори Ибни Сино аз нуфузи хосе бархурдор буд. Ба қавли академик А.Турсунов: «Дар байни аввалин китобҳое, ки дар Аврупо чоп шудаанд (соли 1473), «ал-Қонун»-и ӯ низ буд; минбаъд тарҷумаи лотинии ин қомуси илмҳои тиб боре чанд аз

нав нашр гардид». [105, с. 33] Ин асари ӯ то асри XIX китоби рӯимизии бузургтарин табибони ҷаҳон буд ва «дар университети немис воқеъ дар Йена то худи қарни XVIII илми тибро аз рӯйи китоби Ибни Сино дарс медоданд». [105, с. 34]

Донишмандони маъруфу соҳибмактаби ғарбӣ, ба мисли Албертии Бузург, Фомаи Аквинӣ, Роҷер Бэкон, Боэтсийи Дакиӣ, Рене Декарт, Спиноза, Лейбнитс, Дунс Скот, Кант ва ғайра аз осори Ибни Сино фаровон истифода бурдаанд. Масалан, Албертии Бузург дар асарҳои ба масоили табиатшиносӣ ва метафизика бахшидааш аз осори Ибни Сино фаровон истифода бурда, ӯро «шоҳи файласуфон» [101, с. 88] мехонд. Дар низоми фалсафии Албертии Бузург, ки дар таърихи фалсафа ҳамчун яке аз асосгузорони схоластикаи доминиканӣ дар Аврупои асримиёнагӣ шинохта мешавад, назариёти «имконият» ва «зарурат»-и Ибни Сино ҷойгоҳи хос дорад. Масалан, Албертии Бузург дар яке аз муҳимтарин асарҳояш таҳти унвони «Метафизика», ки дар заминаи шарҳу тафсири метафизикаи Арасту ва илоҳиёти мутафаккирони мусулмон рӯйи кор омодааст, бо такя ба «Китоб аш-шифо»-и Ибни Сино тафовути бунёдии «вуҷуд» (esse) ва «моҳият» (essentia)-ро қабул карда, ба мисли Шайхурраис ба ин назар аст, ки мавҷудот дар зоти худ «мумкин» ҳастанд ва барои ба вуҷуд омадан ба як сабаби зарурӣ, яъне ба Худо ниёз доранд. Дар вақти баррасии табиати офариниш, фарқ кардани табиати Худо аз махлуқот ва робитаи Холиқу махлуқ низ Албертии Бузург истилоҳоти Ибни Синоро дар бораи «зарурат» ва «имконият» истифода мебарад. [139]

Фомаи Аквинӣ низ ҳарчанд бо ҳама назариёти ба масоили теологӣ бахшидаи Ибни Сино ҳамфикр набуд, вале таълимоташро дар асоси сохтори мантиқӣ ва фалсафии Шайхурраис инкишоф додааст. Эме Форе яке аз муҳаққиқони барҷастаи таълимоти Фомаи Аквинӣ асари «Хулосаи илоҳиёт»-и ӯро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки беш аз 250 маротиба мутафаккир аз Ибни Сино иқтибос оварда аст, [137] ки нишони эҳтирому эътирофи ӯст. Ҳамзамон Фомаи Аквинӣ панҷ бурҳони вуҷуди Худо–далели аввал ба ҳаракат, далели дуюм ба масъалаи сабабият, далели сеюм ба фаҳмиши зарурат ва тасодуф, далели чаҳорум ба тасаввурот дар бораи камолоти ҷаҳон ва далели панҷум мақсаднокӣ ва дорои низоми муайян доштани ҷаҳон иртибот дорад, асосноқ намуд, [19, с. 80-81] ки бо назариёти бурҳонии дар ин мавзуъ матраҳнамудаи Ибни Сино хеле наздик аст.

Файласуфи маъруфи англис ва асосгузори усули таҷрибӣ дар Аврупо Роҷер Бэкон дар қисмати дуюми «Асари бузург»-аш, ки таҳти унвони «Робитаи байни фалсафа ва илоҳиёт» ёд мешавад, Ибни Синоро бузургтарин файласуф пас аз Арасту навишта, таъкид мекунад, ки барои расидан ба моҳияти амиқи мафҳумҳои фалсафӣ бояд забони арабӣ ва осори Ибни Синоро омӯхт. [36, с. 862-877] Ба назари ин ҷониб, Роҷер Бэкон ба он хотир ба ин хулоса расидааст, ки дар замони ӯ осори ба забони лотинӣ тарҷумашудаи Арасту ва Ибни Сино нуқсонҳои зиёд дошт. Аз ин рӯ, Бекон ба ин назар буд, ки барои дарки дурусти мафҳумҳои фалсафӣ забони арабиро, ки қариб тамоми осори Арасту ба он тарҷума шудааст, бояд донист. Инчунин Роҷер Бэкон фалсафаи Ибни Синоро, ки дар заминаи таълимоти арастуӣ шакл гирифта, бештарашон бо забони арабӣ навишта шуда буданд, чун меъёри маърифати фалсафӣ пазируфта буд. Ҳамзамон Бэкон таъсири мустақим аз назарияҳои дар бораи нур ва оптика ироанамудаи Ибни Ҳайсам ва Ибни Сино гирифтааст ва худаш низ онро эътироф мекунад ва борҳо дар ин масъала ба «Китоб-уш-шифо»-и Ибни Сино истинод мекунад.

Дар осори Боэтсийи Дакиӣ дар масъалаи қадим будани олам ба Ибни Сино борҳо истинод шудааст. Махсусан, дар фалсафаи табиӣ Боэтсий ҷонибдори

ҳамеша будани ҳаракат ва модда буда, ин мавқеи Ибни Синоро пайгирӣ мекунад ва ратсионализми ӯро инкишоф медиҳад. Дар масоили эмонатсия низ Боэтсий аз усули метафизикии синоӣ истифода мекунад. [34, с. 260-278]

Дунс Скот низ дар масъалаҳои гуногуни фалсафӣ, махсусан метафизика ва маърифатшиносӣ, аз Форобӣ ва Ибни Сино пайравӣ карда, баъзе андешаҳои Шайхурраисро қариб бетағйир барои бунёди низоми фалсафии худ истифода бурдааст, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо бо ӯ ихтилофи назар ҳам доштааст. Дунс Скот ба мисли Ибни Сино мавзуи метафизикаро илм дар бораи «вуҷуд» ҳисобида, бо назариёти пешвоёни схоластика, ки мавзуи метафизикаро бештар ба Худо ва ҷавҳарҳо рабт медоданд, мухолифат намудааст. Ӯ назари моҳиятии Ибни Синоро пазируфта, ба натиҷае расид, ки моҳият дар худии худ на куллӣ аст ва на ҷузъӣ, балки як чизи бетараф аст, ки метавонад ҳам дар зеҳн ва ҳам дар хориҷ аз он вуҷуд дошта бошад.

Хулоса, таҳлили мероси илмии Форобӣ ва Ибни Сино нишон медиҳад, ки онҳо танҳо асосгузорони фалсафаи машшоъияи шарқӣ набуда, балки пайвандгари тамаддунҳои шарқиву ғарбӣ, махсусан тамаддуни Юнони бостон ва тамаддуни исломӣ ба ҳисоб мераванд ва дар ташаккули фалсафаи манотиқи мазкур саҳми бориз гузоштаанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки муҳити шуҳрату интишори фалсафаи Форобӣ бо вуҷуди иқтидори қавии фикрӣ дар таъсиргузорӣ нисбати фалсафаи Ибни Сино маҳдудтар аст. Зеро таъсири орои фалсафии Форобӣ бештар дар доираи ҷаҳони ислом маҳдуд гардидааст, аммо таъсири ҳикмати Ибни Сино ин марзҳоро убур намуда, дар осори муҳаққиқони Аврупову Африқо инъикос гардидааст ва китобҳояш ба забонҳои зиёде тарҷума шуда, дар барномаи таълимии донишгоҳу донишкадаҳои гуногуне роҳ ёфтааст. Таълимоти фалсафиву мантиқии онҳо ба тафаккури мутафаккирони минбаъдаи мусулмон, ба мисли Ибни Рушд, Ибни Боҷҷа, Ибни Туфайл, Насириддини Тӯсӣ, Ғаззолӣ, Ибни Халдун ва ғайра таъсири амиқ гузошта аст. Ҳатто мухолифони онҳо, ба мисли Ғаззоливу Ибни Халдун таҳти таъсири онҳо дар ғановати минбаъдаи фалсафа саҳми бориз гузоштаанд. Дар заминаи таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино назариёти фалсафии донишмандони маъруфи ғарбӣ низ, ба мисли Албертии Бузург, Фомаи Аквинӣ, Роҷер Бекон, Раймунд Луллий, Леонардо Бруно, Спиноза, Лейбнитс, Эрнест Ренан, Этен Жилсон ва дигарон ташаккул ёфтааст.

Мушаххас карда шуд, ки Фаробӣ аввалин мутафаккирест, ки низоми мукаммали фалсафаи сиёсӣ ва мантиқи Арастуро бо ҷаҳонбинӣ ва ақоиди исломӣ омезиш дода, консепсияи давлатдории афлотуниро азнавсозӣ карда, заминаи фалсафаи сиёсии исломиро гузошт ва Ибни Сино ин низоми фалсафии тарҳрезинамудаи ӯро ба авҷи аъло расонид.

Ин ду мутафаккир бори аввал масоили мутафизикиро бо мантиқи илмӣ даромехтанд, ки ин раванд боиси гузариши тафаккури асримиёнагӣ ба давраи Эҳё ва шаклгирии методологияи муосири илмӣ дар ҳар ду ҳавзаи фарҳангӣ гардид ва дар заминаи назариёти онҳо донишмандон, махсусан муҳаққиқони Ғарб, кашфиёте намуданд, ки манзари ҷаҳонро барои мухаққиқони минбаъда дигаргун намуд. Чуноне ки Роҷер Бэкон дар заминаи омӯзиши назариёти синоии нур ва рад намудани он, асоси оптикаи муосирро гузошт.

Дар заминаи таҳқиқи осори манзуми Ибни Сино масоили гуногуни адабиётшиносӣ инкишоф ёфт, донишмандони шарқиву ғарбӣ дар ин росто баҳсҳои фаровони илмӣ намуда, ҷанбаҳои мухталифи норавшани ин соҳаро равшан намуданд ва як гурӯҳи мутахассисони соҳа Шайхурраисро чун муассиси рубоиёти фалсафӣ дар таърихи адабиёти тоҷик пазируфтаанд.

ХУЛОСА

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ дастовардҳои илмии зерин муайян карда шуданд.

1. Густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI ба омилҳои гуногуне вобаста аст, ки муҳимтаринашон: дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI давлатҳои нисбатан мустақил ба вуҷуд омаданд, ки дар натиҷа суботи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа таъмин гардида, илм дар ҷомеа мақом пайдо намуд ва заминаҳои институтсионалии инкишофи фалсафа ба вуҷуд омад. Шаҳрҳои нисбатан бузургтарири Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI ба марказҳои илмӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ табдил ёфта, муҳити созгоре барои мубодилаи фикру андеша дар миёни ҷомеа ба вуҷуд оварданд, ки дар натиҷа, фалсафа аз доираи фаъолияти инфиродӣ фаротар рафта, ба касби иҷтимоӣ мубаддал гашт, ки ин низ аз омилҳои асосии инкишофи ин илм дар ин давра аст. Дар заминаи дастрасӣ бо осори донишмандони форсии қадиму миёна, юнонӣ, римӣ, ҳиндӣ, сурёнӣ ва ғайра олимони маҳаллӣ ба фалсафаи классикӣ ошноӣ пайдо намуданд, ки омезиши фарҳангҳоро ба вуҷуд оварда, боиси инкишофи фалсафа гардид. Муҳити илмиву иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон боиси ба низом даромадани донишҳои фалсафӣ дар ин минтақа шуд, ки дар ин саҳми мутафаккирон, махсусан Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино бештар аст, зеро онҳо аз аввалин файласуфони ҷаҳони ислом буданд, ки илмҳои фалсафиро муназзам сохта, забони фалсафиро ба таври мушаххас роҳандозӣ намуданд ва бо кӯшиши Ибни Сино фалсафа аз қолаби арабӣ берун оварда шуд ва ҳазорҳо истилоҳоти илмӣ бо забони тоҷикӣ сохт, ки он заминаҳои мустаҳками инкишофи фалсафаро гузошт. **[1-М], [2-М], [3-М], [27-М].**

Сарчашмаҳои ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино гуногун бошанд ҳам, дар ин миён фалсафаи Афлотуну Арасту, навафлотуния ва анъанаҳои мазҳабии зардуштия, яҳудия, масеҳия ва ислом низ ҷойгоҳи хос доранд ва метавон ба таври зер чунин натиҷагирӣ намуд: метафизика ва таълимоти сиёсии ҳарду мутафаккир асосан дар заминаи назарияи эйдоси Афлотун шакл гирифтаанд; бунёди методологии таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дар асоси мантиқу фалсафаи Арасту ташаккул ёфта, он ба фалсафаи ин ду мутафаккир шакли мантиқӣ ва низом бахшида бошад ҳам, онҳо тавонистанд бо ворид кардани навгониҳо ва мутобиқ намудани он бо афкори замонашон консепсияи нави фалсафӣ коркард намуда, дар заминаи таълимоти навафлотуния ҳарду мутафаккир ба мутобиқ гардонидани фалсафаву дин иқдом намуданд ва Форобӣ консепсияи «файз» ва Ибни Сино марҳилаҳои вуҷудро коркард намуданд; ҳарчанд омилҳои яҳудия ва масеҳия бевосита дар афкори мутафаккирони мо ба назар нарасанд ҳам, аммо унсурҳои гуногуни назарияи офариниш, тавҳид, ваҳй, нубувват, муҳокимаҳои метафизикии донишмандони ин мазҳабҳо бо роҳҳои мухталиф, махсусан тавассути тарҷума ва муҳити фарҳангӣ ба онҳо таъсир гузоштааст. **[1-М], [2-М], [3-М], [12-М].**

Таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино сарчашмаи ягона надошта, дорои машраби мухталифе мебошанд, ки дар баъзе масъалаҳо бо ҳам мувофиқати комил надоранд. Муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Синоро ба замми таълимоти афлотуниву арастуӣ, навафлотуния ва ориёӣ инчунин ақоиди исломӣ низ ташкил медиҳанд ва онҳо дар муайян намудани мазмуну моҳияти фалсафа, ҳастишиносӣ, назарияи маърифат, тасаввурот оид ба ҳастии мутлақ, таснифи илмҳо, истифодаи мақулоти фалсафӣ, мушаххас сохтани мавзуи метафизика, масоили ахлоқ, сиёсат ва усули таҳқиқу сохтори осорашон асосан аз равиши ин мактабҳои фалсафӣ истифода намудаанд. Баъзе аз ин сарчашмаҳо, ба мисли таълимоти фалсафии Афлотуну Арасту, навафлотуния ва ҳикмати исломӣ

таъсироти назаррастару бевосита гузоштаанд, чун мафҳумҳо ва мавзуъҳои асосии бахсҳои онҳо аз бисёр ҷиҳат ҳамоҳангӣ доранд. Инчунин таъсири сарчашмаҳое низ, ба монанди таълимоти фалсафии ориёитаборон дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино бо сароҳат эҳсос мешаванд, ҳарчанд онҳо ба мисли таълимоти фалсафии Юнони бостон ва асримиёнагии шарқӣ пуртаъсир нестанд. **[1-М], [2-М], [3-М], [10-М], [12-М], [13-М], [27-М].**

Ақоиди фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ҳарчанд мушобиҳати зиёди шакливу маъноӣ доранд, аммо тафовути ҷавҳарӣ низ дар онҳо мушоҳида мешавад. Форобӣ дидаву дониста андешаҳои фалсафии худро пардапечона, бо рамзу роз баён намудааст, ки моҳияти онро танҳо аҳли ҳикмат пай бурда тавонанд. Ибни Сино бошад, мекӯшид, ки бо иборoти фаҳмову сода афкорашро баён кунад. Форобӣ дар масоили зиёди фалсафӣ меъёри воқеиятро афкори ҳакимони юнонӣ, махсусан андешаҳои Афлотуну Арасту меҳисобид, Ибни Сино бошад, танҳо ҳамон андешаҳои ҳакимони юнониро мепазируфт, ки исботи мантиқӣ дошта бошанд ва дар тарозуи ақл бигунҷанд. Форобӣ бештари афкори фалсафиашро бо такя ба Афлотуну Арасту баён намудааст, дар ҳоле ки Ибни Сино барои дарёфти ҳақиқат ба ақлу мантиқ такя мекард, на ба андешаи ҳакимон. **[1-М], [10-М] [14-М] [15-М].**

2. Дар ҳастишиносии асримиёнагӣ Форобӣ ва Ибни Сино аз навоварону назариянпардозон ва муассисони фалсафаи навин буда, масъалаҳои матраҳнамудаи онҳо минбаъд мавзуи таҳқиқоти файласуфони зиёде қарор гирифтааст. Форобӣ масоили ҳастишиносиашро ба ду бахш ҷудо мекунад. Дар бахши аввал, мабоҳиси куллии ҳастӣ, ба мисли вуҷуду моҳият, ҳастии билқувва ва билфеъл, ҷавҳару араз, иллату маълул ва амсоли инҳо таҳлилу баррасӣ мегарданд. Дар бахши дуюм, масоили марбут ба Воҷиб-ул-вуҷуд, сифот ва афъоли вай, дар робита бо далелҳои исботи ҳастии ӯ матраҳ мегарданд. Ибни Сино таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф ва аз таъриф мустағнӣ ҳисобида, ба он маротиби панҷгона қоил аст. Мутафаккир дар заминаи назарияи тачаҳҳури аҷсом ҳастиро ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо мекунад ва атрофи ин мафҳумҳо ва шаклҳои онҳо баҳси муфассале меорояд, ки дар асоси онҳо тафовути равиши ӯ аз усули мутакаллимон ва табиатшиносон равшан мешавад. **[1-М], [4-М], [5-М], [6-М], [13-М], [18-М].**

Форобӣ ва Ибни Сино барои маърифати ҳастӣ истилоҳоте, ба мисли «мафҳум», «моҳият» ва «шакл»-ро истифода бурда, маъноҳои онҳоро ба таври ҷудогона баррасӣ намудаанд. Мафҳуми ҳастӣ, ба назари онҳо, шакли андеша аст, ки мавҷудияти моддиро дар зеҳн инъикос мекунад. Он натиҷаи тафаккури ақлӣ буда, василаи маърифати воқеӣ аст. Моҳият бошад, ҳақиқати чиз аст, ки бо ҷавоби суоли «ин чист?» айният дорад. Агар Форобӣ ба масоили мантиқии ин мавзуъ таваҷҷуҳи бештар дошта бошад, Ибни Сино робитаи онро бо ҳастии воқеӣ нишон медиҳад. **[1-М], [2-М] [16-М], [17-М].**

Форобӣ ва Ибни Сино ҳаракатро яке аз сифатҳои мавҷудияти модда меҳисобанд. Аммо Форобӣ дар заминаи баррасии масоили марбут ба ақл ба вуҷуд омадан, аз байн рафтан ва таҳаввулотро низ ҳаракат меҳисобад. Пас ӯ ҳаракатро ҳамчун низоми космологӣ таҳлил намуда, онро танҳо ба ҷисм маҳдуд намекунад, балки унсури сохтории тартиби ҳастӣ меҳисобад ва замонро ҳамчун натиҷаи ҳаракати афлок пазируфта ба қадим будани он қоил аст. Форобӣ дар ин масъала асосан ба таълимоти арастуӣ такя менамояд, ки бо он равиш сабабҳои аслии ҳаракатро мушаххас карда наметавонист. Аммо бисёр ҷанбаҳои норавшани онро бо далоили мантиқӣ тавонистааст равшан намояд, ки ҳама гуна тағйироту инкишофро ҳамчун ҳаракат баррасӣ намудани ӯ аз ин ҷумла аст, ки дар фалсафаи муосир низ

арзишманд мебошад. Инчунин, ӯ тавонист муайян намояд, ки ҳаракати ҷисм дар ҳолати беҳавоӣ сифати табииашро гум мекунад ва ба таъсири беруна нигаронида мешавад. **[1-М], [20-М], [24-М].**

3. Нуктаҳои умдаи таълимоти Форобӣ дар бораи ҳаракат, замон, макон, робитаи онҳо бо ҳаюлову ҷисмҳои моддӣ, ҳамзамон азаливу абадӣ будани онҳо дар ин мавзуъ мушаххас гардид. Форобӣ ҳама гуна тағйироту инкишофро дар доираи мақулаи ҳаракат баррасӣ намуда, ба ин назар аст, ки он ибтидо ва интиҳои замонӣ надорад ва дар маҷмуъ ҳаракатро ба чаҳор қисм – вазъӣ, маконӣ, миқдорӣ (каммӣ) ва сифатӣ (кайфӣ) ҷудо мекунад. Ӯ ҳарчанд ҳаракати ҷавҳариро намепазирад ва муътақид аст, ки ҳаракат дар ҷавҳари ашё вуҷуд надорад, аммо ҳаракоти дохилии ашёро эътироф карда, онро ба табиӣ ва нафсонӣ ҷудо мекунад. **[1-М], [24-М].**

Инчунин Форобӣ зимни таҳлили мавзуи ҳаракат кӯшидааст мазмуну моҳияти ҳаракатҳои мустақим ва навъҳои он, ҳаракатҳои табииву иродӣ, иттифоқӣ ва амсоли онҳоро, ки дар таълимоти Арасту мушоҳида мешаванд, равшан намояд. Мутафаккир вуҷуди замону маконро ба ҳастии ҳолоти ҳаракати ҷисмҳо ва маҳалли онҳо вобаста дониста, макони мутлақан холиро қабул надорад ва замонро низ моддӣ ҳисобида, муътақид аст, ки агар ҳаракат набошад, замон низ нест. **[1-М], [20-М], [24-М].**

Ибни Сино низ ҳаракатро арази зотии ҷисмҳо меҳисобад ва аз аввалин намояндагони машшоияи шарқист, ки шаклҳои ҳаракатро ба тафсил таҳлил намуда, онҳоро тақсимбандӣ намудааст. Мувофиқи тақсимоти ӯ, ҳаракат ибтидоан ба се қисм ҷудо мешавад. Дар тақсими аввал гузариш аз қувва ба феъл ба назар гирифта мешавад, ки бо таснифоти Фороб мувофиқат дорад ва он фарогири чор шакли ҳаракат – маконӣ, вазъӣ, миқдорӣ ва сифатӣ аст. Дар тақсими дувум ҳолатҳои ҳаракат ё сарчашмаи зуҳур ба назар гирифта мешавад ва дар навбати худ шомили ҳаракатҳои аразӣ, каспӣ ва табъӣ мебошад. Дар тақсими сеюм ниҳод ва сифоти ҳаракат ба назар гирифта мешавад, ки ҳаракоти даврӣ ва мустақимро фаро мегирад. Ин таснифоти Ибни Сино ҳарчанд бо назариёти ба масоили ҳаракат марбути Форобӣ монандӣ дошта бошад ҳам, мутафаккир кӯшидааст навъҳои ҳаракат ва сарчашмаи зуҳури онҳоро дақиқ нишон диҳад ва дар ҳалли ин масъалаҳо саҳми назаррас гузошта аст. Ҳаракату замону маконро Ибни Сино мисли модда қадим меҳисобад. Ӯ муътақид аст, ки замон миқдори ҳаракат мебошад ва ҷонибдори назарияи нисбияти замон аст. Макон низ ба монанди ҳаракату замон хосияти ҷисм ва шарти моддии ҳаракат аст. Мутафаккир кӯшидааст, ки ба воситаи субути ҳастии воқеии макон, робитаи онро бо замону ҳаракат исбот намояд. **[1-М], [20-М], [24-М].**

Дар навъҳои ҳаракат ва робитаи он бо сабаб низ дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино ҳамоҳангӣ мушоҳида мешавад. Ҳар ду мутафаккир ба анвои маконӣ, сифатӣ ва миқдории ҳаракат қоиланд ва муътақиданд, ки ҳар ҳаракат сабабе дорад ва бе ҳаракатдиҳанда он ба вуқуъ намеояд. **[1-М], [20-М], [24-М].**

4. Назарияи ҷавҳар ва араз дар ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино тавассути равиши метафизикӣ равшан карда мешавад. Ҳарду мутафаккир дар миёни ҷавҳару араз робитаи устувор нишон медиҳанд. Ибни Сино дар заминаи мақулаҳои даҳгонаи арастуӣ ба тавсифи масъалаи ҷавҳар ва араз мепардозад, вале дар шинохти ин мақулаҳо ба таълимоти Арасту билкул пойбанд намонда аст. Ӯ бо ироаи афкори тоза, бо такя ба андешаҳои дар ин боб баённамудаи Форобӣ, ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, назари вуҷудии Арастуро нисбати ҷавҳар намепазирад ва ба он диди моҳиятӣ дорад. Аз ин рӯ, Ибни Сино Вочиб-ул-вуҷудро аз доираи ҷавҳару араз берун баррасӣ менамояд. Ба замми монандиҳо дар масъалаи ҷавҳар ва

араз дар таълимоти ин мутафаккирон тафовутҳо низ мушоҳида гардид, ки ба таври зайланд: Форобӣ ҷавҳарро ба «аввалия» ва «сонавия» ҷудо намуда, ба ҷавҳари аввалия афзалият медиҳад, аммо ба ин назар аст, ки ҳақиқати ашёро мафҳумҳои куллӣ ташкил медиҳанд, ки ҷавҳарҳои сонавия мебошанд. Ибни Сино ин назари Форобиро қисман пазируфта, ба ислоҳи он мекӯшад ва ба натиҷае мерасад, ки ҷавҳари куллиёт танҳо дар зеҳн ҷавҳар аст. Дар хориҷ танҳо ҷавҳари фардӣ вуҷуд дорад. Ҳамзамон Ибни Сино ба истилоҳи «ҷавҳари сонавия», ки Форобӣ онро асосан ҳамчун як истилоҳи мантиқӣ истифода карда ва бо диди онтологӣ тавоҷуҳ намуда, куллиётро «арази зеҳнӣ» меҳисобад. Форобӣ ақлҳоро ҷавҳарҳои муҷаррад ҳисобида, асосан онҳоро дар доираи нуфуси самовӣ ва назарияи судур баррасӣ мекунад. Ибни Сино бошад, мекӯшад исбот кунад, ки ҷавҳарияти нафс ба далели он аст, ки вай «дар мавзуъ» нест. **[1-М], [21-М], [25-М].**

5. Форобӣ оламро ҳамчун низоми бо ҳадафи мушаххас ба вуҷудомада эътироф мекунад ва мутмаин аст, ки он тавассути донишҳои ҳиссиву ақлӣ маърифатпазир аст. Ӯ донишҳои ақлиро бо тафаккури мантиқӣ муҷаҳҳаз намуда, баландтарин зинаи маърифат меҳисобад. Ба андешаи ӯ, ақл, ки воситаи асосии маърифати воқеият мебошад ва бидуни он шинохти ҳақиқат воқеӣ нест, ниёз ба парвариш дорад, ки он ба василаи шуғли мудовим ба дониш ва даст меояд. **[1-М], [19-М], [21-М].**

Ибни Сино низ оламро маърифатпазиру муназзам медонад ва низоми фалсафие коркард намудааст, ки дар он идрок тавассути таҷрибаҳои ҳиссӣ шакл гирифта, бо ақл ва нафс такмил меёбад. Ӯ мартабаҳои идрокро эҳсос, хаёл, ваҳм ва тааққул медонад ва ин мафҳумҳоро дар муқоиса бо Форобӣ ба таври дақиқтару муфассалтар шарҳу такмил додааст. **[1-М], [15-М], [19-М], [23-М], [32-М].**

Форобӣ ва Ибни Сино ҳар ду ҳисро сарчашмаи ибтидоии маърифат медонанд, аммо аввалӣ ба тасаввур ва дуюмӣ ба эҳсоси ботинӣ бештар тавоҷуҳ намудаанд. Онҳо дар масъалаи идроки олам аз ҷониби инсон ба қудрати ақл баҳои мусбат медиҳанд, аммо Форобӣ ба мантиқу таҷриба бештар такя мекунад, вале ахёнан Ибни Сино аз доираи баҳси фалсафӣ берун меравад ва махсусан дар мавриди ақли фаъол ба илоҳиёту ирфон майл мекунад. **[1-М], [19-М], [26-М].**

Дар мавриди ҳудус ва қидами олам Форобӣ ва Ибни Сино андешаҳои муштарак доранд. Ҳар ду ҳам кӯшидаанд масоили дар ин боб матраҳнамудаашон зоҳиран аз доираи ақоиди динӣ берун наравад. Форобӣ мафҳуми «қадим»-ро ба Худо зотӣ ва дар мавриди олам нисбӣ медонист. Ибни Сино низ ба мисли Форобӣ оламро қадим медонад, аммо он вобастаи Воҷиб-ул-вуҷуд аст. Ҳар ду мутафаккир ба хилофи мутакаллимон, ки мафҳуми «қадим»-ро шарҳи динӣ медоданд, онро аз лиҳози фалсафӣ тафсир намудаанд, яъне вуҷуди зарурии вобаста ба сабаби аввал. Аз ин дидгоҳ, олам ҳодис набошад ҳам, аммо бо зоти Худо аз лиҳози шарофат, табъ ва маълулият баробар нест. **[1-М], [19-М], [23-М].**

Форобӣ ва Ибни Сино маърифатро ҳамчун раванди тадриҷии шинохти табиату инсон меҳисобанд, ки аз ҳисс оғоз мешавад ва дар марҳилаи донишҳои ақлонӣ такмил меёбад. Ҳар ду мутафаккир маърифатро муқаддамотӣ ба таври умум ба ҳиссӣ ва ақлӣ ҷудо мекунанд, аммо дар таълимоти онҳо тафовутҳо низ, ҳарчанд ҷузъиянд, мушоҳида мешавад, ки ба раванди ташаккулёбии маърифат ва дараҷаи таҳлили он рабт дорад. Форобӣ раванди маърифатро ба ҳисс, тасаввур, ақл, ҳадс ва бурҳон рабт дода, ҳар кадоми онҳоро шакли алоҳидаи маърифат меҳисобад, аммо Ибни Сино ин шаклҳоро ба таври муфассал таҳлил намуда, нақши ҳар кадоми онҳоро равшантар бозгӯ менамояд ва дар ин замина таснифоти шаклҳои дигаре, амсоли бадеҳӣ, зарурӣ ва назарӣ (ақлӣ)-ро матраҳ мекунад ва қуввaҳои

ҳиссро хеле возеҳу густурда баён мекунад. **[1-М], [15-М], [19-М], [22-М].**

Форобӣ асосан ба масоили маърифатӣ аз дидгоҳи фалсафаву мантиқ таваҷҷуҳ намуда, ҷанбаи назарии онро таҳлил намудааст, Ибни Сино бошад, бо такя ба таҷриба ҷанбаҳои равониву физиологии онро шарҳу баён мекунад. Аз ин рӯ, дар таснифоти Ибни Сино маърифати фаъол ва ғайрифаъол низ чойгоҳи хос дорад. Ҳамзамон Форобӣ асоси такомули маърифатро ба Ақли фаъол нисбат медиҳад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба замми он қобилияти ҳадсро низ тавсиф намуда, онро чун қобилияти идрок ва чун навъи маърифат таҳлилу баррасӣ намудааст. **[1-М], [15-М], [23-М], [32-М].**

6. Форобӣ ба масъалаи нафс чун камоли ҷисми зинда таваҷҷуҳ намудааст. Аз дидгоҳи ӯ, нафс азалӣ нест, балки бо ҷисме, ки омодааст то онро бипазирад, ҳодис шудааст. Нафсҳои наботиву ҳайвонӣ бо фанои ҷисм аз байн мераванд, аммо нафси нотиқа, агар саодатро шинохта ва барои расидан ба он кӯшидааст ё саодатро шинохта, вале онро напазируфтааст, абадист. Ин масъала асосан дар чаҳорчӯбаи кайҳонмарказияти юнонӣ матраҳ гардидааст. Ба назари ӯ, нафс дар бадан нест, вале қувваҳои гуногунаш, ки тавассути онҳо дар ашё тасарруф мекунад ва ба мисли абзори ӯянд, дар бадан воқеъанд. Ин қуввахо байни нафсу бадан муштараканд ва аз қувваи амалия баромадаанд. Форобӣ кӯшидааст муайян намояд, ки маърифати саодат сабаби аслии бақои инсон баъди маргаш аст. Сарнавишти инсон ба идроки ақлони ӯ нисбати саодати ҳақиқӣ бастагӣ дорад. **[1-М], [18-М], [25-М].**

Ибни Сино қуввахои инсониро ҳамчун фарьи нафс баррасӣ менамояд. Нафс, ба назари ӯ, ба мавҷудоти зинда мутааллиқ буда, нафсҳои наботиву ҳайвонӣ ҷисмонӣ мебошанд ва ҳастиашон низ комилан ба ҷисм вобаста аст. Аммо нафси инсонӣ хусусияти ҷавҳарӣ дошта, ҳарчанд бо ҷисм ба вуҷуд меояд ва ҳодис ҳаст, аммо ҷисмонӣ набуда, камоли ҷисм мебошад ва пас аз фанои ҷисм низ абадӣ боқӣ мемонад. **[1-М], [18-М].**

Форобӣ ба ҷавҳарияти нафс қоил аст, аммо Ибни Сино ба ҷавҳарияти руҳонии нафс бовар дорад. Форобӣ нафсро камоли аввали ҷисми табиӣ меҳисобад, Ибни Сино онро ҷавҳари ғайримоддии мустақиле медонад, ки илова ба камол ҳастии худӣ дорад. Дар таълимоти фалсафии ҳар ду мутафаккир масоили нафс ҳам ҷанбаи онтологӣ ва ҳам гносеологӣ доранд, аммо Форобӣ онро чун як қисмати космологӣ баррасӣ мекунад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба он асосан чун василаи маърифати олам ва сарчашмаи идроку тафаккуру ақл муносибат мекунад. **[1-М], [18-М], [21-М], [25-М].**

7. Таълимоти ахлоқии Форобӣ дар баробари мактатабҳои классикӣ, ҳамзамон аз ҳавзаи арастуии Бағдоди асри Х ва ақоиди исломӣ сарчашма гирифтааст. Дар афкори ахлоқии Форобӣ масъалаи саодати воқеӣ мақоми меҳварӣ дорад ва тамоми мақулоти ахлоқии матраҳнамудаи ӯ дар ин доира чарх мезананд. Саодати воқеӣ бо «камоли ниҳоӣ» ва «хайри мутлақ» дар фаҳмиши Форобӣ муродиф буда, инсон дар заминаи муҷаррад шудан аз модиёт ва пайвастан ба муҷаррадот ба он шарафёб мегардад. **[7-М], [8-М], [9-М].**

Ибни Сино мақулаҳои ахлоқро дар доираи мафҳумҳои некӣ ва бадӣ таҳлил менамояд, ки бо назариёти илми ахлоқи муосир мувофиқат дорад. Фазоили ахлоқиро Ибни Сино дар пояи адолат баррасӣ мекунад. Ӯ моҳияти ахлоқро хайри инсон медонад, ки илми ахлоқ онро таҳқиқ мекунад. Ибни Сино дар масоили ахлоқ ба мисли аксари мутафаккирони қаблӣ дарёфти хайрро ғоят меҳисобад, аммо равиши ӯву Форобӣ аз ҳам фарқ мекунад. Форобӣ ба мисли Афлотун дар заминаи равиши метафизикӣ хайри сиёсиро бо тарҳи арзишҳои мутлақ ва дар шароити

ормонӣ ҷустуҷӯ мекунад. Ибни Сино бошад, ба мисли Арасту равиши ҳисгарой ва ақлгароиро пеша мекунад ва ба арзишҳои вуҷудӣ, ки дастрасӣ ба онҳо танҳо тавассути хирад имконпазир аст, такя мекунад ва аз равиши диалектикӣ низ фаровон истифода мебарад. **[7-М], [8-М], [9-М], [26-М].**

Дар масъалаи давлат ва ҷомеа бошад, Форобӣ бештар ба донишҳои назариявӣ такя мекунад, аммо Ибни Сино ба он биниши ҳуқуқӣ дошта, ба амалия рабт медиҳад. Форобӣ зарурати муносибатҳои иҷтимоиро барои дарёфти саодати таҷридӣ мебинад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба зарурати қонун тамоюли бештар дорад. Дар масъалаи раиси ҷомеа ё роҳбари давлат андешаҳои онҳо ба ҳам наздик аст, аммо Форобӣ онро дар симои паёмбар ё файласуф дидан мехоҳад, ки дар заминаи ахлоқ, фазилат ва дониш ташаккул ёфтааст. Ибни Сино низ роҳбарро дар симои паёмбар тасаввур мекунад, аммо аз сабаби он ки шахсеро мисли ӯ дар ҳама давру замон наметавон пайдо намуд, ӯ ҷонишини паёмбарро, ки бо сифоти ҳамидае, амсоли ҷавонмардӣ, ҷасурӣ, оқилӣ бошад, мепазирад, ки аз ҷониби мардум интихоб мешавад ва барои танзими иҷтимоъ ӯ қонун ва адолатро дар мадди аввал қарор медиҳад. **[7-М], [8-М], [26-М].**

Таълимоти сиёсии Форобӣ ҳамчун омили бавуҷудорандаи фалсафаи нав гардидааст, ки минбаъд ба унвони фалсафаи исломӣ шинохта мешавад. Он дар заминаи фалсафаи классикӣ ва таълимоти исломӣ ба вуҷуд омада, дар тафаккури сиёсии мутафаккирони минбаъда, махсусан Ибни Сино таъсири назаррас гузоштааст ва дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии муосир низ кӯмак хоҳад кард. Форобӣ ҷомеаи ормониро дар шакли мучаррад тасаввур намуда, онро «мадинаи фозила» меномад ва сохтори идоракунӣ ва роҳбару сифоти онро баён намудааст. **[29-М], [30-М] [33-М], [34-М].**

Ибни Сино ҳарчанд дар ин мавзуъ нисбати Форобӣ таълифоти камтар дорад, аммо афкори сиёсии ӯро тақвият бахшидааст. Ӯ инсонро ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ баррасӣ намуда, мавҷудияти давлати ормониро аз муҳимтарин воситаҳои дастрасӣ ба саодат меҳисобад. Мутафаккир омилҳои ташаккули давлат, навъҳои он ва зарурати таърихиашро нишон дода, аҳаммияти ташкили давлатро дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҳлил намудааст. **[5-М], [6-М], [28-М].**

Фалсафаи сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино намунаи равшани таҳаммулгароии сиёсӣ ба ҳисоб рафта, дар он алоқаи сиёсат, ахлоқ ва маърифат дар сатҳи баланд нишон дода шудааст, ки дар инкишофи афкори сиёсии минбаъда таъсири назаррас дорад. **[5-М], [6-М], [28-М].**

